**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Ба ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 67.99(2Т)0

**ТБК:** 34

**З-**96

**ЗУҲУРЗОДА ШАҲЛО ДАВЛАТМУРОД**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ФАЪОЛИЯТИ СУЛҲОФАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Зоир Ҷ.М.**

**Душанбе – 2026**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ ................3**

**МУҚАДДИМА……………………………………......……………........4**

**БОБИ 1. ФАЪОЛИЯТИ СУЛҲҶӮЁНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАНЗИМИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚӢ ........................................................18**

1.1. Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ......................................................................18

1.2. Фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлати ҳуқуқбунёд.........................................................................................47

**БОБИ 2. НАҚШИ ФАЪОЛИЯТИ СУЛҲОФАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶӢ..........................................................................67**

2.1. Сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар ...........................................................................67

2.2.Ташаббусҳои байналмилалии сулҳофарии Пешвои миллат..............99

**БОБИ 3. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ - КОНСТИТУТСИОНИИ МАҚОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН .......................................107**

3.1. Мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон .......................................................................107

3.2. Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ...................................................................120

3.3. Самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мувофиқи таъиноти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти иҷтимоии он ......................................................................139

**ХУЛОСА .......................................................................................166**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ...............................................................................................171**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО) ..................................................172**

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ...........................................................................186**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

**ҶТ -** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС -** Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ИДМ –** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ИМА –** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**КМИР –** Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ

**ММ –** Маҷлиси Миллӣ

**МН –** Маҷлиси Намояндагон

**МО –** Маҷлиси Олӣ

**ҶМШС –** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**ПБҲШС –** Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ

**ФР –** Федератсияи Россия

**ЭУҲБ –** Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

**МЛН -** Миллион

**ғ** - ғайра

## МУҚАДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Инсоният дар охири асри XX зери таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ва объективию субъективӣ таърихи ояндаи худро бо роҳҳои мураккаб ва пурпечутоб, бо ном «омилҳои давлати демократӣ» сохтани мешуданд, ки дар асл ноустувории худро дар назди воқеият эҳсос намуда, ба душвориҳои нави ҷаҳонишавӣ, интиқоли иҷбории ҳуқуқу озодиҳо, интиқол ва таҳияи инқилобҳои сохта, афзоиши таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ ба монанди савдои одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, яроқ, афзоиши экстремизм ва терроризм рӯ ба рӯ шуд.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон дар давраи навини худ, баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ба майдони манфиатҳои рақобатшавандаи давлатҳои абарқудрат табдил ёфт. Ба хусус, кишварҳои абарқудрат ният доштанд, ки дар Тоҷикистон давлати исломиро таъсис диҳанд ва ба сари қудрат гумроҳону хоинони миллатро гузоранд. Миллати тоҷик дар сарҳади бархурди режимҳои исломию дунявӣ, дар муҳити мунокишаҳои манфиатҳои миллӣ, ба эълони истиқлолияти худ пардохт.

Дар натиҷаи талошҳои пайваста ва муборизаҳои тӯлонӣ, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки оғози марҳалаи нави таърихии давлатдории Тоҷикистон гардид.

Сулҳи тақдирсози миллати тоҷик роҳи душвор ва мураккабро тай кард, ки оғози он бо Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Пешвои кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо савганди мардонагии худ, ки бо ибораи «Ман ба Шумо сулҳ меоварам», оғоз гардид, роҳҳои таъмин ва барқарорсозии сулҳ дар кишвар ва ҳамоҳангсозии миллатро бар дӯш гирифт.

Ба шарофати кӯшишҳои пайвастаи панҷсола, ӯ на танҳо ҷангро қатъ намуд, балки дар таъмини сулҳ ва баргардондани муҳоҷирон ба Ватан низ

нақши калидӣ гузошт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ӯ миллатро ба ду гурӯҳ – ғолибу мағлуб ҷудо накард ва савганди худро, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан баргардонид, ба иҷро расонид.

Қобили зикр аст, ки дар роҳи пурошӯбу душвори таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ нақши шахсии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ниҳоят назаррас буд. Шуҷоат, ҷасорати нотакрор, фаросати баланди сиёсӣ ва рӯҳи мардумпарваронаи ӯ сабаб гардид, ки дар шароити хатарноки ҷанг ҷони худро ба хатар гузошта, барои расидан ба сулҳ ва ваҳдати миллӣ талошҳои бемисл намояд. Сафарҳои пурхатар, мулоқотҳо бо ҷонибҳои мухолиф ва мубориза пайгиронаи ӯ дар ниҳоят боиси барқарор гардидани сулҳу субот дар саросари Тоҷикистон шуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба низои хонумонсуз хотима бахшида, сохти конститутсиониро дар мамлакат барқарор намуд. Иродаи сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери фишори хоинона ва душманонаи бадхоҳони миллат шикаст нахӯрд ва ӯ тавонист бо ҷасорату далерии худ ба ҷанги бародаркуш хотима бахшида, сулҳу суботро ба мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин намояд. Бешубҳа, сулҳе, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миллати тоҷик овард, кафили истиқлолият ва рушди устувори давлатдории навини тоҷикон гашт.

Пешвои миллат дар Пайёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ таъкид намуданд: «Замона бо гузашти ҳодисотвақт бо муборизаҳои бешумор, таърих бо амалҳои зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ собит сохт, ки интихоб саривақти ва дуруст буд. Кунун Тоҷикистон 30-ум баҳори истиқлоли худро паси сар мекунад ва корҳои зиёде дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ба сомон расидаанд» [7].

Бинобар ин, мактаби ҳуқуқии сулҳофаронаи сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимгоҳест, ки дар марҳилаи бисёр мураккабу печида ташаккул ёфта, мавқеи созандагиву бунёдкорӣ касб намудааст. Ин мактаби сиёсӣ дорои хусусиятҳо мебошад, ки ҳокимият ва

муносибатҳои он аз ҷониби ин ниҳоди сиёсӣ бо риояи принсипҳои ҳуқуқӣ-демократӣ амалӣ гашта, манфиати давлату миллат аз ҳама боло гузошта мешавад.

Ҳамзамон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти сулҳҷӯёнаи худ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус ба Конститутсияи ҶТ такя намуда, сохти конститутсиониро дар Тоҷикистон барқарор ва мустаҳкам намуд.

Дар ин лаҳзаҳои басо тақдирсоз нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади бунёдӣ ва кафили давлатдории ҳуқуқбунёд муҳим арзёбӣ мегардад. Бо пайдо гардидани Қонуни асосӣ, ки бо воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ мутобиқат дорад ва тағйиротҳои даврро ба инобат мегирад, ҷомеа пояҳои устувори ҳуқуқӣ ва давлатиро ба даст меорад. Конститутсия оғози давраи нави ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятиро таъмин намуда, барои тамоми шаҳрвандон, новобаста аз мавқеи сиёсӣ ё иҷтимоии онҳо, ҳатмӣ мебошад.

Бо риояи принсипҳои дар Конститутсия муқарраршуда, дар ҶТ сохтори давлатдорӣ бар асоси таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба се шоха: қонунгузорӣ, иҷроия ва суд ташаккул ёфта, фаъолияти онҳо бо ҳамдигар ҳамоҳанг гардид. Дар натиҷа, санадҳои дорои хусусияти рушддиҳандаи конститутсионӣ қабул шуда, низоми сиёсии дар Конститутсия пешбинишуда ба таври амалӣ татбиқ гардид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воқеъ ин нақши дутарафаро иҷро намуда, аз як ҷониб, ҳамчун санади мусбат пояҳои сохти давлатӣ ва сиёсиро мустаҳкам кард ва аз ҷониби дигар, қувваи меъёрии ҳокимияти қонунро дар дохили кишвар ва саҳнаи байналмилалӣ таҳким бахшид. Хусусияти фарқкунандаи ин раванди конститутсионӣ дар он буд, ки ҳокимияти нав дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсиву низомӣ ва идомаи ихтилофҳои мусаллаҳона, тавонист на танҳо лоиҳаи

Конститутсияро таҳия кунад, балки муҳокимаи васеи ҷамъиятиро ба роҳ монда, онро бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ қабул намояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқи кишварро соҳибихтиёр ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуда, ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳуриро новобаста аз миллат ва эътиқод муттаҳид месозад. Дар моддаи 6 Конститутсия омадааст, ки халқ ҳокимияти давлатиро бевосита ва тавассути вакилони худ амалӣ менамояд. Ин меъёр таҷассуми принсипи соҳибихтиёрии халқ буда, моҳияти демократику ҳуқуқии давлатро инъикос мекунад.

Ҳамзамон, Конститутсия аз доираи ҷомеаи шаҳрвандӣ қадамҳои ҷиддӣ пеш гузошта, ба рушди плюрализми сиёсӣ ва гуногунандешӣ мусоидат намуд. Тибқи моддаи 28, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо дар асоси арзишҳои дунявӣ, балки бо назардошти гуногунандешии ҷомеа иҷозат дода мешавад, ки ин амр ба ташаккули иродаи қонунии халқ ва рушди низоми демократӣ мусоидат менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҳифзи пояҳои устувори сохтори конститутсионӣ ва таъмини моҳияти дунявии давлат, ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз сохтори давлатӣ ва манъи дахолати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимиятро пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин, «таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд,манъ мекунад» [1].

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз 14 ноябри соли 2016, №1356 мақоми сиёсӣ ва ҳуқуқии Пешвои миллатро ҳамчун «бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии ҶТ,

истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон муқаррар мекунад» [4].

Дар доираи ҳамин ҳадафҳои стратегӣ ва бар мабнои сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна 24 сентябр соли 2024 Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорк дар Мубоҳисаҳои 79-уми умумии Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид иштирок ва суханронӣ намуда, изҳор доштаанд, ки «равандҳои пуртазоди геосиёсӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, шиддат гирифтани «ҷанги сард», низоъҳои мусаллаҳона, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва дигар хатару таҳдидҳои глобалӣ, бешубҳа, оқибатҳои манфии дарозмуддат хоҳанд дошт». Дар ин замина, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки «тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милал «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул карда шавад» [18].

Аз ин лиҳоз, мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ дар он ифода мегардад, ки ҳанӯз дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба масъалаҳои вобаста ба танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бошад, таҳқиқотҳои илмӣ бахшида нашудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми муосир ба масъалаҳои фаъолияти Пешвои миллат, нақши он дар рушд ва инкишофи илми ҳуқуқи конститутсионӣ басо беназир аст. Олимони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Пешвои миллатро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд. Аммо дар илми ҳуқуқи конститутсионии ҶТ рисолаи алоҳида, ки фарогири пурраи фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон то имрӯз пешниҳод нашудааст.

Аз ин рӯ, зарурати таҳлили амиқ ва васеи тақвияти конститутсионӣ-ҳуқуқии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти

сулҳҷӯёнаи ӯ ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ба миён омадааст.

Оид ба баъзе ҷанбаҳои тақвияти конститутсионӣ-ҳуқуқии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби олимони ватанӣ З. Ализода [73], Ҷ.М Зоир [28], Б.С. Гадоев [106], А.М. Диноршоҳ [107], А.И. Имомов [32], Д. Муродов [87], Э.С. Насриддинзода [108], С.Р. Раҷабов [91], Б.Ҳ. Раззоқов [48], Б.А. Сафарзода [28], (Р.Ш. Сотиволдиев) Р.Ш. Шарофзода [53], Х.Ҳ. Ҳамидов [102], М.С. Ҳайдарова [98], Ф.Т. Тоҳиров [96; 57], А.Ғ. Холиқзода [62], С.Н. Яқубова [69] ва дигарон дар давраҳои гуногун баррасӣ шудаанд.

Вабаста ба мавзуи таҳқиқоти анҷомёфта як қатор олимони соҳаи сиёсатшиносӣ ва таърих ба монанди Г. Зокиров, А. Муҳаммад, А. Сатторзода, З. Саидов А. Шарифзода, М. Хидирзода, С.С. Ятимов ва дигарон саҳм гузоштаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур дар доираи нақшаи дарозмуддати корҳои илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҶТ» барои солҳои 2021-2025 омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиши масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти он ки масоили таҳқиқшаванда гуногунҷабҳа мебошад, иҷрои вазифаҳои зеринро барои расидан ба ҳадафи гузошташуда имконпазир мебошад:

- омӯзиши фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ;

- омӯзиши тақвияти мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон;

- ошкор ва тавзеи самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон;

- таҳлили фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ-ҳуқуқӣ;

- омӯзиши сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар.

**Объект таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти илмӣ танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти диссертатсионӣ** танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири се марҳилаи рушди танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад:

1) аз Иҷлосияи XVI Шурои олии ҶТ (аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992);

2) аз қабули Коснтитутсияи ҶТ (6 ноябри соли 1994);

3) аз қабули Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон» аз 14 ноябри соли 2016, №1356 то инҷониб мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии диссертатсияро корҳои илмие ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои омӯзиши тақвияти мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи ҶТ, таҳлили механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ошкор ва тавзеи самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, омӯзиш фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, таҳлили фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ-ҳуқуқӣ, омӯзиши сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар таҳлил шудаанд. Дар таҳияи диссертатсия ба осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ З. Ализода, Е.А. Алимов, М.В. Баглай, Н.В. Бобракова, Э.Б. Буризода, А.А. Вешняков, С.А. Воробева, А.Н. Головистикова, Б.С. Гадоев, Л.Ю. Грудсина, З. Додобоева, А.М. Диноршоҳ, И.В. Евдокимов, Ҷ.М. Зоир, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, А.И. Имомов, Г.К. Искакова, И.И. Камолов, С.Д. Князев, О.В. Кузнецова, Е.А. Лукашева, А. Маҳмад, М.Н. Марченко, Н.И. Матузов, Н.А. Михалева, М.А. Маҳмудзода, Д.М. Муллоев, Э.С. Насриддинзода, Т. Назаров, С.Ю. Ордомская, А.А. Пронин, Д.С. Раҳмон, Ф.М. Рудинский, М.С. Сулаймонзода, Ш. Саймудинов, Н.А. Тарабан, В.И. Фадеев, А.Ғ. Холиқзода, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, Р.Ш. Шарофзода, Д.Х. Элназаров ва дигарон такя намудем.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Методологияи таҳқиқот ба муқаррароти назарияи маърифат ва назарияи умумии ҳуқуқ асос ёфтааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерини илмӣ истифода шуданд: усули диалектикӣ – имкон дод фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи конститутсионӣ баррасӣ гардад; усули таърихӣ-ҳуқуқӣ – барои ошкор намудани хусусиятҳои фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат дар давраи ҷанги шаҳрвандии таҳмилшуда ба

кор бурда шуд; таҳлили низомӣ – барои муайян кардани нақши фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат дар татбиқи сиёсати хориҷии давлат истифода гардид.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқи мавзуи рисолаи илмӣ як қатор сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо дар самти фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин, ҳангоми таҳқиқоти илмӣ санадҳои ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки фарогирандаи муносибатҳои дар ин самт мебошанд, ба мисли Конститутсияи ҶТ, қонунҳои соҳавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия як қатор манбаъҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба танзим медароранд, истифода гардиданд.

Илова бар ин, дар раванди таҳлили илмӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибхтиёр, ки соҳаи дахлдори муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд, мавриди истифода қарор гирифтанд, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки кори мазкур аввалин таҳқиқоти маҷмуавӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ – конститутсионии  фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф бо дарназардошти омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ тақвияти мақоми Пешвои миллат

Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи ҶТ, таҳлили механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ошкор ва тавзеи самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, омӯзиш фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, таҳлили фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ-ҳуқуқӣ, омӯзиши сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишваро таҳқиқ намудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба чунин далелҳо асос мегардад:

- бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон оташбас эълон намудан, дар шароити вазнини муқобилиятҳои мусалаҳона;

- ташкил намудани гурӯҳҳои корӣ оид ба баргардонидани гурезаҳои берун аз давлатбуда;

- ташкил ва таъмин намудани шароити иқтисодии шаҳрвандон;

- бо роҳҳои гуфтушунид ҳал намудани низоъҳои дохилии давлат берун аз мамлакат;

- бо роҳҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ барқарор ва таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон.

2. Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат. Ба ин нукта мансуб аст:

- муайян намудани механизми ҳуқуқӣ– конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат, ҳамчун низоми чораҳои давлатие, ки тавассути он мақоми бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаи Пешвои миллат ҳифз ва ҳимоя карда мешавад;

- асоснок намудани он ки мақоми Пешвои миллат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои унсурҳо ва самтҳои зерин мебошад: мустаҳкам намудани соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ; қабули Конститутсияи соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон; барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ дар мамлакат; ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ оид ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ; таъсиси Парлумони касбӣ ҳамчун ниҳоди олии қонунбарор; муайян намудани принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ.

3. Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат. Ба ин нукта дохил мешаванд:

- асоснок намудани марҳилаҳои ташаккули қонунгузорӣ дар бораи Пешвои миллат:

а) давраи аввал, аз 25 декабри соли 2015 то соли 2016;

б) давраи дуюм, 14 ноябри соли 2016 то инҷониб;

- пешниҳод оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ:

- Қонуни ҶТ, «Дар бораи кафолати амнияти Пешвои миллат» қабул карда шавад. Зеро, Пешвои миллат, кафили Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, давомот ва пойдории давлат, фаъолияти мутобиқгардида ва ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, риоя гардидани аҳдномаҳои байналмилалии ҶТ буда, амнияти шахсият, ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд;

– ба Қонуни конститутсионии ҶТ, «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» мазмуни зерин ворид карда шаванд: дар банди 3 моддаи 1: «меъёрҳои овардашуда ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, татбиқ намешавад»;

– ба Қонуни конститутсионии ҶТ, «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» мазмуни зерин ворид карда шаванд:

а) дар банди 5 моддаи 4 «Ордени «Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон» оид ба таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шавад»;

б) дар банди 2 моддаи 17 «Ҷавобгари барои таҳқир ва пастзании шаъну шараф ва эътибори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» ворид карда шавад;

– ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти конститутсионии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, дар масъалаи «Авф» дар моддаи 58 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шуда, инчунин, дар Қонуни конститутсионии ҶТ, дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат оиди ин масъала моддаи алоҳида ворид карда шавад.

4. Сиёсати сулҳҷӯёнаи байналмилалӣ ва такмили заминаҳои институтсионалӣ. Ба ин нукта мансубанд:

- асоснок намудани сиёсати сулҳҷӯёна ва ватанпарваронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таҳкими сулҳ, суботи дохилӣ ва густариши ҳамкориҳои дӯстона бо ҷомеаи байналмилалӣ равона гардида, дар як қатор ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ таҷассум ёфтааст. Аз ҷумла, бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид «соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» эълон гардид; барои солҳои 2005–2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон шуд; соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» муайян гардид ва барои солҳои 2020–2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», ки ба ҳифзи пиряххо бахшида шудааст», эълон гардид;

– пешниҳоди дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъсиси Институти низоъшиносӣ ва фарҳанги ҳуқуқии сулҳ, ки бевосита барои амалӣ намудани манфиатҳои миллии мо ва омӯзиши муаррифии Сулҳи тоҷикон ба ҷомеаи ҷаҳони зарур мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводи диссертатсия доираи фаҳмиши илмии танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки роҳҳои асосии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ муайян кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии мушкилотҳои қонунгузории дар ин самт, таҳлили маводи илмию амалии соҳавӣ, усулҳои гузарондани таҳқиқот, инчунин, мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси омӯзиши васеи маводҳои илмӣ ва таҷрибавӣ, таърихи пайдоиш ва инкишоф, танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод намуда, тавассути татбиқи шаклҳои гуногуни ҳокимият муайян намуда, барои такмили қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи номбурда баррасӣ шудааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

- Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» - бо маъруза дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ» (3 декабри соли 2022, ш. Душанбе);

**б) ҷумҳуриявӣ:**

- Конференсияи илмӣ – назарияви ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - бо маъруза дар мавзуи «Мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 2021);

- Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Конститутсия – основа развития эффективной системы государственного управления» - бо маъруза дар мавзуи «Правовая природа парламентаризм Таджикистана в условиях государственной независимости» (ш. Душанбе, 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда ва маъхазҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ФАЪОЛИЯТИ СУЛҲҶӮЁНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАНЗИМИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚӢ

## 1.1. Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ

16 ноябри соли 1992, дар толори Қасри «Арбоб»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки нақши тақдирсоз дар наҷоти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз вартаи ҷанг ва нобудӣ бозид.

Ин иҷлосия оғози марҳалаи навини таърихии давлатдории тоҷикон гардид. Раиси тозаинтихобшудаи Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, фаъолияти сулҳофаронаи худро аз суханони таърихӣ ва пурмаънои худ – «Ман ба Шумо сулҳ меоварам», оғоз намуда, тамоми қувва, ирода ва имкониятҳои худро ба қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини сулҳ, баргардондани гурезагон ба Ватан ва оғози музокирот бо мухолифини собиқ равона сохт.

Кӯшишҳои панҷсолаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, таҳлилу омӯзиши амиқи вазъият ва тасмимҳои оқилонаи ӯ ба имзои Созишномаи умумӣ оид ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ анҷом ёфтанд.

Аз нигоҳи илмӣ, ин санади таърихӣ дорои аҳаммияти бузурги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷикро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард, барои ваҳдати воқеӣ саъй намуд ва бо садоқат ба савганди худ, то охирин гурезаро ба Ватан баргардонидан  миллатро муттаҳид сохт.

Дар заминаи аҳдномаи миллӣ ва ризоияти ҷомеа, давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон тавонист роҳи азнавсозӣ ва рушди устуворро пеш гирад.

Аз моҳи сентябри соли 1992 Тоҷикистон ба гирдоби буҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор шуд, ки хатари нобудшавии давлат ва миллатро ба миён овард.

Дар ин давра Президенти онвақтаи кишвар дар натиҷаи муҳосираи неруҳои мусаллаҳи мухолиф дар фурӯдгоҳи Душанбе маҷбур ба истеъфо гардид.

Дар моҳи октябри ҳамон сол, дар пайи авҷ гирифтани ҷангҳои мусаллаҳона миёни гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ, фаъолияти ҳукумат комилан фалаҷ шуда, аъзои он аз мансабҳо даст кашиданд.

Пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе ба майдони задухӯрдҳои мусаллаҳона табдил ёфт ва давлати ҷавони Тоҷикистон ба вартаи фано наздик шуд.

Дар чунин шароити бисёр хатарнок, баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ягона роҳи наҷоти Ватан арзёбӣ гардид. Бо сабаби ноамнӣ ва набудани шароити оддии кор дар Душанбе, қарор қабул шуд, ки иҷлосия дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардад, ки он замон аз лиҳози амният нисбатан оромтар буд.

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити ниҳоят ҳассоси сиёсӣ баргузор гардид, аз 197 вакил 186 нафари онҳо ба тарафдории роҳбарияти нави Шурои Олӣ бо сардории шахси ҷасурватанпараст ва меҳандӯст – Эмомалӣ Раҳмон раъйи мусбат доданд. Бо ин амалвакилон самти нави сиёсӣ ва таърихии кишварро муайян намуда, таъмини сулҳу салоҳ, таҳкими асосҳои сохтори конститутсионӣ, ободии мамлакат ва беҳбудии зиндагии мардумро ҳадафи асосӣ қарор доданд.

Роҳбарияти нави Шурои Олӣ фаъолияти худро аз ворид намудани тағйиру иловаҳои муҳим ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи афви умумӣ» ва «Дар бораи гурезаҳо» оғоз намуд. Ин иқдомҳо дар он замон ба ҳалли масъалаҳои доғ ва сарнавиштсози миллӣ нигаронида шуда буданд,

зеро ба мусоидат ба баргардонидани гурезагон, барқарор намудани сулҳу эътимод ва муътадил сохтани вазъи сиёсию иҷтимоӣ мусоидат намуданд.

Бояд зикр кард, ки Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳбарии тозаинтихобшудаи он – Эмомалӣ Раҳмон, дар таъмини сулҳу субот, ризоияти ҷомеаваҳдату ягонагӣ ва таҳкими худшиносиву ҳувияти миллӣ нақши сарнавиштсоз гузошт. Маҳз дар ҳамин замина, асосҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ, инчунин, тафаккури созанда ва муосири миллии тоҷикон тадриҷан ташаккул ёфтанд.

Ҳадафи асосии фаъолияти роҳбарияти нав – гирд овардани тамоми неруҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои мусаллаҳ ва мардумони парешонгашта таҳти парчами ягонаи давлати мустақил ва таъмини ваҳдату ризоияти миллӣ буд. Дар он айём, қисми муайяни ҷомеа, ки огоҳона ё ноогоҳона ба фаъолияти сиёсӣ ҷалб гардида буданд, бештар ба манфиатҳои маҳалливу гурӯҳӣ афзалият медоданд, ки ин пойдории давлат ва якпорчагии миллатро зери хатар мегузошт.

Дар чунин шароит, Иҷлосияи XVI масъалаҳои калидии давлатӣ ва рамзии кишварро ҳал намуд: қабули рамзҳои давлатӣ: Нишон ва Парчами миллӣ, инчунин, муайян кардани самтҳои стратегии рушди ояндаи Тоҷикистон ба сӯйи ҷомеаи мутамаддин ва мутобиқ ба манфиатҳои тамоми шаҳрвандон аз ҷумлаи дастовардҳои асосии он гардиданд.

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ дорои моҳияти амиқи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ буда, дар ҳалли маҷмуи масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷомеаи оташгирифта нақши калидӣ бозид.

Дар ҷараёни кори иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ қабул гардид, ки аз ҷумлаи онҳо 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва 1 изҳорот мебошанд. Ин санадҳо, аз як тараф, салоҳият ва ваколатҳои конститутсионии Шурои Олиро исбот намуданд ва аз ҷониби дигар, заминаи ҳуқуқӣ ва стратегӣ барои рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеа гузоштанд.

Маҷмуи қонунҳо ва қарорҳои қабулгардида нақши барномаи муассири сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро иҷро намуданд. Зеро маҳз дар заминаи онҳо ташаккули бунёдҳои асосии сохтори конститутсионӣ, таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва ба роҳ мондани сиёсати миллии муосир оғоз шудааст.

Дар шароити баъдиҷангӣ, Тоҷикистон барои пешрафт ва суботи минбаъдаи худ ба чунин дастури муназзам ва илмӣ асоснокшуда эҳтиёҷ дошт, ки онро Иҷлосияи XVI таъмин кард.

Роҳбарияти нави Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ҷамъбасти Иҷлосия ба шаҳри Душанбе омад, ки шароити сокинони шаҳр чи аз тарсу ваҳми қувваҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, беҳокимияти, бетартиби дар хонаҳои худ пинҳон буда ҳатто нони хӯрдан пайдо кардан мушкил буд. Лекин ба ин мушкилоти рӯзгор нигоҳ накарда, Роҳбарияти тозаинтихоби Олии Ҳукумат бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, бо барномаи муҳимми сиёсӣ ба халқи шарифи кишвар муроҷиат намуданд, ки бояд ҳарчи зудтар дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон ҳокимияти конститутсионии нав интихобшуда бо мақомоти идоракун ҳокимияти давлати дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барқарор карда шаванд, гурезаҳо ба шаҳру деҳот ва манзили худ баргардонида шуда, бо сару либос, хӯрокворӣ таъмин шаванд. Фаъолияти мунтазами корхонаҳову муассисаҳо, хоҷагиҳо барқарор карда шуда, Артиши миллӣ таъсис дода шавад ва амнияти давлатӣ таъмин гардад.

Дар солҳои аввали баъдиҷангӣ Раёсати Шурои Олӣ ва Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири пешгирии буҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ ва беҳбуд бахшидани сатҳи зиндагии мардум як қатор қарорҳо ва фармонҳои муҳимми сиёсиву иқтисодӣ қабул намуд.

Қарорҳои мазкур масъалаҳои афви умумӣ, халъи силоҳ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини мардум бо маводи ғизоӣ, афзоиши маош ва барқарорсозии робитаҳои байналмилалиро фаро мегирифтанд.

Бо ин роҳ, роҳбарияти кишвар кӯшиш намуд, ки механизми идоракунии давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқро эҳё ва мустаҳкам созад, то вазъи дохилии кишвар ба суботи устувор расад.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи пурмашаққат ва сарнавиштсоз шуҷоату ҷасорати бемисл, фаросати сиёсӣ, мардумпарварӣватанпарастӣ ва миллатдӯстии Эмомалӣ Раҳмон нақши ҳалкунанда бозид. Маҳз ҳамин сифатҳо ва садоқати беғаразона нисбат ба Ватан буданд, ки ӯ бо ҷасорати комил ҷони худро дар хатар гузошта, сафарҳои пурхатар ва музокироти душворро барои барқарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ анҷом дод. Дар натиҷа, сулҳу субот ва ризоияти миллӣ дар саросари Тоҷикистон барқарор гардид.

Таҳлили татбиқи санадҳо ва маромномаҳои Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар нишон медиҳад, ки натиҷаҳои он дорои арзиши таърихӣ ва амалии бузурганд, ки то имрӯз низ барои таҳкими давлатдорӣ, суботи иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти худро нигоҳ медоранд.

Дар асоси омӯзиши ин таҷрибаи нодир метавон ба хулосаҳои зерин омад:

1. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ва таъмини сулҳу субот дар кишвар буд.

Дар натиҷаи татбиқи қарорҳои қабулшуда ва сиёсати сулҳофаронаи роҳбарияти нав, дар солҳои 1993-2000 ҳамагӣ 950 599 нафар гурезагон ба ҷойҳои доимии зисти худ баргардонида шуданд. Аз ин шумора, аз давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – 201 601 нафар, аз Афғонистон – 51 345 нафар ва аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон – 697 653 нафар буданд.

Ин дастоварди бузург нишон медиҳад, ки сиёсати инсонпарварона ва хирадмандонаи Пешвои миллат дар роҳи барқарорсозии сулҳу ваҳдат самари назаррас ба бор овард.

2. Самти муҳимми дигари фаъолияти Иҷлосия таъмини сулҳу оромӣ, ризоияти саросарӣ ва ваҳдати миллӣ буд.

Аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар як қатор кишварҳо: Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Туркманистон – нуҳ даври музокирот ва шаш мулоқоти сатҳи олӣ байни тоҷикон баргузор гардид.

Дар натиҷаи ин музокирот 40 санади муҳимми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба имзо расид, ки муҳимтарини онҳо «Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» мебошад. Ин санад асоси пойдории сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар мамлакатро гузошт.

3. Дар Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ раванди қонунгузории давраи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол оғоз ёфт.

Ин иҷлосия асоси ҳуқуқии сохтмони давлати демократӣ ва дунявиро гузошт. Маҳз дар натиҷаи он 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки асоси ташаккули низоми давлатӣ ва тақсими ҳокимият ба се шоха - қонунгузор, иҷроия ва судиро фароҳам овард.

Бо татбиқи Конститутсия интихоботи Президентвакилони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ баргузор гардиданд, ки механизми идоракунии демократиро дар кишвар мустаҳкам намуданд.

Барои таҳияи Конститутсияи нав, Шурои Олӣ 26 июни соли 1993 қароре қабул кард, ки мувофиқи он Комиссияи махсуси таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис дода шуд. Ба ҳайати ин комиссия Эмомалӣ Раҳмон, Раиси Шурои Олӣ, роҳбарӣ мекард, ки бо ҷасорат ва масъулияти миллӣ раванди таҳияи санади асосии давлатро идора намуд [116].

4. Баъди имзои созишномаҳо бо мухолифин, зарурати ба низом даровардани муносибатҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба миён омад. Барои Тоҷикистон қабули Конститутсияи нав хеле муҳим буд, зеро қонунҳои пешина дигар ба шароити нав мувофиқ набуданд.

Фаъолияти Комиссияи таҳияи лоиҳаи нави Конститутсия, ки суст пеш мерафт, бо қарори Шурои Олӣ дар моҳи апрели соли 1994 фаъол шуд.

Гурӯҳи корӣ ба Комиссия ду лоиҳаи гуногун (алтернативӣ) пешниҳод намуд. Сабаби он дар он буд, ки дар масъалаи шакли идоракунии давлатӣ ва мавқеи қувваҳои сиёсӣ миёни тарафҳо фикри ягона вуҷуд надошт. Ҳарчанд ин ду лоиҳа дар баъзе ҷанбаҳо аз ҳам фарқ мекардандвале як қатор меъёрҳои умумиро муттаҳид месохтанд. Аз ҷумла, интихоби шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ, ҷудоии ҳокимият, эътирофи бартарии ҳуқуқҳои инсон, гуногунандешии сиёсӣ ва фаъолияти қонунии ҳизбҳои сиёсӣ, ҳамчунин, муайян намудани мақоми мақомоти маҳаллӣ дар сохтори идории давлат.

Ғайр аз ин, лоиҳаҳои пешниҳодшудаи Конститутсия дорои сарсухан (преамбула) буданд, ки дар онҳо арзишҳои асосии ҷамъиятӣ ва инсондӯстона, ба мисли сулҳи шаҳрвандӣ, ризоият, боварӣ, некӣ ва адолат, инъикос ёфта буданд. Дар сарсухани лоиҳа зикр мешуд, ки Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва арзишҳои давлатдории миллӣ ҳамчун меъёрҳои умумимиллӣ эътироф мешаванд. Ҳар ду лоиҳа Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва унитарӣ муаррифӣ намуда, ба ҳар як шаҳрванд новобаста аз миллат ва эътиқоди динӣ ҳуқуқ ба зиндагӣ ва меҳнати шоиста кафолат медоданд. Аммо дар масъалаи шакли идоракунӣ ва сохтори ҳокимият байни онҳо тафовутҳои ҷиддӣ ҷой дошт. Бинобар натиҷаҳои муҳокимаи Комиссияи конститутсионӣ, қарор дода шуд, ки лоиҳаи дорои шакли идоракунии президентӣ барои баррасии умумихалқӣ пешниҳод карда шавад.

Қарор дар бораи рад кардани лоиҳаи ҷумҳурии парламентарӣ бо далели набудани анъанаи парлумонӣ ва бисёрҳизбии воқеӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шуд. Бо ин роҳ, шакли идоракунии президентӣ ҳамчун ҷавобгӯи воқеияти сиёсии кишвар ва талаботи давраи гузариш пазируфта шуд.

Гарчанде ки ба лоиҳаи Конститутсия баъзе эродҳо пешниҳод шуда буданд, вазъияти онвақтаи Тоҷикистон – ҷанги шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои мусаллаҳ ва

бухрони иқтисодӣ  талаб мекард, ки ҳокимияти пурқуввати президентӣ таъсис ёбад.

13 апрели соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи нав дар рӯзномаҳо ва дигар воситаҳои ахбори омма нашр карда шуд, то мардум онро муҳокима кунанд.

Баъди баррасӣ ва ворид намудани ислоҳот, 7 сентябри ҳамон сол, лоиҳа бо қарори Шурои Олӣ барои муҳокимаи умумихалқӣ (референдум) пешниҳод гардид [122].

Қабл аз баргузории референдум, Шурои Олӣ қонуни махсус «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ» аз 20 июли соли 1994, №974-ро қабул кард [12].

Дар сарсухани қонун таъкид мешуд, ки бо поёни ҷанги шаҳрвандӣ ва талошҳои сулҳҷӯёнаи мардуми тоҷик, инчунин, бо дастгирии кишварҳои дӯст ва ташкилотҳои байналмилалӣ, барои ислоҳоти сиёсӣ ва сохтмони ҷомеаи нав дар асоси Конститутсияи нав шароити мусоид фароҳам омад.

Муҳокимаи умумимардумии лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи апрел-июни соли 1994 сурат гирифт, нишон дод, ки халқ манбаи асосии ҳокимият мебошад. Ҳамзамон, ин муҳокима зарурати таҷдиди низоми конститутсионӣ ва мутобиққунии қонунгузорӣ ба воқеиятҳои даврро ошкор сохт.

Дар натиҷа, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ дар рӯзҳои наздик ҳамчун амри зарурӣ эътироф гардид.

Дар қарори дахлдор таъкид шуда буд, ки институти президентӣ, ки дар лоиҳаи Конститутсия пешбинӣ гардида буд, аз ҷониби аксарияти шаҳрвандон ва иштирокчиёни муҳокимаи умумихалқӣ ҷонибдорӣ ёфт. Ин ҳолат имконияти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои ба роҳ мондани омодагӣ ва баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овард.

Дар қисми ниҳоии қарори мазкур муқаррар карда шуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ҳисобида мешавад, агар барои он зиёда аз нисфи интихобкунандагони дар раъйпурсӣ ширкатварзида овоз диҳанд.

Дар асоси қонуни қабулшудаи соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми Президенти кишвар таъсис ёфта, механизми интихоботи он тавассути қонуни махсуси конститутсионӣ танзим гардид. Рӯзи 6 ноябри соли 1994 шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар раъйпурсӣ оид ба Конститутсияи нав ширкат варзида, дар як вақт Президенти аввалини давлатро интихоб намуданд.

Дар ин раъйпурсӣ қариб 2,54 миллион нафар ё 94,4% интихобкунандагон ширкат варзиданд. Аз онҳо 87,59% ба ҷонибдории Конститутсия ва 84,7% ба ҷонибдории Президенти кишвар овоз доданд.

Бо ин натиҷаҳо, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон расман қабул гардид ва ҳукми қонунӣ гирифт [118].

Баъдан, дар адабиёти илмӣ ба Конститутсияи соли 1994 арзёбиҳои гуногун дода шуданд. Бархе муҳаққиқон онро дастоварди бузурги давлатдории миллӣ шумориданд, бархеи дигар бошанд, ба баъзе норасоиҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ ишора карданд.

Аммо, ин Конститутсия дар давраи вазнини пасоҷангӣ ягона роҳи имконпазир барои наҷоти давлат буд. Он ҷанги шаҳрвандиро қатъ намудаваҳдати миллӣ ва суботи сиёсиро барқарор сохт.

Баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бархе қувваҳои сиёсӣ ва афроди ҷудогона, ки аз ин раванд изҳори норозигӣ мекарданд, кӯшиш менамуданд қабули Конститутсияро бо шитобкорӣ ва таҳти фишори вазъияти сиёсӣ арзёбӣ намоянд. Онҳо барои тасдиқи мавқеи худ мисол меоварданд, ки гӯё Конститутсияи Федератсияи Россия, ки соли 1993 қабул шуда буд, зиёда аз даҳ сол мавриди баҳсу баррасии олимони рус қарор доштва ба ҳамин монанд, Тоҷикистон низ гӯё бояд чунин равандро тай мекард.

Вале ин муқоиса аз лиҳози илмӣ асос надорад, зеро шароити сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва таърихии Россия ва Тоҷикистон комилан гуногун буданд.

Яке аз таҳиягарони Конститутсияи Россия, С. Шахрай, дар шарҳи вазъи он солҳо навиштааст, ки ҷомеаи Россия танҳо ду роҳ дошт: ё қабули

Конститутсияи «хасбулатовӣ» бо ҳокимияти мутлақи Шуроҳо, ё қабули конститутсияи нав, ки дар муддати кӯтоҳ таҳия гардида, системаи таҳаммул ва тавозуни ҳокимиятҳоро дар бар мегирифт [105, с. 4-8].

Ин вазъият ба проблемаҳои дохилии Россия дахл дошт ва ҳеҷ иртиботе ба шароити Тоҷикистон надошт.

Аз ин рӯ, ба Конститутсияи Тоҷикистон набояд бо далели вазъияти душвор муносибати сафедкунанда дошт, балки баҳо бояд аз мавқеи илмии ҳуқуқи конститутсионӣ дода шавад.

**Якум.** Назарияи конститутсионализм ду маънои асосии Конститутсияро ҷудо мекунад:

Маънои ҳуқуқӣ (шаклӣ) – Конститутсия қонунест, ки бо тартиби махсус қабул мешавад ва қувваи олии ҳуқуқӣ дорад.

Аз нигоҳи моддӣ, Конститутсия маҷмуи муқарраротест, ки асосҳои ташкили давлат, низоми амалкарди мақомоти он ва робитаи байни ҳокимият ва шаҳрвандонро танзим менамояд. Ин меъёрҳо метавонанд ҳам дар як ҳуҷҷати ягона ва ҳам дар якчанд санади ҳуқуқӣ муқаррар шуда бошанд.

Дар илми ҳуқуқ гуфта мешавад, ки ҳадафи асосии Конститутсия маҳдуд кардани ҳокимияти давлат ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аст.

Ҳанӯз соли 1917 олими рус Е.В. Спекторский навишта буд: «Давлати конститутсионӣ - ин давлатест, ки дар он на танҳо ҳокимият вуҷуд дорад, балки он аз ҷониби қонун маҳдуд карда мешавад; маҳз ҳамин маҳдудиятҳо Конститутсияро ташкил медиҳанд» [105, с. 4-8].

Муҳаққиқи муосири фаронсавӣ Б. Шантебу чунин баён менамояд: конститутсия – ин «хартияе мебошад, ки салоҳияти ҳокимиятро дар доираи давлат ва ҳокимияти идоракунии давлатро дар доираи ҷамъият маҳдуд менамояд» [70, с. 25].

«Пурзӯр намудани конститутсионализм, – ба ақидаи олими ҷопонӣ Х. Йохи, – ин пурзӯр намудани самаранокии маҳдуд намудани салоҳияти ҳокимияти давлатро мефаҳмонад» [71, с. 80]. Татбиқи принсипи маҳдудсозии

ҳокимият дар сохтори конститутсионию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти калидӣ мебошад. Тавре ки қаблан ишора шуд, «диффузияи ҳокимият», яъне омехтани ваколатҳо ва набудани механизмҳои самарабахши назорат, метавонад боиси қабули қарорҳои паси дарҳои пӯшида, гусастани робита миёни ҳокимият ва ҷомеава дар натиҷа авҷ гирифтани зӯроварӣ ва ихтилофоти иҷтимоӣ гардад.

Таҷрибаи талхи соли 1992 дар шаҳри Душанбе, ки истифодаи силоҳ бар зидди гирдиҳамомадагон ба он анҷомид, далели равшани чунин паёмад аст. Аз ин рӯ, Конститутсияи ҶТ дар худ механизмҳои ҳуқуқии маҳдудкунии ҳокимият ва таъмини тавозуни онро дар бар мегирад.

Пеш аз ҳама, моддаи 6 Конститутсия манъ мекунад, ки ҳокимият ғасб ё аз ҷониби ягон шахс ё ҳизби сиёсӣ соҳибӣ шавад.

Илова бар ин, моддаи 84 таъсиси Суди конститутсиониро пешбинӣ менамояд, ки вазифаи он таъмини ҳаллу фасли қонунии баҳсҳои вобаста ба иҷрои ваколатҳои ҳокимият, ҷилавгирӣ аз ихтилофоти сиёсӣ ва гузарондани баҳсҳо аз кӯча ва майдон ба доираи ҳуқуқӣ – толори суд мебошад.

**Дуюм**. Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ду роҳи асосии фаҳмиши моҳияти Конститутсия вуҷуд дорад: равияи синфию сиёсӣ ва равияи эҳтиёткорона (рационалистӣ) [34, с. 757].

Намояндагони равияи синфию сиёсӣ, аз ҷумла Ф. Лассал,чунин баён медорад, ки «Конститутсия дар ҳақиқат муносибати воқеии қувваҳои ҷамъиятии мамлакат мебошад» [20, с. 47], ки он баъдан аз тарафи В.И. Ленин дар тезиси зерин таҷдид карда шуда буд: «…моҳияти конститутсия аз он иборат аст, ки қонунҳои асосии давлат…. таносуби воқеии қувваҳоро дар муборизаи синфӣ ифода мекунад» [37, с. 345]. Онҳое, ки ба равияи ратсионалистӣ пайравӣ мекунанд, гарчанде таъсири омилҳои иҷтимоиву сиёсиро дар пайдоиши Конститутсия қабул доранд, бештар ба аҳаммияти созанда ва мусбати он ҳамчун санади асосии давлат диққат медиҳанд.

Ба андешаи онҳо, Конститутсия на танҳо натиҷаи муборизаи қувваҳои сиёсӣ, балки абзори ташкили ҷомеа ва таҳкими мавқеи ҳуқуқии шахсият мебошад. Он муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қувваҳои пешбарандаи онро ба низом медарорадва асоси ҳуқуқии субот ва рушди иҷтимоиро фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, таърих нишон медиҳад, ки бисёр вақт омилҳои манфии иҷтимоӣ ва муборизаи қувваҳои сиёсӣ барои ҳокимият, новобаста аз он ки онро муборизаи синфӣ ё иҷтимоӣ номем, сабаби асосии ба вуҷуд омадани конститутсияи нав мегарданд. Ин ҳолатро метавон ҳамчун падидаи созгории ҷомеа арзёбӣ кард, раванде, ки дар он тарафҳои мухолиф, новобаста аз шакли созиш, ба тавофуқи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мерасанд.

Маънии амиқи ин раванд дар он аст, ки Конститутсия бояд ба ҷойи муқовимати мусаллаҳона ва ҷисмонӣ, муборизаи фикриву идеявиро таъмин намояд.

Ба ибораи дигар, Конститутсия бояд «ҷомеаро дар оғӯши идеяҳои конститутсионӣ», яъне плюрализм, таҳаммул ва озодии андеша нигаҳ дорад, зеро бидуни мубодилаи озоди андешаҳо ҷомеа наметавонад ба таври муътадил рушд кунад.

Дар лаҳзаҳои муҳимтарини таърих Конститутсия барои давлат ва ҷомеа нақши калидӣ дорад. Бо қабул шудани Қонуни асосӣ, ки ба воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ аст, кишвар асоси устувори давлатдории ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

Конститутсия оғози марҳалаи нави зиндагии сиёсӣ ва иҷтимоиро таъмин мекунад ва барои ҳамаи шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад.

Маҳз дар асоси Конститутсия мақоми ҳокимияти давлатӣ муайян мешавад, қонунҳои нав қабул мегардандва низоми сиёсӣ бар пояи принсипҳои ҳуқуқӣ шакл мегирад.

Конститутсияи соли 1994 Тоҷикистон тавонист пояҳои давлатдории миллиро устувор созад, мавқеи ҳокимияти қонуниро қавӣ гардонад ва

Тоҷикистонро дар саҳнаи байналмилалӣ ба ҳайси давлати соҳибистиқлол мустаҳкам нишон диҳад.

Қабули он дар шароити душвори баъдиҷангӣ, аммо бо иродаи умумихалқӣ, нишон дод, ки давлати навқадам қодир аст бо роҳи қонунӣ ва демократӣ сарнавишти худро муайян намояд.

Агар мухолифини тоҷик аз раванди сулҳофарин канор мегирифтанд, ин нишон медод, ки онҳо мухолифи давлат набуда, балки мухолифи манфиатҳои халқи худанд.

Дар ин марҳала Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун санади бунёдии сулҳ ва ваҳдати миллӣ баромад кард. Он барои ҳамаи қувваҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ платформаи ягонаи ҳамкорӣ фароҳам овард, ки ҳадафаш муттаҳид сохтани ҷомеа, барқарор намудани ризоият ва пояндории сулҳ буд.

Мутобиқи моддаи 6 Конститутсия, халқи Тоҷикистон манбаи ягонаи ҳокимият эътироф шуда, тавассути вакилони худ ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд.

Ҳамин меъёр, бо вуҷуди мухолифатҳо, ҷомеаро ба як низоми ягонаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ муттаҳид сохт.

Дар моддаи 28 ҳуқуқи таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи гуногунандешии ақидаҳо кафолат дода шудааст, ки он нишонаи расидани ҷомеа ба сатҳи демократияи воқеӣ мебошад. Аммо барои ҳифзи сохтори устувори конститутсионӣ, моддаи 8 дахолати иттиҳодияҳо ва ҳизбҳо ба корҳои давлатӣ, фаъолияти ҳизбҳои динӣ, миллӣ ё хориҷӣ, инчунин, молиягузории хориҷии ҳизбҳои сиёсиро қатъиян манъ менамояд.

Ҳамин тавр, Конститутсия тавозуни комил байни демократия ва суботи сиёсӣ барқарор намуда, пояҳои давлати дунявӣ ва ҳуқуқбунёдро таҳким бахшид.

**Сеюм**. Мазмуни Конститутсия аз низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳое иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим карда, ташкили ҳокимияти давлатӣ ва робитаи он бо ҷомеаро муайян менамоянд. Аз ин рӯ, зарурати муайян намудани предмет ва ҳудуди танзими конститутсионӣ ба миён меояд. Ин ҳудуд

вобаста ба амсилаи интихобшудаи конститутсионӣ-либералӣ, эстатикӣ, ё либералию эстатикӣ доираи дахолати давлат ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва шаҳрвандиро муайян мекунад. Модели либералӣ, сарфи назар аз ҷолибияти зоҳирӣ, ки ба маҳдудияти ҳуқуқҳои сиёсиву шаҳрвандӣ такя мекунад, дар шароити ҷаҳони муосир аҳаммияти қаблиашро то андозае гум кардааст.

**Чаҳорум.** Иҷлосияи таърихӣ ва кабули Конститутсия, масъалаи бозсозии сохтори конститутсионии Ватани маҳбубамонро дар хамаи самтхои он муайян намуда, пешбурди рушди иқтисодиро ҳамчун вазифаи асосӣ нишон дод. Дар натиҷа баъд аз барқарории сулҳу субот ва кабули Конститутсияи тозабунёд, бозсозии Ватани азизамон шуруъ шуд. Дар ин давраи аввали кабули Конститутсия ба ҳамаи душвориҳои сиёсиву иқтисодӣ нигоҳ накарда, иншооте, ба монанди сохтмони роҳи оҳани Қурғонтеппа-Кӯлоб, роҳи мошингарди Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-Қароқурум, туннели ағбаи Анзоб, сохтмони неругоҳи барқии обии Сангтӯда, азнавсозии фурӯдгоҳҳои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, таъмиру азнавсозии роҳу пулҳои харобшуда дар водиҳои Рашту Вахш ва садҳо тарҳҳои дигар амалӣ гаштанд.

**Панҷум**. Иҷлосияи XVI ва қабули Конститутсия гузариш ба иқтисоди бозориро ҳамчун роҳи ягонаи рушди устувори кишвар муайян карданд. Дар натиҷа, соли 1995 Ҳукумати ҷумҳурӣ Барномаи ислоҳоти иқтисодиро барои солҳои 1995–2000 таҳия ва Маҷлиси Олӣ онро тасдиқ намуд. Барнома се самти асосиро дар бар мегирифт: озодкунии иқтисод, ислоҳоти сохторӣ ва тағйироти ниҳодӣ.

Он озодсозии нархҳо, рушди савдои хориҷӣ, ислоҳоти соҳаҳои кишоварзӣ ва бонкӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқии иқтисоди бозориро дар назар дошт. Яке аз чорабиниҳои калидӣ тақсими 75 ҳазор гектар замин байни аҳолӣ буд, ки ба коҳиши хатари гуруснагӣ мусоидат намуд. Аз соли 1997 иқтисодиёт ба марҳилаи афзоиш ворид гардид: маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар 1,7 фоиз афзудва дар солҳои 2000–2008 суръати миёнаи рушди он то 8,8 фоиз расид.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ ва беҳтар намудани вазъи иқтисодии кормандони соҳаҳои давлатӣ, дар давраи солҳои истиқлолият 20 фармони Президент ва зиёда аз 30 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ин санадҳо ба афзоиши пайвастаи музди меҳнат, хусусан дар соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ, ҳамчунин, ба зиёд гардидани андозаи нафақа равона шудаанд. Дар натиҷаи татбиқи онҳо, маоши ҳадди ақал нисбат ба солҳои аввали истиқлолият 64,3 маротиба афзоиш ёфт.

Агар дар соли 1997 ҳиссаи буҷети давлатӣ ба ҳар як шаҳрванди кишвар ҳамагӣ 19,8 сомонӣ ҳисоб мешуд, дар соли 2011 он ба 1060 сомонӣ расид. Ҳамин тавр, Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба соли 1997 қариб 43 баробар зиёд гардидааст. Даромади буҷаи давлатӣ низ аз соли 1998 ба ин сӯ афзоиши устувор нишон дода, қариб 54 баробар зиёд шудааст.

Дар ҳамин давра музди миёнаи як корманд 89 баробар афзуда, то ба зиёда аз 440 сомонӣ расид, дар ҳоле ки андозаи миёнаи нафақа 118 баробар боло рафт. Аз ҷумла, татбиқи «Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ» яке аз омилҳои асосии беҳбуди вазъи зиндагии аҳолӣ гардид, ки то андозае устувории иҷтимоиро таъмин намуд.

**Шашум.** Иҷлосияи XVI ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пояи устувори сиёсати хориҷии нав ва густариши робитаҳои бисёрҷониба бо ҷомеаи ҷаҳонӣ гардиданд. Ин марҳилаи таърихӣ ба таҳкими ҳамкориҳои созанда бо кишварҳои гуногун ва ташкилотҳои байналмилалии нуфузманд замина гузошт. Фаъолияти пешбинишаванда, мутавозин ва ташаббускоронаи Тоҷикистон дар муносибат бо давлатҳо имкон дод, ки обрӯ ва эътибори он дар арсаи байналмилалӣ тайи бист соли охир ба таври назаррас боло равад.

Бо далели ин, ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои глобалӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ

ёфтанд. Аз ҷумла, бо пешниҳоди Тоҷикистон Маҷмаи Умумии СММ соли 2003-ро «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005–2015-ро «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт»«, соли 2013-ро «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва солҳои 2020–2028-ро «Солҳои байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон намуд.

Ҳамчунин, ҳамкории судманди Тоҷикистон бо ЮНЕСКО яке аз сохторҳои муҳимми СММ дар соҳаи илм, маориф ва фарҳанг ба дастовардҳои бузург овард. Бо мусоидати ин созмон ҷашнҳои 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 100-солагии Мирзо Турсунзода баргузор гардида, шаҳри Саразм ба феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шуд. Инчунин, 12 май Рӯзи «Шашмақом» ва 21 март Рӯзи байналмилалии Наврӯз эътироф гардиданд.

Бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони исломии илм, фарҳанг ва маориф (ИСЕКО) як қатор чорабиниҳои муҳимми илмӣ ва фарҳангӣ амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, таҷлили ҷашнҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ, Имоми Аъзам ва Имом Бухорӣ баргузор шуда, ҳамзамон корҳои эҳё ва бозсозии ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлоб, Истаравшан, Панҷакент, Ҳисор, Рӯшон ва Муъминобод анҷом пазируфт. Дар ҳамин замина, нашри Қуръони маҷид ба алифбои кириллӣ низ ҳамчун иқдоми фарҳангии бесобиқа амалӣ гардид.

Дар тӯли 34 соли истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳилаҳои душвори сиёсӣ ва иқтисодӣ гузашта, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намуд, ки миллати тоҷик бо роҳбарии фарзанди фарзонааш Эмомалӣ Раҳмон миллати сулҳпарвар, фарҳангдӯст ва созанда мебошад. Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, мушкилоти иқтисодӣ ҳанӯз пурра рафъ нагардидаанд. Тоҷикистон то ҳол дар марҳилаи ниҳоииислоҳоти иқтисодӣ қарор дошта, суръати рушди иқтисодӣ ва сатҳи рақобатпазирии истеҳсолот ба дараҷаи қонеъкунанда нарасидааст.

Барои арзёбии воқеии рушд, зарур аст, ки натиҷаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ бо дарназардошти афзоиши ҳосилнокии меҳнат таҳлил карда шаванд. Ҳамчунин, таҳкими низоми устувори таҳлил ва пешбинии таъсири буҳронҳои ҷаҳонӣ ба иқтисоди миллӣ бояд аз вазифаҳои афзалиятноки давлатӣ гардад. Механизми мазкур бояд имкон диҳад, ки нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар сатҳи бехатар нигоҳ дошта шуда, таъсири омилҳои манфӣ сари вақт пешгирӣ карда шавад.

Бо вуҷуди ҳамаи мушкилот, таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки миллати тоҷик бо азму иродаи устувор ва самти дурусти рушд тавонистааст аз ҳамаи буҳронҳо гузарад. Ҳамин фазилатҳо кафолати асосии пешрафти устувори давлат дар оянда мебошанд. Барои кишварҳое, ки дар марҳилаи ибтидоии гузариш ба ҷамъияти нав қарор доранд, аз ҷумла давлатҳои пасошуравӣ, маҳдудияти дахолати давлатӣ ба соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бояд тадриҷан ва бо ҳисобу китоб сурат гирад, то рушди устувор таъмин шавад.

Ба раванди гуфтушуниди байни тоҷикон дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Бисёре аз муҳаққиқон ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологии ин равандро омӯхтаанд, ки ин худ зарурати бозтасвир намудани ҷараёни мураккабу тӯлонии гуфтушунидро то андозае аз байн мебарад. Бо вуҷуди ин, як қатор ҷиҳатҳои муҳимми ин раванд, ки моҳияти ҳуқуқии онро мекушоянд ва принсипҳои меъёрии онро муайян месозанд, то ҳол пурра таҳқиқ нашудаанд. Аз ин лиҳоз, таҳлили асосҳои ҳуқуқии сулҳ, принсипи консенсус ва созиши иҷтимоӣ ҳамчун пояҳои ҳуқуқии истиқрори суботи миллӣ аҳаммияти вижа дорад.

Саравввал бояд зикр кард, ки идеяи консенсус (созиш) ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои барқарор намудани тартиботи иҷтимоӣ решаҳои амиқи фалсафию ҳуқуқӣ дорад. Ҳанӯз Арасту дар асарҳои худ давлат, ҳуқуқ ва адолатро унсурҳои ҷудонашавандаи сохтори давлатдорӣ медонист ва таъкид мекард, ки

саъю кӯшиши инсон ба сӯйи созиш ва ҳамзистии мусолиматомез аз табиати ӯ маншаъ мегирад [75, с. 375-379]. Аз ин ҷост, ки созиш ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар ҳама давраҳо ба сифати механизми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва пешгирии ихтилофҳо мавқеи муҳим доштааст.

Тибқи назарияи муосири ҳуқуқ, ихтилоф ва созиш ду ҷанбаи асосии системаи ҳуқуқ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошанд. Мувофиқи таҳлили ҳуқуқшиносон, созиш на танҳо натиҷаи иродаи тарафҳо, «балки принсипи амалкунандаи ҳуқуқ аст, ки ба ризоияти устувори субъектҳои ҳуқуқ асос ёфта, ҳадафи он ҳалли мусолиматомези ихтилоф тавассути ҳамкорӣ ва мувофиқа мебошад» [47, с. 162-164]. Ба ибораи дигар, консенсус ҳамчун арзиши ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи меъёрӣ нақши институт ё механизми ҳуқуқии барқарории субот ва адолатро мебозад.

Тартиботи ҳуқуқии созиш дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии ихтилофҳои иҷтимоӣ ва ҷиноятӣ таҷассум ёфтааст. Ин институт, тибқи таҳлили назариявии манбаъҳои илмӣ [93, с. 20; 42, с. 321], дорои хусусияти инструменталӣ буда, ҳамчун механизми амалӣ барои татбиқи принсипи созиш ва ҳамзистии ҳуқуқӣ хизмат мекунад. Он дар як қатор меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, аз ҷумла дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода ёфтааст.

Мувофиқи моддаи 61 КҶ ҶТ (мутаносибан моддаи 61 КҶ ФР), ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба монанди иқрор ба гуноҳ, пушаймонии самимӣ, мусоидати фаъолона ба тафтишот ва ошкор намудани ҷиноят пешбинӣ шудаанд. Моҳияти ҳуқуқии ин институт дар он аст, ки қонунгузор ба ҷинояткор имкони ҳуқуқии коҳиши дараҷаи ҷавобгариро дар иваз ба рафтори ҳамкорона ва созишкорона медиҳад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, ин муносибат шакли амалии созиш байни давлат ва субъекти ҳуқуқвайронкунанда мебошад, ки тавассути он давлат, ҳамчун намояндаи ҷамъият, омодагии худро ба барқарор намудани адолати иҷтимоӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии ҳамкорӣ бо мақомоти тафтишот ва суд нишон медиҳад.

Дар ин замина, воситаи ҳуқуқӣ на танҳо вазифаи ҳалли мунокишаи ҳуқуқиро иҷро менамояд, балки омилҳои мусбати танзимкунандаро таҳким бахшида, ҳамзамон, монеаҳои манфиро, ки метавонад суботи иҷтимоиро халалдор созад, бартараф менамояд. Ҳамин тариқ, давлат тавассути механизмҳои ҳуқуқии созиш кафолати меъёрии таъсири мусбат ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва барқарорсозии тавозуни ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Дар таҳқиқоти қаблӣ мо ихтилофи байни тоҷиконро ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳуқуқӣ тавсиф намуда, хусусияти ҷиноӣ (криминалӣ) доштани онро зикр карда будем. Зеро омилҳои идеологӣ, сиёсӣ ва динӣ дар воқеият дар шакли амалҳои ҳуқуқвайронкунандаи дорои хусусияти ҷиноятӣ ва маъмурӣ зуҳур ёфта буданд. Аз ин рӯ, раванди гуфтушунид байни ҳокимияти давлатӣ ва мухолифини тоҷик бояд на танҳо аз нигоҳи сиёсӣ, балки бо такя ба технологияҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои татбиқи қонун таҳия ва иҷро карда мешуд.

Дар ҳамин замина, гуфтушуниди миллӣ ҳамчун технологияи сиёсии ҳалли ихтилофи сиёсӣ бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, марҳилаҳои амалисозии қарорҳо ва механизмҳои иҷрои онҳо таъмин мегардид. Ин раванд бояд мусаллаҳ бо воситаҳои ҳуқуқи амалӣ мебуд, ки марҳилаҳои фосилавӣ ва ниҳоии гуфтушунидро танзим карда, дар ниҳоят ба татбиқи созиши воқеӣ, яъне барқарорсозии адолат ва суботи устувор дар ҷомеа оварда расонад [21, с. 327-328].

Ҳамин тавр, таҷрибаи миллии Тоҷикистон нишон дод, ки созиш ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ на танҳо падидаи сиёсӣ, балки институти мустақили низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои механизми меъёрии хоси худ аст. Маҳз тавассути чунин механизмҳо давлат тавонист мунокишаи дохилиро ба воситаи қонун ва созиши ҳуқуқӣ ҳал намояд, ки ин яке аз намунаҳои камназири таҷрибаи ҳуқуқи сулҳ дар фазои пасошуравӣ ба ҳисоб меравад.

Агар технологияи сиёсии танзими ихтилофи байни тоҷикон, ки дар асоси таҷрибаи байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид ташаккул ёфт, ҳамчун

шакли муваффақи барқарорсозии сулҳ эътироф гардад, пас технологияҳои ҳуқуқии ҳалли чунин ихтилофҳо то ҳол як қатор масъалаҳои назариявию меъёриро ба миён меоранд.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ҷараёни бuҳрони солҳои 1991–1992 ҳамбастагии воситаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда бозидааст. Моҳи сентябр–октябри соли 1991 дар шаҳри Душанбе вазъи сиёсӣ хеле танг шуд ва ихтилофҳо байни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ба авҷ расиданд. Бо вуҷуди ин, мушкилот бо роҳи мусолиҳатомез ҳал гардид. Қадами муҳим дар ин самт қабули қарори Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 1991 буд, ки бо номи «Дар бораи баъзе чораҳо ҷиҳати демократикунонии ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъруф аст. Ин қарор барои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ байни қувваҳои сиёсӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Баъдтар, дар моҳи апрел ва майи соли 1992вақте ки шиддати ихтилофҳо зиёд шуд, барои пешгирии ҷанги шаҳрвандӣ як қатор созишномаҳо ба имзо расиданд:

«– Протоколи созиши байни намояндагони Шурои Олӣ, Ҳукумат ва гирдиҳамомадагони майдони Шаҳидон (22 апрели 1992);

– Протоколи созиши байни Президенти кишвар, Девони Вазирон ва ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ (7 майи 1992);

– Протоколи татбиқи созишнома, ки онро Сарвазир ва роҳбарони ҳизбҳо имзо карданд» [115].

Баъдан, чунин ҳуҷҷатҳои созишкорона дар шаҳрҳои Хоруғ ва Қӯрғонтеппа низ ба имзо расиданд. Бо вуҷуди ин, аз назари ҳуқуқи давлатӣ, масъалаи мақоми «Президиуми гирдиҳамоиандагон» ва эътибори ҳуқуқии санадҳои имзошуда боқӣ мемонад. Ин сохтор аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ мақоми ҳуқуқӣ надошт, зеро он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ нашуда буд. Ба ҳамин сабаб, созишномаҳои имзошуда аз нигоҳи меъёрии ҳуқуқӣ табиати тавсиявӣ дошта, оқибатҳои ҳатмии ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда наметавонистанд. Аммо аз

назари иҷтимоиву сиёсӣ онҳо нақши мусбат дар пешгирии муноқиша ва ташаккули анъанаи музокироти сиёсӣ бозиданд.

Айнан бо ҳамин мазмун, мо ба гуфтаҳои А. Имомов барҳақ розӣ буда метавонем, ӯ ки қайд намудааст: «Пайдо шудани ҳуҷҷатҳои созишкунанда хусусияти тасодуфӣ надошт. Онҳо моҳиятан аз сабаби изҳори иродаи тарафҳои мухолиф, ё ба он сабаб сар мезананд, ки тавассути механизмҳои конститутсионию ҳуқуқӣ мақомоти қонунии ҳокимияти давлатӣ ихтилофи пайдошударо ҳал карда наметавонанд» [31, с. 242].

Аз ин сабаб, А. Имомов дар идормаи таҳқиқоти худ навиштааст: «ҳуҷҷатҳои созишкунанда – ин ҳуҷҷатҳои «замони тира» бемасъулияти ва беҳокимияти мебошанд, ки он бо ихтилофҳои гуногуни раванди ҷамъиятию сиёсӣ тавлид шуда, мақсади онҳо хомӯш намудани авҷи шавқу рағбатҳои сиёсӣ мебошад ва барои ҷустуҷӯи ҳалли барои якдигар қобили қабул мусоидат мекунанд», пайдоиши онҳо бошад «маънои муваққатан пур кардани фазои холии системаи миллии ҳуқуқиро дорад. Ҳуҷҷатҳои созишкунанда сарчашмаи қабул намудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии он бандҳое мебошад, ки тарафҳо оиди он ба созиш омаданд» [31, с. 242]. Ин ҷо, А. Имомов дуруст қайд менамоянд, ки «ҳуҷҷатҳои созишкунанда, моҳиятан ифодакунандаи изҳори иродаи мардум мебошанд» [31, с. 242].

Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни низои байни тоҷикон иродаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ аксаран бо роҳи зӯрӣ ба сохторҳои расмии ҳокимияти давлатӣ таҳмил мегардид. Аз ин раванд ҳадди ақал якчанд хулосаи ҳуқуқию сиёсӣ бармеояд:

Муҳим аст қайд намоем, ки дар давраи гузариш ва шароити беқурбшавии сиёсӣ, механизми интихоб ва ташкили ҳайати шахсии идораҳои давлатӣ имкони фарогирии манфиатҳои тамоми гурӯҳҳои ҷомеаро ба таври комил надорад. Дар натиҷа, сиёсати аз ҷониби сохторҳои давлатӣ амалӣшаванда на ҳамеша ба ниёзҳо ва интизориҳои иҷтимоии аксарияти шаҳрвандон мувофиқат мекард.

Сониян, зуҳури ҳуҷҷатҳои ба истилоҳ «замони тира», ки аз қафо мондани низоми ягонаи ҳуқуқӣ нисбат ба сатҳи рушди иҷтимоиву сиёсӣ шаҳодат

медиҳанд, нишон медиҳад, ки меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ дар он давра хусусияти бештар зоҳирӣ доштанд. Ин санадҳо нишон доданд, ки дар қонунгузорӣ камбудиҳои ҷиддии ҳуқуқӣ вуҷуд доранд ва аз ҳамин сабаб ислоҳоти қонунҳо ва таҷдиди Конститутсия зарур шуд.

Сеюм, ҳукумати онвақта, новобаста аз фишори сиёсӣ, худро боэҳтиёт нишон дода, нисбат ба ҳолати номуайяни ҳуқуқии на танҳо «Президиуми гирдиҳамомадагон», балки тамоми Иттиҳоди мухолифини тоҷик бо таҳаммул рафтор кард. Ин амал аз рӯйи мазмун ба принсипи «қонун аз адолат фаро мерасад, на баръакс» мувофиқ буда, решаҳои худро дар анъанаҳои ҳуқуқи римию англосаксонӣ дорад.

Чорум, худи раванди гуфтушунид бо гурӯҳҳои мухолифи ғайриқонунӣ, ки дар амал қудрати воқеӣ доштанд, ба барқарории сулҳ овард. Бо иштироки мақомоти салоҳиятдори давлатӣ созишномаҳои бадастомада шакли ҳуқуқӣ гирифта, дорои эътибори меъёрӣ гардиданд. Дар натиҷа, ин санадҳо на танҳо аз «фалаки сиёсат» ба сатҳи ҳуқуқ баромаданд, балки системаи ҳуқуқии миллӣ ва принсипи қонунмандиро таҳким бахшиданд.

Дар натиҷаи вазъияти сиёсӣ дар он давра, созишномаҳои байни ҳукумат ва мухолифин на танҳо моҳияти сиёсӣ, балки аҳаммияти ҳуқуқӣ низ касб намуданд. Музокирот ва вохӯриҳои сершумор дар шаҳрҳои Маскав, Алмаато, Теҳрон, Исломобод ва Ашқобод баргузор шуда, санадҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои иҷрои онҳо таҳия гардиданд. Ин ҳуҷҷатҳо минбаъд заминаи ҳуқуқии сулҳи пойдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин карданд.

Музокиротҳои сулҳомези миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Мухолифини тоҷик бо ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфтанд. «Ин ҳуҷҷати муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав ба тасвиб расида, заминаи ташкили Комиссияи оштии миллӣ гардид, ки дар санадҳои меъёрии дахлдор ҳадафвазифа ва салоҳиятҳои он муқаррар карда шудаанд» [45, с. 56; 114].

Дар доираи ҳамин гуфтушунидҳо созишномаҳои иловагӣ ба имзо расиданд, аз ҷумла:

– созишнома дар бораи тақсимоти квотаҳои ҳукуматӣ (30%) миёни ИМТ ва ҳукумати амалкунанда;

– протокол дар бораи бахшиши мутақобила ва созиш дар бораи авфи умум;

– мувофиқаи тарафайн оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ».

Маҳз дар ҳамин замина, масъалаи баррасии моддаи 14 Қонуни соли 1990 «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятии РСС Тоҷикистон», ки фаъолияти ташкилотҳои тарғибкунандаи хусумати миллӣ, иҷтимоӣ ва диниро манъ менамуд, мавриди муҳокима қарор гирифт. «Ин масъалаҳо бо мақсади мутобиқ сохтани меъёрҳои миллӣ ба принсипҳои муосири озодии фаъолияти сиёсии шаҳрвандон ва принсипҳои байналмилалии демократия мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла Шурои доимии Иттиҳоди Аврупо, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия ва Департаменти давлатии ИМА, мавқеи давлати Тоҷикистонро ҳамчун тарафи масъули татбиқи меъёрҳои созиш дастгирӣ намуданд» [81, с. 3].

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат карда шуд, то бо ташаббуси қонунгузорӣ барои татбиқи пурраи муқаррароти Созишномаи сулҳ ва мутобиқ сохтани низоми ҳуқуқии кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ иқдом намояд [81, с. 1].

Дар ин замина, бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи оштии миллӣ ташкил гардид, ки аз намояндагони сохторҳои давлатӣ ва Иттиҳоди мухолифин иборат буд. Ба он супориш дода шуд, ки дар давоми 20 рӯз пешниҳодҳои муштараки ҳуқуқӣ таҳия намуда, ба Президент ироа намояд [81, с. 3].

Ҷаласаи нахустини Комиссия 3 июли соли 1997 баргузор гардид ва муҳокимаи масъалаҳои марбут ба татбиқи амалии Созишномаи умумӣ оғоз ёфт.

Фаъолияти Комиссия дар ҳамоҳангӣ бо Гурӯҳи иртиботии давлатҳои кафил ва созмонҳои кумакрасон – Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Покистон, Россия, Туркманистон, Ӯзбекистон, САҲА, Созмони Конфронси Исломӣ ва МНООНТ амалӣ шуд.

Ин гурӯҳ талошҳои тарафҳоро мусбат арзёбӣ намуда, фаъолияти муштаракро ҳамчун қадами муҳим дар раванди татбиқи муқаррароти Созишномаи умумӣ ва устуворсозии суботи ҳуқуқӣ эътироф кард [81, с. 3].

Ҳалли созиш аз рӯйи моддаҳои 3 ва 4 баҳснок оид ба ҳизбҳои сиёсӣ низ ба даст оварда шуд. Дар моддаи тағйирдодашудаи 3 («Созмон додани ҳизбҳои сиёсӣ») дарҷ шудааст:»Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат ҳизбҳои ҷумҳуриявии сиёсӣ созмон дода шуда метавонанд. Ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона, бе ҳеҷ гуна иҷозат, дар анҷумани муассисон созмон дода мешаванд, ки дар он ойинномa қабул карда шуда, мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб ташкил карда мешавад.

Барои бақайдгирии давлатӣ ҳизбҳои сиёсӣ рӯйхати на камтар аз ҳазор шаҳрванд тарафдоронро пешниҳод мекунанд, ки сокинони аксарияти шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Дар давоми се моҳи баъди бақайдгирии давлатӣ ҳар як ҳизби сиёсӣ бояд дар аксарияти вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ташкилотҳои ибтидоии худро дошта бошад. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, инчунин, таъсиси чунин шуъбаҳои онҳо манъ карда мешавад» [8, с. 300]. Мутобиқи таҳрири нави моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», «таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ки мақсад ё амалашон ба фаъолияти экстремистию террористӣ, бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ равона гардидааст ва ё низои нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ ва диниро тарғибу ташвиқ менамоянд, манъ аст» [127]. Мутобиқи Қонуни мазкур, ҳамчунин, «дар мақомоти амнияти миллӣ, корҳои

дохилӣ, прокуратура, гумрук ва мақомоти андоз, адлия, судҳо ва Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ, инчунин, дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ таъсис додан ва фаъолият кардани ташкилоти ҳизбҳои сиёсӣ мумкин нест» [127].

Таҳқиқи мазмун ва сохтори протоколҳою созишномаҳои вобаста ба гуфтушунидҳои байни тоҷикон гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо ду самти калидии сиёсӣ ва ҳуқуқиро пайгирӣ мекарданд: яке расидан ба сулҳу ризоияти миллӣ, дигаре таҳкими заминаҳои нави иҷтимоиву ҳуқуқии давлатдорӣ. Аз ҷумла, Протокол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ, ки 8 марти соли 1997 дар шаҳри Маскав ба имзо расидааст, бахши ҷудонашавандаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ҳисоб мерафт. Дар асоси инҳо Протоколи принсипҳои барқарорсозии сулҳ (17 августи 1995) ва Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ (21 феврали 1997) таҳия шудааст [45, с. 15].

Ин санад ҳамоиши қувваҳои мусаллаҳи мухолифин, халъи силоҳ, барҳам додани қисмҳои ҳарбии ИМТ ва азнавсозии сохторҳои қудратии давлатиро пешбинӣ мекард.

Муқаррароти Созишнома тавассути зергурӯҳи ҳарбии КОМ ва Комиссияи муштараки аттестатсионии марказӣ амалӣ мегардид, ки аз намояндагони баробари ҳарду ҷониб иборат буданд. То охири декабри соли 1997, 50 ҷанговари собиқи ИМТ ба ҳайати Вазорати мудофиа дохил карда шуданд. Дар ин замина, масъалаи бозгашти ҷангиёни ИМТ аз қаламрави шимолии Афғонистон низ мавриди муҳокима қарор гирифт.

«То 4 апрели соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4184 ҷанговар ва 1562 воҳид силоҳи гуногун ба таври расмӣ ба қайд гирифта шуданд. Ҷанговарони муттаҳидшуда баъди гузаштан аз тафтиш ва муоинаи тиббӣ ба қисмҳои муваққатии сохторҳои низомӣ – Вазорати мудофиавазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ВҲФ – шомил гардида, барои содиқ будан ба халқватан ва Президент савганд ёд намуданд» [110, с. 79]..

Ин амал тадриҷан ба интегратсияи қувваҳои мусаллаҳи мухолифин ба сохторҳои давлатӣ мусоидат намуда, ба таҳкими қувваҳои ҳарбӣ ва эҳсоси шаҳрвандии ҷанговарони собиқ замина гузошт. Онҳо худро ҳамчун шаҳрвандони риоякунандаи қонунҳои давлати соҳибистиқлол эҳсос намуданд.

Масъалаи муҳимми марҳилаи баъдӣ бозгардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ буд. Сарвари давлат аз ибтидои фаъолияти худ ин масъаларо яке аз афзалиятҳои сиёсати миллӣ дониста, таъкид намуда буданд, ки «то охирин гурезаро ба Ватан барнагардонам, ман худро ором ҳис намекунам».

Таҳлили беш аз сӣ протоколу изҳороти муштараки байни Ҳукумат ва Иттиҳоди Мухолифини тоҷик нишон медиҳад, ки масъалаи гурезаҳо яке аз самтҳои калидии гуфтушунидҳо ба ҳисоб мерафт. Ҳалли пурраи ин масъала шарти асосии таъмини сулҳу ризоияти воқеӣ дар кишвар ба шумор мерафт. Барои иҷрои ин вазифаи тақдирсоз, ҳам alongside бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи оштии миллӣ, инчунин, Раёсати Комиссариати Олии СММ оид ба гурезаҳо (УВКБ СММ) саҳми назаррас гузошт.

Бо иштироки ин сохторҳо 15 майи соли 1997 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард, ки ба бозгардонии ҳарчи зудтари гурезаҳои солҳои 1992 равона гардида буд. Дар доираи он Комиссияи муштарак оид ба масъалаҳои гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ барқарор шуд. Ба Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ якҷоя бо намояндагони ИМТ ва бо кумаки УВКБ СММ супориш дода шуд, ки Низомномаи комиссияро таҳия ва тасдиқ намоянд, ки он ҳамчун заминаи меъёрии танзими масъалаи баргардонӣ хизмат кард [82, с. 8-15].

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 кафолат медод, ки ба ҳар як оилаи ба Ватан баргашта ва муҳоҷирони иҷборӣ қарзи бефоиз ба маблағи 100 000 рубли тоҷикӣ барои муҳлати то 20 сол бо шароити баргардонидани минбаъда дода шавад [82, с. 8]. Баъди барқарор гардидани фаъолияти Раёсати Комиссариати Олии СММ оид ба гурезаҳо (РКОСММГ), раванди бозгашти гурезаҳо хусусияти оммавӣ гирифт [80, с. 79].

«То 10 октябри соли 1997 аз Афғонистон 6637 нафар гуреза ба Ватан баргаштанд, дар ҳоле ки дар шимоли Афғонистон то 7000 нафар тоҷик ҳанӯз боқӣ монда буд» [126]. «Дар қаламрави Қирғизистон мувофиқи маълумотҳои расмӣ 17 000 нафарва тибқи манбаъҳои ғайрирасмӣ тақрибан 40 000 нафар гурезаҳои тоҷик ба қайд гирифта шуда буданд» [82, с. 38]. Аз моҳи июни соли 1998, таҳти сарпарастии РКОСММГ ва Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (МОМ) баргардонидани гурезаҳо аз Қирғизистон оғоз ёфт.

То нимаи соли 1999 ба Тоҷикистон қисми зиёди гурезагон бозгаштанд. Аз Афғонистон беш аз 51 ҳазор нафар ба кишвар омаданд. Илова бар ин, наздик ба 14 ҳазор гуреза аз Россия ва як қатор давлатҳои Осиёи Марказӣ: Туркманистон, Қирғизистон, Узбекистон ва Қазоқистон ба Ватан баргаштанд. Дар маҷмуъ, аз 697 ҳазор гуреза зиёда аз 690 ҳазор нафарашон ба Тоҷикистон баргаштанд [80, с. 79].

Ин дастовард натиҷаи иродаи устувор ва сиёсатҳои хирадмандонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Маҳз фаъолияти устувори ӯ, ки тавонист ҳамзамон бо роҳбарони мухолифин гуфтушуниди муваффақ гузаронад ва масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва амниятиро ҳал намояд, шароити воқеии эъмори сулҳ ва ризоияти миллиро фароҳам овард.

Соли 1995 аз душвортарин ва ҳалкунандатарин марҳилаҳои гуфтушунид буд: дар он сол аввалин музокироти сатҳи олӣ дар шаҳри Кобул баргузор гардид. Пеш аз сафари расмӣ, Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳиба бо хабаргузории «Интерфакс» чунин изҳор доштанд: «Ҳангоми вохӯрӣ бо роҳбари мухолифин пеш аз ҳама масъалаҳои ба ҳалли мусолиматомези қазияи Тоҷикистон иртиботдошта – оташбас дар дохили кишвар ва дар сарҳад, баргашти муҳоҷирон аз Афғонистон ва дигар масъалаҳоро баррасӣ хоҳам кард. Мақсади ман расидан ба мусолиҳа бо оппозитсия аст, ки бояд аз ҳар ду ҷониб риоя гардад».

Дар заминаи вазъи ноустувори амниятӣ дар шаҳри Кобул, ки дар канораҳои он задухӯрди мусаллаҳона идома дошт, сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо вуҷуди хатари

ҷиддӣ сурат гирифт. Музокироти сатҳи олӣ бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик ду рӯз идома ёфт ва барои таҳияи асосҳои ҳуқуқии Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ нақши ҳалкунанда бозид.

Дар Изҳороти муштараки ҷонибҳо таъкид шуд, ки низоъ бояд аз тариқи сиёсӣ ва музокирот ҳал гардад. Ин мавқеи меъёрӣ баъдан ба принсипи асосии сиёсати сулҳи давлатии Тоҷикистон табдил ёфт.

Ҳамзамон, дар дохили кишвар низ Сарвари давлат дар минтақаҳои зери назорати мухолифин мулоқотҳои расмӣ баргузор намуда, бо ин васила заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои ризоияти миллӣ фароҳам овард.

Музокироти бисёр душвор дар сатҳи олӣ зимистони соли 1996 дар деҳаи дурдасти Хустдеҳи Афғонистон баргузор гардид. Шароити он ҷой бе барқ ва бе ҷойи хоби мувофиқ ба сатҳи кор мушкилӣ меовард, аммо ҳайатҳои сулҳи тоҷикон ду шабонарӯз баҳсу гуфтушунид намуданд. Дар натиҷа, Протокол дар бораи танзими вазъи ҳарбию сиёсӣ дар ҳашт банд таҳия ва ба имзо расид, ки барқарор гардидани оташбас ва ақибнишинии неруҳои мусаллаҳи мухолифинро пешбинӣ мекард. Дар ҳамин мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки бо мақсади таҳкими сулҳ Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) таъсис ёбад ва роҳбарии он ба намояндаи мухолифин вогузор шавад.

Дар маҷмуъ, раванди гуфтушунидҳо, ки аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Туркманистон сурат гирифт, нуҳ даври музокирот, шаш мулоқоти сатҳи олӣ ва 21 маротиба гуфтушунидро дар бар гирифт. Дар натиҷаи он 40 санади муҳимми байналмилалӣ ва миллӣ ба имзо расид. Ин раванди тӯлонӣ на танҳо роҳи амалии сулҳро муайян кард, балки ҷонибҳои мухолифинро ба хулоса овард, ки ҷанги таҳмилӣ бояд қатъ гардад, зеро идомаи он ба нестии миллат ва аз байн рафтани давлатдории тоҷикон меовард.

Бояд зикр кард, ки дар марҳилаи аввали истиқлолият як қатор кишварҳо ва доираҳои муайяни бадхоҳ ба ҳифзи сулҳу оромӣ дар Тоҷикистон манфиатдор набуданд. Онҳо бо истифода аз таҷрибаи даврони гузашта ва усулҳои сиёсати «тақсим ва ҳукмронӣ» бо роҳҳои гуногун ба раванди сулҳ халал расонданд. Дар натиҷа, давлати ҷавони тоҷикон ба гирдоби ҷанги таҳмилӣ кашида шуд, ки оқибатҳои фоҷиабор дошт: зиёда аз 100 ҳазор нафар ҷон бохтанд, тақрибан як миллион шаҳрванд иҷборан кишварро тарк карданд, ба иқтисоди миллӣ зиёни беш аз 10 миллиард доллари ИМА расид. Зиёда аз 30 ҳазор хона ва садҳо муассисаи истеҳсоливу иҷтимоӣ нобуд гардиданд ва 55 ҳазор кӯдак ятим монд.

Бо вуҷуди ин фоҷиаҳо, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ нишон дод, ки миллати тоҷик тавонист бо такя ба хиради азалии худ аз вартаи ҷанг берун ояд. Ин созиш ба ҷаҳониён собит сохт, ки халқи тоҷик миллатест сулҳпарварватандӯст ва фарҳангсолор, ки қудрати ҳалли мушкилотро тавассути гуфтушунид ва мусолиҳа дорад.

Бо талошҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, давра ба давра татбиқи сулҳи сартосарӣ таъмин гардида, Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) бо роҳбарии шодравон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ таъсис ёфт. Фаъолияти самарабахши КОМ барои халъи силоҳ, эҷоди боварӣ байни тарафҳо ва барқарории ҳаёти иҷтимоӣ мусоидат намуд ва ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ саҳми назаррас гузошт.

Имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғози воқеии ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлатдории ҳуқуқбунёд буд. Ин рӯйдод эҳсоси худшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ –Парчам, Нишон ва Сарудро таҳким бахшид.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ итминон ҳосил кард, ки Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон роҳи сулҳ, рушди демократия ва бозсозии иқтисодиро интихоб намуд.

Барқарории сулҳ иҷрои Конститутсия ва қонунҳоро дар саросари кишвар таъмин намуда, ба қумандонсолорӣ хотима дод. Мардуми тоҷик дарк карданд, ки танҳо бо роҳи сулҳ ва иттиҳод метавонанд ваҳдатро ҳифз ва Ватанро обод созанд.

Дар давраи баъдӣ бо ибтикори Сарвари давлат, бозсозии иқтисодӣ, таҳкими демократия, гуногунандешӣ ва озодии матбуот рушди назаррас ёфт ва пояҳои Ваҳдати миллӣ мустаҳкам гардиданд.

## 1.2. Фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ-ҳуқуқбунёд

Дар охири асри XX ва аввалҳои асри XXI дар қаламрави собиқ империяи шуравӣ воқеияти нави геополитикӣ ва ҳуқуқӣ бо ном – фазои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омад. Давлатҳои соҳибистиқлоли ба вуҷуд омадаро лозим меомад масъалаҳои мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро ҳал намуда, дар ҷустуҷӯ ва дарёфти масъалаҳое илми таҳқиқоти аз қабили чӣ тавр дар шароити сулҳу осоиштагӣ бо дигар давлатҳо зистан, эҳтироми динӣ, таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ, устувории тағйиротҳои демократӣ бошанд. Дар ин асно таҳқиқоти илмӣ-конститутсионии таҳқиқи моҳияти фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва мазмуни сохти давлатдорӣ метавонад дар ҷустуҷӯи ҷавобҳо ёрӣ расонад, аз хатогиҳои роҳдода хулосаҳо бароварада, муваффақиятҳои аз ёд рафтаро дар ҷодаи сулҳи тоҷикон, дар доираи таҳқиқоти мазкур асоснок намуд.

Мафҳуми сулҳ барои мо - тоҷикон маънии махсус касб намудааст ва дар бораи аҳаммияти таърихӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, миллӣ ва фарҳангии таҳлили конститутсионӣ-ҳуқуқиро талаб менамояд. Сулҳ ин интихоби озод аст.

Ба ибораи дигар, кувваҳои сиёсие, ки мақсад ва ҳадафҳои муайян доранд, ба умеде ба сулҳ рӯ меоранд, ки он барои фаъолияти озод ва расидан ба ҳадафҳои стратегиашон шароит ба вуҷуд меорад. Маънии асосии сулҳ дар он аст, ки қувваҳои гуногуни сиёсӣ ба ақида ва мавқеи якдигар ҳисси эҳтиром дошта бошанд. Ин шарти асосии фарҳанги ҳуқуқии сулҳ мебошад, ки имрӯз бе он ҷомеаи мутамаддинро тасаввур кардан амри маҳол аст.

Таърихи начандон тӯлонии даврони соҳибистиқлолии Ватанамон возеҳан собит намуд, ки мо – тоҷикон мардуми табиатан ва воқеан офарандаву созанда, фарҳангдӯсту сулҳпарвар ва солору таҳаммулгаро ҳастем ва маҳз ба шарофати ҳамин хислатҳои нек мо аз гирдоби ҳалокатбор ва пурихтилофу пуртазоди солҳои 90–уми асри гузашта раҳоӣ ёфтем [43, с. 8-9].

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) оғози марҳилаи нав дар таърихи сиёсӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистон гардид. Санад ҳуҷҷати меъёрӣ буда, асосҳои ҳуқуқии ваҳдати миллӣ ва суботи давлатиро таҳким бахшид. Бо татбиқи он давлати соҳибистиқлол тавонист ҳувияти ҳуқуқии худро барқарор намуда, принсипи волоияти қонун ва қонуниятро дар тамоми қаламрави кишвар мустаҳкам созад.

Созишнома, ки бар пояи гуфтушунидҳои байниҳукуматӣ ва сиёсӣ таҳия шуда буд, ба ҷаҳониён исбот намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати сулҳпарвар ва ҳуқуқбунёд қодир аст тавассути роҳҳои қонунӣ ва мусолиҳатомез ба суботи миллӣ бирасад.

Сулҳи тоҷикон на танҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавони тоҷик умед ба ояндаи нек, хушбахтӣ, саодат, некномӣ ва ваҳдати ногусастаниро зинда намуда, ба омода сохтани асосҳои сохти конститутсионии давлатдорӣ шуруъ намуд.

Расидан ба сулҳ кори ниҳоят душвор буд. Пас аз Иҷлосияи XVI Раиси нави Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тамоми ирода ва иқтидори сиёсиро барои барқарор кардани сулҳ, бозгардондани гурезаҳо ва шуруи гуфтушунид бо мухолифини собиқ равона намуд.

Дар фосилаи аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 гуфтушунидҳои сулҳ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Мухолифини Тоҷик дар қаламрави Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия ва Туркманистон баргузор гардиданд. Дар ин марҳила нуҳ даври расмӣ, шаш мулоқоти сатҳи олӣ ва 21 ҷаласаи гуфтушунидӣ баргузор шуда, дар натиҷа 40 санади муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ имзо гардиданд.

Соли 1995 аз душвортарин марҳилаҳои ин раванди сулҳ буд. Дар вазъияти хатарноки Кобул, ки ҷанг дар 20 км берун аз шаҳр идома дошт, Президенти Тоҷикистон бо роҳбари мухолифин музокироти дурӯзаи сарнавиштсозро баргузор кард. Ин иқдом, ки бо хатар ба ҷони Роҳбари давлат амалӣ шуд, ба ҷараёни сулҳ такони қатъӣ бахшид ва бунёди созишномаи ояндаро имконпазир гардонд. Дар худи Тоҷикистон низ ҳамон сол дар минтақаҳои зери нуфузи мухолифини собиқи мусаллаҳ мулоқоту гуфтушунидҳо сурат гирифт, ки баъдан дар ин гуфтушунидхо низ заминаҳои ҳуқуқии ояндаи давлату ҳукумат пайдо шуданд.

Музокироти сулҳ дар сатҳи олӣ дар Хустдеҳи Афғонистон дар зимистони басо сарди соли 1996 ва дар ҳамон маҳал, ба имзо расидани протоколи муҳим сулҳи тоҷиконро боз ҳам наздиктар сохт. Музокироти навбатии сатҳи олӣ зимистони соли 1996 дар деҳаи дурдасти Хустдеҳи Афғонистон баргузор гардид. Дар ин минтақа на барқ вуҷуд дошт ва на шароити муносиб барои зиндагӣ, аммо ҳайатҳои музокиракунандаи сулҳи тоҷикон дар чунин вазъ ду шабонарӯз гуфтушунид намуданд. Дар натиҷа Протокол дар бораи танзими авзои ҳарбию сиёсӣ дар минтақаҳои сарҳадӣ дар ҳашт банд таҳия ва ба имзо расид. Тибқи он, оташбас барқарор

гардидва неруҳои мусаллаҳи мухолифин ба мавқеъҳои пештараи худ баргаштанд.

Дар ҷараёни ин музокирот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди ҷасуронаеро пеш гузошт, ки тибқи он барои татбиқи сулҳ ва барқарории эътимоди тарафайн бояд Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) таъсис дода шавад ва роҳбарии он ба намояндаи мухолифин вогузор гардад. Ин пешниҳод, ки хосси сиёсати воқеан сулҳҷӯёна буд, дар шароити шадиди он замон далели иродаи сиёсӣ ва хирадмандии роҳбари давлат гардид.

Дар рафти гуфтушунидҳои сулҳи тоҷикон, ки се солу се моҳ идома ёфт, ҷонибҳо ба хулоса омаданд, ки ҷанги таҳмилӣ бояд фавран қатъ гардад, зеро идомаи он хатари аз байн рафтани миллат ва суқути давлатдории тоҷиконро ба миён меовард. Таҳлили воқеаҳо нишон дод, ки бегонагон, ки ин ҷангро таҳмил карданд, маҳз ба таназзул ва нобудии давлатдории миллӣ манфиатдор буданд.

Миллати тоҷик аз зумраи қадимтарин миллатҳои тамаддуносози ҷаҳон маҳсуб ёфта, дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи худ ба рушди фарҳанг, илму маънавиёт ва арзишҳои умумибашарӣ саҳми арзанда гузоштааст. Осори гаронбаҳои моддиву маънавии тоҷикон гувоҳи равшани нақши онҳо дар ташаккули тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад.

Маҳз бо такя ба ин мероси ғании фарҳангӣ ва анъанаҳои неки аҷдодӣ, тоҷикон тавонистанд ҳастӣ ва ҳувияти миллии худро ҳифз намоянд ва дар фазои Осиё ҳамчун миллати фарҳангсолор ва тамаддунсоз шинохта шаванд.

Миллати тоҷик, бо ҳифзи пайвастаи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангии худ, фарҳанги иҷтимоии ҳамзистӣ, ҳамкорӣ ва ҳамбастагиро парвариш намуд, ки ба унсури ҷудонопазири зиндагии ҷомеа табдил ёфт. Дар натиҷаи ин фарҳанги ҳамдигарфаҳмӣ ва робитаҳои созанда, халқҳои

Осиёи Марказӣ дар фазои ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ умр ба сар бурда, робитаҳои хешовандиву ҳамтақдириро таҳким бахшиданд [43, с. 6-7].

Дар солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди дахолати неруҳои хориҷӣ ва гурӯҳҳои мусаллаҳи дохилӣ қарор гирифт. Онҳо бо истифода аз усулҳои таблиғотӣ ва сиёсии даврони гузашта қонунмандии конститутсионӣ ва амнияти миллиро халалдор намуда, кишварро ба ҳолати ҷанги таҳмилӣ бурданд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ, ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бо талафоти бузурги инсонӣ ва иқтисодӣ анҷом ёфт. Беш аз 150 ҳазор нафар ҷони худро аз даст доданд, тақрибан як миллион шаҳрванд гуреза гардиданд. Ба иқтисоди миллӣ зиёни зиёда аз 10 миллиард доллари ИМА расид. Тахриби беш аз 30 ҳазор хона ва садҳо иншооти иҷтимоиву давлатӣ боиси сукути сохтори иҷтимоии кишвар ва заифшавии идоракунии давлатӣ гардид.

Ҷанги таҳмилӣ, ки бо иштироки қувваҳои манфиатдори хориҷӣ ва шарикони дохилии онҳо сурат гирифт, ба мақсади аз байн бурдани давлатдории тоҷикон равона шуда буд.

Онҳо дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон низ фаъолиятҳои душманона ва муғризонаашонро идома медоданд. Чунончи, зимистони соли 1996 ҳавопаймои Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар ҳарими ҳавоии Афғонистон аз тарафи «Толибон» ба асорат гирифта шуд, ки дар он ҳайати роҳбарони собиқ мухолифини тоҷик барои иштирок дар музокироти сатҳи олӣ ба Хустдеҳи Афғонистон раҳсипор буданд ва ба ин сабаб ду рӯз музокирот ба таъхир афтид. Хушбахтона, бо кӯшишу мусоидати Созмони Милали Муттаҳид ҳавопаймо ва сарнишинонашон озод шуданд ва дар музокироти Хустдеҳ иштирок карданд. Баъзе кишварҳои ҳамсоя аз кафолат ба имзои Созишномаи умумии истиқлоли сулҳи тоҷикон бо баҳонаҳои гуногун худдорӣ карданд.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳамчун санади таърихӣ исбот намуд, ки миллати тоҷик халқи бофарҳангватандӯст ва сулҳпарвар дар сахттарин шароити сиёсӣ ва иҷтимоӣ тавонист якпорчагии миллӣ ва иродаи сиёсии худро ҳифз намояд. Ҷомеаи тоҷикон роҳи мусолиҳа ва гуфтушуниди сулҳомезро интихоб кард, аз зӯроварӣ ва муқовимати мусаллаҳона даст кашид ва сиёсати сулҳҷӯёнаи Ҳукумати ҷумҳуриро ба хотири таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ самимона дастгирӣ намуд.

Дар ин ҷараён зиёиёни кишвар, созмонҳои ҷамъиятӣ, рӯзноманигорон, фаъолони иҷтимоӣ ва пеш аз ҳама модарону хоҳарон нақши муассир ва тақдирсоз бозиданд. Онҳо бо даъвати ҷомеа ба таҳаммулваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ барои таҳкими фазои эътимод ва суботи иҷтимоӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон, ки имрӯз ба мавзӯи омӯзиш ва таҳқиқи ҷомеаи байналмилалӣ табдил ёфтааст, собит сохт, ки миллати соҳибфарҳанг ва тамаддунсоз метавонад бо хирад, тафаккури мусолиҳатомез ва иродаи сиёсӣ аз ҳама буҳронҳо гузашта, давлату миллатро ҳифз намояд. Ба таъбири собиқ Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан, «тоҷикон барои ҷомеаи ҷаҳонӣ намунаи беназири сулҳофаринӣ ба мерос гузоштанд.»

Бо мақсади татбиқи босамари муқарраротн Созишномаи умумӣ ва назорати иҷрои он, бо қарори тарафҳои гуфтушуниди сулҳ Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) таъсис ёфт. Мақсади асосии ин иқдом таҳкими эътимод миёни тарафҳо, амалигардонии чораҳо оид ба халъи силоҳ ва қатъи даргириҳои мусаллаҳона иборат буд. Фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки пойдории сулҳ ва рушди минбаъдаи кишварро таъмин менамуданд, мақсади чунин иқдом ҳисоб мешуданд.

Имзо ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози марҳилаи навини тақвияти

ваҳдати миллӣ ва эҳёи арзишҳои давлатдории миллӣ гардид. Ин санади сарнавиштсоз ба таҳкими худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти давлатӣ, ба мисли парчам ва нишонҳои миллӣ ва инчунин, ба рушди демократия, таҳаммулпазирӣ ва гуногунандешӣ мусоидат намуд.

Дар фазои сулҳу суботи бадастомада фаъолияти ҳизбу созмонҳои гуногун, аз ҷумла ҳизбҳои дорои моҳияти динӣ низ имконпазир гардид. Маҳз ҳамин озодӣ нишон дод, ки дар кишвар фазои воқеан демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҳукмфармо буд. Бо вуҷуди ин, баъзе гурӯҳҳо бо сӯйиистифода аз ин имкониятҳо кӯшиш карданд, ки бо роҳи табаддулот сохти конститутсиониро халалдор намоянд, ки он худ далели таҳаммулпазирии сиёсати давлатӣ ва сатҳи баланди демократия дар ҷомеа мебошад.

Имзои Созишномаи умумӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ низ паёми возеҳ буд. Он нишон дод, ки мардуми Тоҷикистон сохти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб кардаанд. Дар натиҷа, ҷомеаи байналмилалӣ ба сиёсати сулҳҷӯёнаи Тоҷикистон итминон ҳосил намуда, кишварҳои мухталиф омодагии худро барои ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ изҳор намуданд.

Пас аз барқарор гардидани Ваҳдати миллӣ ва сулҳи сартосарӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди рушди демократия, гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ ва озодии сухан ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид. Ташаккули тафаккури миллӣ ва фарҳанги сиёсӣ ба таҳкими ваҳдати ҷомеа ва пойдории сулҳ мусоидат кард.

Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ волоияти Конститутсия ва иҷрои қонунҳоро дар саросари кишвар таъмин намуда, ба низоми қумондонсолорӣ хотима бахшид. Дар натиҷа, ҷомеа дарк кард, ки танҳо бо риояи бечунучарои меъёрҳои конститутсионӣ метавон миллатро эҳёватанро обод ва эҳтироми онро дар арсаи ҷаҳонӣ боло бурд. Дар ҳамин замина, давлат ба тарбияи насли нав дар рӯҳияи худшиносии миллӣ,

муҳаббат ба забон, фарҳанг ва арзишҳои суннатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дод.

Яке аз вазифаҳои асосие, ки ҳанӯз дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ аз ҷониби Раиси он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардида буд, баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ва таъмини сулҳу субот дар кишвар буд. Ин ҳадаф бо имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ, бахусус Протокол дар бораи баргашти муҳоҷирон, пурра амалӣ шуд.

Бо вуҷуди мушкилоти зиёд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мухолифини собиқ барои татбиқи ин қарорҳо тамоми имкониятҳоро сафарбар намуданд. Тибқи маълумоти расмӣ, дар солҳои 1993–2000 ба ҷойҳои доимии зисти худ 950 599 нафар бозгаштанд, ки аз ин шумора 201 601 нафар аз кишварҳои ИДМ, 51 345 нафар аз Афғонистон ва 697 653 нафар аз ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон буданд.

Кумаку дастгирии ибтидоии Сарвари давлат, Ҳукумат ва созмонҳои байналмилалӣ ба бозгаштагон равона шуда, таъмини онҳо бо маводи ғизоӣ, ашёи рӯзмарра, барқарорсозии манзилҳо ва ғамхорӣ нисбат ба ятимону оилаҳои серфарзандро дарбар мегирифт. Ин иқдомҳо барои устувории иҷтимоӣ ва бозсозии ҳаёти осоишта замина гузоштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳатарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намудаанд: «Мо ҳеҷ гоҳ кумаку мусоидати кишварҳои дӯст, ба монанди Федерасияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Афғонистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон, ки бо сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар раванди истиқрори сулҳ ва мусолиҳаи миллӣ дар Ватани азизамон хизмати арзанда намуданд, фаромӯш нахоҳем кард. Тоҷикон дар фосилаи дарози таърих бо ҳусни тадбир, ақлу дониш ва хиради азалии худ дар корҳои давлатдорӣ нақши барҷаста бозида, бо фарҳанги оламшумул ва забони шево дар баробари нигоҳ дошта тавонистани ҳастии худ, дар рушду густариши тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштанд» [43, с. 6-7].

Ҳамин тариқ, имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба роҳбарияти ҷумҳурӣ ва махсусан, ба Ҳукумати ҶТ, имкон дод, ки роҳи бозсозии давлати ҳуқуқбунёд ва ободонии Ватанро  пеш баранд. Ниёгони мо яке аз куҳантарин тамаддунҳои ҷаҳониро офаридаанд, ки бар пойдевори «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» устувор буд. Гузашта аз ин, онҳо низоми мукаммали давлатдорию идоракунӣ, санъати асили меъморию шаҳрсозӣ, тарзи мутамаддину оқилонаи муносибати байни миллатҳо, эҳтироми озодии мазҳабу равияҳои гуногун ва риояи ойинҳои мухталифи динӣ, инчунин, ҷараёну мактабҳои гуногуни илмию фалсафиро ба мерос гузоштаанд.

Давлати иҷтимоӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ аз сохтори классикии давлатҳои идеологӣ фарқ мекунад. Он наметавонад, мисли режимҳои тоталитарӣ, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро таҳти назорат қарор дода, корпуси ягонаи идеологӣ ва назоратиро дар ҳамаи паҳлуҳо тавсеа диҳад. Вазифаи чунин давлат пеш аз ҳама таъмини заминаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ барои ташаккули шахсияти худшиносу ватандӯст аст, на таҳмил кардани мафкураи ягона.

Аммо ташкили низоми устувори маънавию ахлоқӣ ва худшиносӣ дар давлатҳои демократӣ кори осон нест ва талаботи илмӣ, ташкиливу касбии мураккаб дорад. Барои ин зарур аст, ки низоми таълиму тарбия, муассисаҳо ва созмонҳои давлатӣ дар чорчӯби манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ фаъолият кунанд.

Маънавиёт ва худшиносии шаҳрванд танҳо вазифаи давлат нест, балки самти асосии рушди ҷомеаи соҳибдавлат ва миллатсоз аст. Бе ин омилҳо, давлат дар ҷаҳони пуртазод ва пурталотум дар назди хатарҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва идеологӣ қарор мегирад.

Аз ин рӯ, низоми ҳуқуқӣ бояд шароите фароҳам оварад, ки ҳар як шаҳрванд дар баробари муҳаббат ба касбу кор ва муҳити зистватани худ - Тоҷикистонро ҳамчун арзиши олӣ эҳсос ва ҳимоя намояд. Дар сохтори корхонаҳо ва муассисаҳо

низ бояд чорабиниҳои пайвастаи маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ амалӣ гарданд.

Дар ин раванд, нақши ВАО, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худфаъолиятӣ муҳим буда, дастгирии молиявӣ ва ташкилӣ аз ҷониби давлат метавонад онро самаранок гардонад. Ҳамаи ин тадбирҳо барои ташаккули шаҳрванди худшиносватандӯст ва масъули иҷтимоӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим доранд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва фазои кушодаи иттилоотӣ, ҳанӯз ҷомеаи тоҷикӣ то ба охир сангҳои таҳдоби маънавию арзишии худро, ки ба талаботи давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мутобиқ бошанд, пурра таҳия накардааст. Ин масъала, аз ҷумла, яке аз муҳимтарин вазифаҳои стратегӣ дар самти таҳкими пояҳои маънавии давлатдорӣ ба шумор меравад.

Дар ҷомеаи муосир як қатор арзишҳо ва асосҳои маънавию ҳуқуқии роҳнамо, ки метавонистанд пояи рушди устувори ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил диҳанд, аз ҷониби баъзе гурӯҳҳо бо дидгоҳҳои маҳдуд ва таассуби соҳавӣ ба таври лозим таҳқиқ ва рушд дода нашуданд. Ҳамин тавр, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва амалии ин арзишҳо, ки барои таҳкими суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти хос доранд, то ҳол дар сатҳи илмӣ ва оммавӣ мавриди таҳлил ва таблиғи кофӣ қарор нагирифтаанд.

Бисёр шаҳрвандоне, ки худро фарзанди ҳақиқии ин сарзамин медонанд, имрӯз масъулияти шахсии худро дар ҳифзи сулҳи ба дастомада, таҳкими муҳити сиёсӣ ва маънавӣ эҳсос мекунанд. Онҳо аз ифротгароӣ, дуршавӣ аз арзишҳои миллӣ ва бетарафии аҳли дин ва илму фарҳанг нигаронанд. Ҳамин нигаронӣ нишонаи он аст, ки ҷомеа ҳанӯз дар ҷустуҷӯи мавқеи устувори маънавӣ ва тавозуни арзишҳо қарор дорад.

Дар муқоиса бо вазъияти имрӯза, таърих нишон медиҳад, ки чунин иллатҳо дар шаклу муҳити гуногун такрор мешаванд. Ба гуфтаи Питирим Сорокин, «таърих худ такрор намешавад, аммо унсурҳои ҷудогонаи он ҳамеша бозпайдо

мешаванд». Ин нукта махсусан дар робита бо падидаҳои таассуб, ифротгароӣ ва нодида гирифтани манфиатҳои миллӣ возеҳ мушоҳида мешавад.

Дар тӯли таърих, бузургони тоҷик - Абуҳанифа, Абуҳафс Кабир, Муҳаммади Шайбонӣ, Абулҳасан Мотуридӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ибни Сино, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Аттор, Мавлавӣ ва дигарон, дар шароити душвори сиёсиву динӣ бо хирад ва андешаи баланди башардӯстона аз арзишҳои миллӣ дифоъ карданд. Онҳо номи миллатро ҳифз намуда, пояҳои маънавии давлатдориро устувор сохтанд. Аммо ҷомеаи имрӯза, бо вуҷуди имкониятҳои давлатӣ ва озодии эҷодӣ, то ҳанӯз наметавонад дарси наве барои наслҳои оянда бигузорад ва таҷрибаи ниёгонро ба воқеияти имрӯз табдил диҳад.

Ҷаҳон дар остонаи ҳазораи се бо роҳҳои мураккабу печида инсониятро ба сӯйиояндаи номуайян ҳидоят менамояд, ки онро метавон бо унвони «Ҷаҳонишавӣ» шинохту пешбинии ҳодисоти он ба мисли «таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ; экстремизм, терроризм, савдои одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, муомилоти ғайриқонунии яроқ ва ҷиноятҳои иттилоотӣ», олимонро зарур меояд, ки оиди сабабҳо ва заминаҳои ҳуқуқии пайдоиши ин омилҳои номатлубро муайян намоянд. Раванди ҷаҳонии охири қарни гузашта, ки бо пошхурии иттиҳодҳои сотсиалистӣ ва ташаккули давлатҳои мустақили миллӣ тавъам буд, як воқеияти нави сиёсӣ ва мафкуравиро ба вуҷуд овард. Ин тағйироти таърихӣ барои бархе аз кишварҳо бо парокандагиву таназзул ва барои дигарон бо ҳамгироӣ ва ваҳдати устувор тавъам гардид.

Барҳамхӯрии давлати шуравӣ, муттаҳидии олмонҳо ва пошхӯрии давлатҳои мураккаби Аврупои Шарқӣ ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати ҷаҳонии асри XX зуҳур намуд. Ин тағйирот, ки нишонаи гузариш ба марҳилаи нави муносибатҳои байналмилалӣ буд, оқибатҳои гуногунҷанба барои сиёсат ва тақдири миллатҳо ба бор овард. Аз байн рафтани тазоди идеологӣ ва ҷойгузини он бо тазоди манфиатҳо ва усулҳо, муҳити ҷаҳониро тағйир дода, ба шаклгирии низоми нави сиёсӣ таъсири амиқ расонд.

Назарияҳои ҷаҳони муосир низ ба таҳаввулоти воқеӣ мувофиқ наомаданд: «интиҳои таърих»-и Ф. Фукуяма ба ибтидои даврони нав табдил ёфт; консепсияи «бархӯрди тамаддунҳо»-и С. Хантингтон бо ғояи «гуфтугӯйи тамаддунҳо»-и М. Хотамӣ рӯ ба рӯ шуд ва назарияи «тахтаи бузурги шоҳмоти ҷаҳон»-и З. Бжезинский воситаи таҳкими геополитикаи «инқилобҳои ранга» гардид.

Ин равандҳо ба системаҳои классикии шинохти таърих аз формати марксистии таърих то назарияи «фавворавӣ»-и П. Сорокин ва «тамаддуншиносии таърихӣ»-и А. Тойнби паёмадҳои нав ворид карданд. Ҷомеаи инсонӣ бо мушкилоте рӯ ба рӯ гардид, ки монанди онро таърих қаблан нашинохта буд.

Барои мо, мардуми Тоҷикистон, ки аз ин таҳаввулоти глобалӣ таъсир пазируфтем, ин давра бо вуҷуди нооромиву зиддиятҳо бузургтарин неъмат - истиқлолияти давлатиро ба армуғон овард.

Яке аз рукнҳои асосии пояҳои давлатдории миллӣ истиқлолияти давлатӣ мебошад. Истиқлолият на танҳо бо эълони расмии соҳибихтиёрӣ ё қабули санадҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад, балки татбиқи воқеии ҳуқуқи халқ ва миллат ба таъсиси ҳокимияти мустақили давлатӣ ва шомил гардидани он ҳамчун субъекти соҳибихтиёр ба низоми муносибатҳои байналмилалист.

«Аз дидгоҳи ҳуқуқи конститутсионии муосир, истиқлолияти давлатӣ аз соҳибихтиёрии давлатӣ сарчашма мегирад. Соҳибихтиёрӣ, дар навбати худ, як падидаи умумӣ буда, ба се шакл ҷудо мешавад: соҳибихтиёрии халқӣ, миллӣ ва давлатӣ» [35, с. 97].

Соҳибихтиёрии халқӣ дар он зоҳир мегардад, ки халқ ҳамчун манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ амал мекунад. Механизмҳои демократӣ, монанди институтҳои намояндагӣ, интихоботи озод ва шаффоф, кафолати воқеии ин принсип мебошанд. Ҳалқ ҳуқуқ дорад шакли идоракунӣ, низоми сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии худро мустақилона муайян кунад.

Соҳибихтиёрии миллӣ бошад, ифодаи ҳуқуқи миллат ба худмуайянкунӣ ва таъсиси давлати мустақил мебошад. Ин ҳуқуқ, тибқи қонун ва меъёрҳои

байналмилалӣ, кафолати мустақилияти сиёсӣ ва рушди озодонаи миллатро таъмин менамояд. Амалӣ гардидани соҳибихтиёрии миллӣ бо таъсиси давлати миллӣ ба анҷом мерасад.

Дар давлатҳои федеративӣ, одатан, ҷумҳуриҳои аъзо соҳибихтиёрии халқӣ ва миллиро доранд, аммо соҳибихтиёрии давлатӣ, ки истиқлолияти комили сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ мекунад, маҳдуд аст. Ба ин маъно, танҳо давлатҳои соҳибистиқлол ҳуқуқи иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақил доранд [23, с. 471].

Соҳибихтиёрии давлатӣ ҳамчун волоияти ҳокимияти миллӣ дар дохили кишвар ва истиқлолияти он дар сатҳи байналмилалӣ фаҳмида мешавад. Он маҷмуи унсурҳои соҳибихтиёрии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва сиёсати дохилию хориҷиро фаро гирифта, муҳтавои воқеии истиқлолияти давлатдориро муайян менамояд.

Соҳибихтиёрии сиёсӣ дар моҳияти худ ҳокимияти мутамаркази давлатӣ-ҳуқуқиро дар доираи ҳудуди муайян ифода намуда, кафолати амалисозии низоми ягонаи қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқии ягона мебошад. Ин падида аз муҳимтарин нишонаҳои давлати мустақил ва ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад.

Соҳибихтиёрии давлатӣ, ки истиқлолияти комили давлатро дар дохил ва хориҷ таъмин мекунад, давлатро ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ менамояд. Ба гуфтаи А. Имомов, «соҳибихтиёрии Тоҷикистон хусусияти хос дошта, ҳокимияти олии ягона ва истиқлолияти ӯро ифода мекунад» [32, с. 195-197].

Соҳибихтиёрии давлатӣ дар заминаи соҳибихтиёрии халқӣ ва миллӣ амалӣ мешавад ва ин се рукн тавассути ҳокимияти давлатӣваҳдат ва истиқлолияти миллӣ бо ҳам пайвастагӣ доранд. Дар замони ҳамгирой ва ҳамкории байналмилалӣ, давлатҳо метавонанд ба таври ихтиёрӣ қисми муайяни соҳибихтиёрии худро ба ташкилотҳои байнидавлатӣ вогузор кунанд, аммо ин ҳеҷ гоҳ маънои аз даст додани истиқлолиятро надорад.

Тоҷикистон то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ танҳо соҳиби соҳибихтиёрии миллӣ ва халқӣ будвале пас аз истиқлол, ба соҳибихтиёрии комили давлатӣ расид. Ин дастоварди таърихӣ ба кишвар имкони амалисозии воқеии истиқлолиятро дар арсаи дохилӣ ва байналмилалӣ фароҳам овард.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи фурӯпошии низоми шуравӣ эълон гардид, барои кишвар вазифаҳои нави сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ пеш овард. Дар тӯли 34 соли истиқлол, ҳифзи ин неъмат ва шинохти он ҳамчун арзиши олӣ яке аз муҳимтарин масъалиҳои давлатдорӣ гардид.

Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон дар марзи ду тамаддун (капитализм ва сотсиализм) ва ду ҷаҳонбинӣ (дунявият ва ислом) кишварро ба минтақаи мураккаб ва ҳассоси геополитикӣ табдил дод. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, давлатҳои абарқудрат кӯшиданд бо роҳҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ нуфузи худро дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, афзоиш диҳанд.

Кишварҳои собиқ мустамликадор ва ҳам қудратҳое, ки қаблан дар минтақа нуфуз доштанд, манфиатҳои таърихӣ ва стратегӣ-и худро бозсозӣ намуда, барои даст ёфтан ба мавқеи нави сиёсӣ ва иқтисодӣ талош карданд.

Ба қавли идеологи стратегии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Збигнев Бжезинский, ки «ҷаҳонро ҳамчун тахтаи шоҳмоти сиёсати байналмилалӣ миёни қудратҳо тақсим менамояд ва нақши шоҳиро ба Амрико месупорад, ба минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо давлатҳои бузург, балки дигар кишварҳо низ бо ҳадафи густариши нуфуз ва манфиатҳои иқтисодию сиёсӣ таваҷҷуҳ доранд» [32, с. 163].

Мутаассифона, гурӯҳҳое, ки бо баҳонаҳои сунъӣ ва идеологӣ мехоҳанд фазои орому суботи ҷомеаро халалдор созанд, на ҳамеша аз ангезаҳои аслии геополитикии пушти ин равандҳо огоҳанд. Зери пардаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ рақобати шадиди қудратҳои ҷаҳонӣ барои нуфузи сиёсӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ пинҳон аст. Дарки ин раванд барои ҳар як шаҳрванд ва элитаи сиёсӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Бо вуҷуди ин, ҳамаи ин талошҳо дар муқобили иродаи қавии халқу миллатҳо, ки роҳи худро ба сӯйи истиқлолияти ҳақиқӣ ва ваҳдати миллӣ интихоб кардаанд, ноустувор ва муваққатӣ мебошанд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, танҳо ҳушёрии сиёсӣваҳдати миллӣ ва саъю кӯшиши ҳамагонӣ барои таҳкими арзишҳои давлатӣ метавонанд истиқлолиятро аз хатарҳои беруна эмин нигоҳ доранд.

Аз чунин ҷаҳонбинӣ бармеояд, ки давлат бояд таҷрибаи беҳтарини давлатдории ҷаҳонро бо мероси фарҳангии миллӣ ва андешаҳои созандаи ҷомеа ҳамоҳанг намуда, устувории пояҳои давлатдориро таъмин кунад ва давлати миллии имрӯзаро бар пояи хирад, адолат ва риояи арзишҳои умумии инсонӣ бунёд намояд.

А. Имомов дуруст қайд менамоянд, ки «соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон неъмати бузургест, ки миллати тоҷик ва тамоми мардуми ҷумҳурӣ ба он комёб шудааст. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии ҷумҳуриро қадр кардан, пойдории онро устувор гардонидан ва ҳифзи онро таъмин намудан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди он мебошад» [32, с. 195].

Аз ҷумлаи омилҳои калидии ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатҳои навбунёд, рушди андешаи давлати миллӣ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқи миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ибтидои давраи истиқлолият, мафҳуми соҳибихтиёрӣ бештар ба унсурҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ такя доштвале бо мурури замон он моҳияти конститутсиониву сиёсӣ пайдо кард ва ба меҳвари истиқлолият табдил ёфт.

Ин раванд аҳаммияти бузург дошт, зеро дар давраи ҳукмронии сохтори федеративӣ (монанди ФР) ва дар заминаи принсипҳои интернатсионализм ва арзишҳои умумишуравӣ, ғояи миллии давлатдорӣ тадриҷан заиф мегардид. Сиёсати интернатсионализми сунъӣ ва ассимилатсияи иҷборӣ ба таври табиӣ таҷзияи фарҳангӣ ва заъфи ҳувияти миллиро ба миён оварда буд.

Таърих нишон дод, ки пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ маҳз идеяи давлати миллӣ ба сифати меҳвари маънавию мафкуравии истиқлолият баромад кард. Давлатҳои нав истиқлолияти худро бо такя ба ин ғоя ҳифз намуда, онро пояи сиёсати миллӣ ва рушди ҳуқуқи миллӣ қарор доданд.

Агар дар марҳалаи ибтидоии истиқлол мафкураи миллӣ ҳанӯз ба унсури асосии сиёсати давлатӣ табдил наёфта буд, пас баъдан он ба омили муҳимми ҳувиятсоз ва таҳкими соҳибихтиёрии давлатӣ мубаддал гашт. Ҳамин тавр, соҳибихтиёрии миллӣ аз зинаи мафкуравӣ гузашта, дар шакли соҳибихтиёрии давлатӣ ифода ёфт ва давлатҳои мустақил тавонистанд ба сатҳи муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди устувори сиёсӣ ворид гарданд.

Таърихи сиёсати ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ибтидои фурӯпошии империяҳои сермиллат, монанди Иттиҳоди Шуравӣ, Чехословакия ва Югославия бархе аз давлатҳои абарқудрат баланд бардоштани худшиносии миллии халқҳои тобеи он империяҳоро ҳамчун воситаи таҳрики порокандашавии низомҳои марказӣ истиқбол мекарданд. Аммо баъдтарвақте ки ин кишварҳо ба истиқлолияти комил расиданд, ҳамон қудратҳо бо роҳҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ барои мавриди назорат қарор додани онҳо талош намуданд.

Мақсади аслӣ дигар на дастгирии истиқлол, балки монеъ шудан ба таҳкими пояҳои давлатҳои тозаистиқлол гардид, зеро тақвияти истиқлолияти миллӣ ба манфиатҳои геополитикии онҳо мувофиқ набуд. Дар ин раванд, қудратҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти андешаи давлати миллиро ҳамчун омили муқовимати идеологӣ ва сиёсӣ дар низоми байналмилалӣ нодида гирифтанд.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи таърихӣ исбот кардааст, ки мафкураи давлати миллӣ ва ҳуқуқи миллӣ дар аксари кишварҳои рӯ ба рушд ва мутараққӣ воситаи муассири ҳифзи истиқлолият ва суботи сиёсӣ мебошад. Муҳаққиқ Ф. Фукуяма баланд рафтани худшиносии миллиро дар чунин ҳолатҳо дуруст таъкид намудааст: «Миллатчигӣ айни ҳол дар Аврупои Шарқӣ ва ИҶШС, ки дергоҳ ба худшиносии миллии халқиятҳои онҳо монеъ мешуданд, хеле боло рафтааст.

Миллатгароӣ, ҳамчунин, дар давлатҳои куҳна ва устувори миллӣ низ вақтҳои охир ба тағйирпазирӣ рӯ овардааст. Даъвати худшиносии миллӣ дар Аврупои Ғарбӣ ба худшиносии универсалӣ табдил ёфтааст, ки аз бисёр ҷиҳат ба даврони се чор қарни пеш, ки бо созиши дин рӯйи кор омада буд, мувофиқат дорад» [60, с. 21].

Дар даврони нав, миллатгароӣ ва худшиносии миллӣ боз ба унсури таъсиргузори сиёсию иҷтимоӣ табдил ёфтаанд ва нақши нав дар ҳалли масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ касб мекунанд. Даврае, ки онро бархе мутафаккирон ҳамчун «анҷоми таърих» ва пирӯзии пурраи демократияи либералӣ пешгӯӣ мекарданд, воқеан ба поён нарасид. Баръакс, назарияҳои классикии таърихӣ, аз Гегел ва Маркс то Фукуяма дар амал мавқеи собиқи худро аз даст доданд. Таърих идома ёфт ва унсурҳое, ки замоне «куҳнашуда» ҳисоб мешуданд, аз қабили миллатгароӣ, ифодагарии динӣ ва ҳувияти этникӣ, боз ба авҷ расиданд.

Баррасии ин равандҳо барои илми ҷамъиятшиносӣ аҳаммияти хос дорад, зеро онҳо метавонад самтҳои нави инкишофи давлатҳои муосирро муайян созанд. Дар солҳои аввали истиқлолият, давлатҳои нав ба истиқлолрасида ба умеди ҳамкории самимӣ бо ҷаҳони беруна манфиатҳои миллии худро бо ошкорӣ иброз менамуданд, аммо дертар маълум шуд, ки дӯстиҳо ва пуштибониҳои зоҳирӣ ҳамеша беғараз набуданд.

Воқеият чунин буд, ки зери пардаи оромӣ равандҳои ноаён ва зиддиятҳои пинҳонӣ амал мекарданд, ки метавонистанд суботу истиқлолияти давлатҳои ҷавонро зери хатар гузоранд.

Давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар натиҷаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба истиқлолияти худ ноил гардиданд, дар марҳалаи аввал имкон ва таҷрибаи кофӣ барои дарки амиқи вазъи нави геополитикӣ надоштанд. Истиқлолият ба таври ногаҳонӣ ва дар шароити мураккаби сиёсӣ ба даст омада, таҳлили оқибатҳои эҳтимолии он ниёз ба замон дошт. Аз ин рӯ, маҳз Тоҷикистон аввалин

кишваре буд, ки ба гирдоби бухрони сиёсӣ ва низоъҳои дохилӣ кашида шуд.

Бо шарофати Сарварии фарзанди фарзонаи миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мардуми Тоҷикистон ва ҳукумати кишвар тавонистанд бо роҳи ҳамгирой, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдат аз ин ҳолати ниҳоят хатарнок берун оянд.

Бо қабули Конститутсияи соли 1994, Тоҷикистон худро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ ва ягона муаррифӣ кард. Интихоби ин модел натиҷаи таҳлили амиқи вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии дохилӣ ва байналмилалӣ буд. Он ягона роҳи наҷот ва муаррифии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили миллӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон гардид.

Бо вуҷуди ин, кишвар бо мушкилоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ монд. Бухронҳои гуногун ва унсурҳои номуайян, ки метавонанд ба пойдории давлатдорӣ ва ҳуқуқи миллӣ таъсир расонанд, то ҳол пурра рафъ нашудаанд. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки роҳи давлатсозии миллӣ равандест тӯлонӣ ва ниёзманд ба таҳкими минбаъдаи пояҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи стратегӣ ва модели давлатдории худро муайян намудааст. Аммо татбиқи ин роҳ, ки «мошини давлатӣ» бояд қудрати идора ва пешбурди борҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро дошта бошад, ниёз ба таҳлили илмӣ ва баррасии мукаммал дорад. Ин раванд таҳқиқи ҳамаҷонибаи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад, зеро пешрафти минбаъда бе асосҳои илмӣ ва таҷдиди назар дар усулҳои идоракунии давлатӣ имконнопазир аст.

Пеш аз ҳама, бояд муайян кард, ки махсусияти давлатдории тоҷикон дар шароити муосир аз чӣ иборат аст? Кадом унсурҳо ва арзишҳо хоси модели миллии давлатдории моанд? Посух ба ин саволҳо дар фаҳмиши ҷараёни таърихии ташаккули давлат ва ҳуқуқи миллӣ, таҳкими меросияти сиёсӣ ва татбиқи арзишҳои конститутсионии замони нав ниҳон аст.

Давлатдории миллии тоҷикон бо қабули Конститутсияи соли 1994, таҳкими тамомияти арзӣ ва ягонагии ҳуқуқӣ, инчунин, пайгирии мероси сиёсию идеологии Пешвои миллат шакли устувор гирифт. Сангинтарин пояи ин мафкураи давлатдорӣ эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ мебошад, ки Конститутсия (моддаи 5) онро ҳадафи асосии давлат эълон намудааст.

Дар шароити асри XXI, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ба меъёри баҳодиҳии сиёсати давлатӣ табдил ёфтаанд, тамоми сохторҳо давлат, сиёсат ва манфиатҳои миллӣ бояд, ба қавли И. Кант, «дар назди ҳуқуқи инсон сари таъзим фурӯд оранд». Танҳо дар ин асос рушди воқеии давлатдорӣ ва пешрафти иҷтимоӣ имконпазир хоҳад буд.

Барои рушди минбаъдаи давлатдории миллӣ ва ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ зарур аст, ки илми ҳуқуқшиносӣ ва раванди ҳуқуқэҷодкунӣ бо таҳлилҳои устувори мантиқӣ ва аналитикӣ амал намояд. Дастрасии васеъ ба дастовардҳои ҷаҳонӣ ва таҷрибаи таърихии ҳуқуқ, инчунин, арзёбии дурусти арзишҳо, манфиатҳо, принсипҳо ва усулҳои ҳуқуқӣ дар мизони адолат, имкон медиҳад, ки ҳақиқат, озодӣ, баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ осеб наёбанд.

«Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад, - иброз медорад Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва

онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем» [6].

Хулоса, миллати тоҷик, ки дорои решаҳои амиқи давлатдорӣ ва таҷрибаи ғании ташаккули сохторҳои сиёсиву ҳуқуқист, дар лаҳзаҳои таърихии муҳим бо роҳандозии ислоҳоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин намуда, низоми идоракунии ҷамъиятро такмил дода ва заминаҳои иқтисодию иҷтимоиро таҳким бахшидааст.

# БОБИ 2. НАҚШИ ФАЪОЛИЯТИ СУЛҲОФАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

## 2.1. Сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якумин сухане, ки ба халқ пешниҳод карданд ин буд: «Ман ба Шумо сулҳ меорам»ва ин суханҳо воқеан ҳам иҷро шуданд ва ба Тоҷикистон сулҳу оромиро таъмин намуданд.

Дар солҳои аввали истиқлолият, бо ҳадафи ташаккули низоми қонунгузории миллӣ ва танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Онҳо ба такмили Конститутсия ва муайян кардани режаҳои махсуси ҳуқуқӣ равона буданд. Бо вуҷуди ин, шитобкорӣ дар таҳия, маҳдудияти таҷриба дар соҳаи қонунгузорӣ ва набудани механизми ягонаи ҳамоҳангсозӣ монеъ гардиданд, ки ҳамаи онҳо ба низоми муттаҳиди ҳуқуқӣ пурра ворид шаванд.

Ҳамзамон, ин давра дар Тоҷикистон вазъият хеле муташанниҷ буд, мардум аз ҳукумати Раҳмон Набиев норозигӣ баён намуда, ба воситаи саркардагони Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон сар задании ҷангӣ таҳмилии шаҳрвандиро ба миён овард. Ҳукуматҳои маҳаллӣ оташи ҷангро дар самти Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб хомӯш карда наметавонистанд.

Вазорати Корҳои Дохилӣ ва Кумитаи Давлатии Амнияти Милли дар рӯзҳои аввали муқовимати оғозшуда худро бетараф эълон намуда, ба иҷрои фаъолона ва масъулиятноки вазифаҳои худ хеле оҳиста ва беғаразона рӯй меоварданд, қувваҳои мухолиф ба мисли пешина ба дастгирии лавозимоти ҳарбию иқтисодии як қатор мамлакатҳои исломӣ такя мекарданд.Ҷустуҷӯйи ҷавоб ба саволи ҳамешагии дар ин вазъияти ногувор «Чӣ бояд кард?» ба ҷустуҷӯйи роҳҳои нигоҳдории давлати тоҷикон ва аз даст додани генофонди

миллат ва пешгирӣ намудани фалокати миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимми тақдирсоз дар назди миллати тоҷик буд.

«Ҳалли ихтилофи байни тоҷикон масъалаи асосии сохтори конститутсионии ҳокимияти нав, дар ҳақиқат ба ибораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, парламенти «аз хоб бедоршуда» гардид» [49, с. 6-7]. Бояд ёдовар шуд, ки дар Иҷлосияи V1 Шурои Олӣ, Институти Президенти барҳам дода шуда, тамоми салоҳияти Президент ба зиммаи Шурои Оли вогузор карда шуда буд.

То барқароршавии мансаби Президент ва интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон (6 ноябри соли 1994), кишвар дар ҳолати номуайянии сиёсӣ қарор дошт. Ҳеҷ кас масъулияти идоракунии давлатро ба дӯш намегирифт ва аз мансабҳои давлатӣ канорачӯӣ мекард.

Танҳо ирода ва устувории сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист ин ҳолатро тағйир диҳад. Ӯ масъулияти пурраи роҳбарии давлатро ба ӯҳда гирифта, барои барқарории субот ва ваҳдати миллӣ иқдом намуд. Дар он лаҳзаҳои сарнавиштсоз, мардуми тоҷик ба роҳбарияти ӯ бо умед нигарист.

«Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси тозаинтихоби Шурои Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар оғози ба ҳайси раис интихоб шуданашон, соли 1992 – ум омодагии худро ҷиҳати ҳамкорӣ дар доираи Конститутсия бо ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ арз намуда, масъулияти ҳодисаҳои дар Тоҷикистон рӯй дода ва тақдири оядаи сокинони сершумори оддии онро, ки ба ин ё он андоза дар ҷанги шаҳрвандӣ зарар дида буданд, дарк намуда буд» [49, с. 9].

Дар бартарафсозии бuҳрони дохилии Тоҷикистон, аз оғози ҳодисаҳои соли 1992 то ба имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1997), ФР нақши калидӣ ва мусбат бозид. Ҳамкории дипломатӣ ва низомии Россия ба раванди гуфтушунидҳои байни тоҷикон ва таъмини суботи дохилӣ мусоидат намуд. Таърих ин саҳмро ҳамчун кумаки ҷиддии стратегӣ баҳо медиҳад.

Ба гуфтаи А. Козирев, «омили асосии дастгирии Россия – қарзи таърихии он дар муҳофизати сарҳади Тоҷикистону Афғонистон» буд. Ин иқдом сипари боэътимоди амниятӣ ба вуҷуд овард, ки роҳро барои дахолати нерӯҳои хориҷӣ ва марказҳои экстремизми динӣ, ки ба таъсиси давлати клерикалӣ дар Тоҷикистон талош доштанд, баст. Дар натиҷаи иқдомҳои сиёсиву низомӣ хатари аз байн рафтани давлатдории миллӣ бартараф гардид.

27 апрели 1992 Шурои Олии Федератсияи Россия, дар ҷавоб ба муроҷиати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастгирии Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон, қарор қабул намуд, ки то 500 нафар неруҳои ҳарбӣ барои нигоҳдории сулҳ ба Тоҷикистон фиристода шаванд [119].

Моҳи майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд давлатҳои аъзои ИДМ Протокол дар бораи ташкили гурӯҳи муваққатии нозирони ҳарбӣ ва қувваҳои дастаҷамъии нигоҳдории сулҳро ба имзо расониданд [95, с. 34].

Сипас 25 майи 1993 миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон Шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кӯмаки байниҳамдигарӣ баста шуд [9, с. 31], ки тибқи моддаҳои 2, 3 ва 11 он, ҳамкории муштарак дар танзими ихтилофҳои минтақавӣ, истифодаи объектҳои низомии Россия дар ҳудуди Тоҷикистон ва ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба экстремизми миллӣ, этникӣ ва динӣ пешбинӣ мегардид.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки соли 1992 дар Тоҷикистон оғоз гардид, мавзуи амиқи ташвишомез барои Созмони Миллати Мутаҳид гардид. Бинобар он, ки 2-юми марти соли 1992 Тоҷикистон ба оилаи давлатҳои аъзои СММ ҳамроҳ шуд ва табиатан ин вазъи низоии ба миён омада Котиби Генералии СММ-ро хавотир намуда, аллакай соли 1992 вазъияти ҷумҳурӣ дар Шурои амнияти СММ баррасӣ карда мешуд.

Дар муддати 10 рӯз, яъне аз санаи 5-уми ноябр то 15-уми ноябри соли 1992 Миссияи некӯкории СММ, таҳти роҳбарияти шахсии намояндаи Котиби Генералии СММ, (КГСММ) Раймондом Соммерейнсом, ки дар он мутахассисон оид ба масъалахои ҳарбӣ, сиёсӣ, масъалаҳои гурезаҳо ва

муҳоҷирон, барномаҳои иқтисодӣ ва озуқаворӣ дар Душанбе корҳои муайянро анҷом медоданд [121].

Баъд аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оғози марҳилаи нави сиёсӣ дар таърихи кишвар маҳсуб меёбад, Раиси тозаинтихобшуда Эмомалӣ Раҳмонов 20 декабри соли 1992 бо паёми махсус ба Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид муроҷиат намуд. Дар ин муроҷиат пешниҳоди ирсоли Миссияи нозирони СММ ба Тоҷикистон иброз гардид, то робитаҳои расмӣ бо Ҳукумати кишвар ва қувваҳои сулҳовари ИДМ тақвият ёфта, ҳамоҳангсозии масъалаҳои вобаста ба расонидани кӯмаки башардӯстона ба таври муассир амалӣ гардад.

21-уми декабри соли 1992 Котиби Генералии СММ Б.Бутрос Гали ба Шурои амният оид ба равон намудани гурӯҳи хурди нозирони ҳарбӣ ба Тоҷикистон, ки дар оянда Миссияи нозирони СММ (МНСММ) дар Тоҷикистон ном гирифт, муроҷиат намуд. 1-уми феврали соли 1993 СММ дар Душанбе намояндагии худро кушод, ки онро ҷаноби Ливоу Бота роҳбари менамуд [126].

Сарфи назар аз шароитҳои объективӣ ва субъективӣ, ки дар рафти танзими ҳуқуқии байнимиллӣ ба амал омаданд, мақсаде ки соли 1992 монда шуда буд, ба он расиданд. Қувваи роҳнамоикунанда дар ин ҷараён Раиси тозаинтихоби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов буд, ки бо устуворӣ ва кушиш тоҷикистониёнро ба рӯзи Созиш наздик намуд ва ба ӯ хизмати шоиста дар ин амал таалуқ дорад. Ҳамдигарфаҳмӣ, созиш ва ягонагии миллат, мустаҳкамнамоии сулҳу субот дар тамоми қаламрави чумҳурӣ саҳифаи пурҷилои навро дар таърихи ҷумҳурӣ кушод, ки асоси мустаҳкам барои сохтани давлати демократӣ, ҳуқуқӣ, дунявӣ ва ягонаи нав гузошт.

Омили нави иштироки ин созмони бонуфузи байналхалқӣ дар танзими ихтилофи байни тоҷикон ба ин кор ҳамроҳ шудани Созмони амният ва ҳамкорӣ

дар Аврупо (САҲА) мебошад, ки раванди сулҳпарварии Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои дарозмуҳлати минтақавии худ кумаки муайяне расонид. Дар ҷаласаи чоруми Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА, ки 1 декабри соли 1993 дар шаҳри Рим баргузор шуд, зарурати дастгирии раванди сулҳ дар Тоҷикистон расман эътироф гардид. Бо ин мақсад, қарор дода шуд, ки миссияи махсус ташкил карда шавад. Ин миссия 19 феврали соли 1994 дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз кард.

Миссия вазифадор буд, ки миёни неруҳои сиёсӣ ва минтақаҳои гуногуни кишвар робитаҳои кориро ба роҳ монад. Он дар гуфтушунидҳо иштирок намуда, барои коҳиши танишҳо ва таҳкими эътимод миёни тарафҳо кӯмак мерасонд.

Ҳамзамон, миссия ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро тибқи меъёрҳои байналмилалӣ назорат мекард. Принсипҳо ва уҳдадориҳои САҲА дар қаламрави Тоҷикистон низ таҳти назорати доимии он қарор доштанд.

Илова бар ин, миссия ба рушди низоми ҳуқуқӣ ва ҳимояи сохторҳои демократӣ дар давраи пасосулҳӣ мусоидат намуд.

Миссия, ки аз чор корманди доимӣ дар Душанбе ва намояндагони сайёр иборат буд, тавонист ба ташкили гуфтушунидҳо, таҳкими эътимод ва рушди сохторҳои демократӣ мусоидат намояд.

Қувваҳои дастаҷамъии сулҳхоҳ (қувваҳои сулҳнигоҳдори ИДМ) 15 октябри соли 1993 вориди Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Аз ҳамин сана онҳо ба фаъолияти расмии худ оғоз намуда, дар таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти кишвар нақши муҳим бозиданд. Мандати ин қувваҳо мунтазам аз ҷониби Шурои сарони давлатҳои ИДМ ҳар шаш моҳ тамдид мегардид.

Тибқи қарорҳои аввалия, ба ҳайати қувваҳои сулҳхоҳ бояд контингент аз Қазоқистон, Қирғизистон, Узбекистон ва Федератсияи Россия шомил мегардидвале бо сабабҳои гуногуни сиёсиву амалӣ ин нақша пурра амалӣ нашуд. Асоси аслии қувваҳои сулҳхоҳро дивизияи 201-уми пиёданизоми Россия ташкил медод, ки ҳузури онҳо дар қаламрави Тоҷикистон баъдан эътирофи байналмилалӣ ёфт.

Ҳамзамон, бо фаъолияти неруҳои даргир, барои таъмини амнияти сарҳади Тоҷикистону Афғонистон чораҳои муштарак андешида мешуданд. ИДМ дар ин давра нақшаи махсусеро амалӣ кард, ки ба чанд самти муҳим равона буд. Дар ин доира гуфтушунид бо мухолифини мусаллаҳ барои ҷалби онҳо ба сулҳ ва барқарорсозии низоми сиёсӣ баргузор мегардид. Ба фаъолияти миёнравии СММ дар музокироти сулҳ низ кӯмак расонида мешуд ва бо нозирони ин созмон дар Тоҷикистон ҳамкорӣ анҷом меёфт. Илова бар ин, бо кишварҳои Покистон, Эрон, Арабистони Саудӣ ва дигар давлатҳои минтақа робита нигоҳ дошта мешуд, то вазъият ором ва устувор монад. Яке аз вазифаҳои муҳимми ин барнома ташкили қувваҳои сарҳадии Тоҷикистон буд [95, с. 65].

Созишномаи оташбаси 17 сентябри соли 1994 раванди сулҳро ба марҳилаи нав гузаронд. Дар чорчӯби он мубодилаи асирон ва гурезаҳо сурат гирифт ва бисёр гурезагони тоҷик аз Афғонистон ба Ватан баргаштанд.

Интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994), ки бо дастгирии оммаи васеи мардум сурат гирифт, ба ҷомеа умеду эътимоди нав бахшид. Мардум дар шахси Президенти тозаинтихоб иродаи сиёсӣ ва тавони ҳалли масъалаҳои асосии миллиро мебинад.

Дар ҳамин давра , Бюрои институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (БИДҲИ) САҲА пешниҳод кард, ки ба Тоҷикистон дар таҳияи Конститутсияи нав кӯмак расонад. Ҳарчанд гурӯҳи кории миллӣ аллакай тарҳи санадро омода карда буд, намояндагони САҲА фаъол монданд ва барои марҳилаҳои ояндаи кор тавсияҳои худро пешниҳод карданд. Қисме аз ин тавсияҳо қабул нашуданд, ки ин боиси изҳори нигаронии Шурои доимии САҲА гардид. Бо вуҷуди ин, созмон дастгирии худро қатъ накарда, дар омодасозии интихоботи парлумонии соли 1995 ва пешбурди меъёрҳои демократӣ фаъолона иштирок намуд [55, с. 37].

Мушкилоти ибтидоӣ дар муносибати байни идораҳои давлатии Тоҷикистон ва миссияи САҲА бештар ба хусусияти кори ин ташкилот вобаста буд, ки бештар ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои шаҳрвандӣ диққат медод. Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ имкони иҷрои пурраи

талаботи ин созмонро надошт. Бо гузашти вақт, ҳамкориҳо дар бахши ҳуқуқи инсон афзоиш ёфтанд. Соли 1995 бо саҳми САҲА лоиҳаи таъсиси институти омбудсмен омода гардид. Миссия барои рушди демократия гурӯҳи мубоҳисавии ҷамъиятӣ таъсис дод ва бо СММ дар гуфтушунидҳои сулҳ ҳамкорӣ мекард. Дар соли 1997 пешниҳод шуд, ки мандати МНСММТ васеъ ва шумораи нозирони ҳарбӣ зиёд карда шавад.

Шурои Амният бо Қатъномаи №1128 мандати миссияро то 15 ноябр тамдид намуда, дар Қатъномаи №1138 (14 ноябри 1997) ҳайати онро расман зиёд кард. Бо вуҷуди ин, таҳкими боварии тарафҳо нисбат ба нақша душвортар баромад, зеро хуруҷҳои зӯроварӣ ҷараёни сулҳро суст мекарданд.

Дар моҳи майи соли 1998 Котиби генералии СММ дар гузориши худ ба Шурои Амният қайд кард, ки барои иҷрои созишномаи сулҳ вақти бештар лозим аст ва раванди амалисозӣ тӯл мекашад. Аз ин сабаб, баргузории интихобот дар соли 1998 имконнопазир шумурда шуд. Бо ин асос, тамдид намудани мандати Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон то 15 ноябри соли 1998 тавсия гардид.

Шурои Амният дар Қатъномаи №1167 аз 4 майи соли 1998 ин тавсияҳоро пазируфта, мандати миссияро тамдид намуд ва ҷонибҳоро даъват кард, ки барои омодасозии шароит ҷиҳати баргузории интихобот дар муҳлати муносиб чора андешанд.

Дар ҳамин давра, дар қаламрави Тоҷикистон ҳузури низомии Россия нақши калидӣ дар таъмини амният бозид. Дивизияи 201-уми тирандозии Россия, ки қаблан дар Афғонистон фаъолият дошт, ҳамроҳ бо қувваҳои сарҳадӣ, дар маҷмуъ, 22 ҳазор хизматчии ҳарбиро ташкил медод. Онҳо ҳамчун сипари мудофиавӣ бар зидди дахолати беруна ва таҳдиди экстремизми динӣ амал мекарданд.

«Моҳи апрели соли 1999 дар қаламрави Тоҷикистон мавҷудияти расмии дивизияи 201-уми Россия бо имзои Шартномаи дуҷониба дар бораи базаи ҳарбӣ ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкам гардид» [120]. Ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ташкили чунин база

масъалаи дохилии ду давлати соҳибистиқлол буда, ба манфиати на танҳо Россия ва Тоҷикистон, балки амнияти тамоми минтақа мебошад. Президент таъкид кард, ки базаи ҳарбӣ характери мудофиавӣ дорад [120].

Вақте ки муҳофизати сарҳад тақвият ёфт ва хатари «омили афғонӣ» бештар эҳсос шуд, кишварҳои минтақа фаҳмиданд, ки мубориза бо экстремизми динӣ танҳо бо кӯшишҳои ҳамоҳанг мумкин аст. Дар ин раванд, Федератсияи Россия низ бо ширкат дар ташкили сохторҳои амниятии муштарак барои пешгирии таҳдидҳои ифротгароии минтақавӣ саҳмгузорӣ кард.

Дар ҷараёни гуфтушунидҳои сатҳи олӣ байни роҳбарони Ҳукуматҳои Россия ва Узбекистон 8 майи соли 1998 дар шаҳри Маскав Созишнома дар бораи ҳамкории «сегона» (Россия, Тоҷикистон, Узбекистон) ба имзо расид. Ҳадафи асосии ин санад мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккили байнимиллӣ, аз ҷумла экстремизм, терроризм, гардиши ғайриқонунии яроқ ва маводи нашъадор буд. Ин ҳуҷҷат бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имзо гардид.

Бо Қатъномаи №1206 Шурои Амнияти СММ (12 ноябри соли 1998), мандати Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (МНСММТ) то моҳи майи соли 1999 дароз карда шуд. Интихоботи президентӣ (6 ноябри 1999) ва интихоботи парлумонӣ (20 феврали 2000) пас аз он ки аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ пазируфта шуданд, ба зарурати идомаи фаъолияти МНСММТ дар формати васеътар асос гузоштанд. Дар ҳамин давра, Миссияи СММ дар ташкили раъйпурсӣ оид ба тағйироти Конститутсия ва баргузории интихоботҳои президентӣ ва парлумонӣ хизмати муҳим анҷом дод.

Ин чорабиниҳо ба тақвияти асосҳои конститутсионии давлат ва ба анҷом расидани раванди танзими ихтилофи сиёсӣ мусоидат намуданд.

Фаъолияти САҲА дар Тоҷикистон низ дар ин давра мусбат арзёбӣ мегардад, зеро ҳузури он рамзи манфиатдории ҷомеаи байналмилалӣ ва кишварҳои пешрафтаи саноатии Ғарб ба пойдории сулҳ ва рушди демократияи миллӣ буд.

Таҷрибаи солҳои аввалини муқовимат ва гуфтушунид бо мухолифин нишон дод, ки барои тағйироти куллии Конститутсия, ки аз соли 1987 амал мекард ва моҳиятан ҷавобгӯйи воқеият набуд, заминаи ҳуқуқию сиёсӣ фароҳам омада буд. Ин раванд имкони қабули Конститутсияи нави соли 1994-ро муҳайё сохт.

Барқарор намудани сулҳ ва созиши миллиро бе ёрии маънавӣ ва моддии якчанд ташкилотҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама СММ, САҲА, СҲИ, ДКО, ХБМ ва дигар ташкилотҳо, инчунин, ёрии бебаҳои аъзо-давлатҳои «Гурӯҳи тамос», ки дар рӯзҳои душвор роҳи ҳалли мушкилиҳоро ёфта, тараққиёти ҷараёнҳоро ба самти лозима равон мекарданд, наметавон тасаввур кард.

Аммо, фаъолияти сулҳофаронаи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва иштироки он ҳаёти ҳамарӯзаи ҷамъиятии ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар шароити мустаҳкам намудани иқтисодиёти кишвар дар ҳар як қадам масъалаҳои ҳалталаб ва мушкилиҳои нав ва назорати беандозаро таъқиб менамоянд. Сустӣ дар ин ҷараён, метавонад ба ҳолатҳои бuҳронии ҷиддӣ оварда расонадва кордон набудани баъзе аз роҳбароне, ки вазифаҳои муҳимро дар сохторҳои идоракунии иқтисодӣ, ишғол менамудаанд, мустаҳкам намудани минбаъдаи ҷараёни сулҳро мураккаб менамуд ва муваффақиётҳои бадастовардаи созишномаи осоиштаро зери шубҳа мегузошт.

15-уми сентябри соли 1994 дар асоси даъватҳои Ҳукумат бо сарваии Эмомалӣ Раҳмон дар Душанбе ташкилоти ғайриҳукуматии РФГ «Амалиёти кишоварзии Олмон» (АКО) фаъолияти худро оғоз намуд. Бо созиши Департамент оид ба кумаки башардӯстонаи Иттиҳоди Аврупои СММ, инчунин, Кумитаи Салиби Сурх, АКО дар Хуҷанд лоиҳаро дар соҳаи тақсимоти 6 ҳазор тонна орди гандумӣ, 400 тонна шакар, 600 равғани растанӣ, оғоз намуд. 200 ҳазор нафари ниёзманд муайян карда шуд [10]. Ба ғайр аз ин, ташкилоти мазкур уҳдадориро вобаста ба тақсимоти фонди тухмӣ ба кишоварзон ва деҳқононро ба худ гирифт.

Кормандони АКО дар ин солҳо фаъолияти худро дар дигар ноҳияҳои Тоҷикистон, ки махсус ниёзманд будандвасеъ намуданд.

Дар баробари ин, дар доираи Мандати СММ, фиристодагони махсуси Котиби Генералии СММ дар Тоҷикистон дар солҳои 1993-1994 корҳои натиҷаоварро ба анҷом расониданд. Вазифаҳои онҳо ба таъмини қатъи оташбас, ташкили муколамаи сиёсӣ миёни тарафҳои даргир, омӯзиши мавқеи кишварҳои манфиатдор барои оғози гуфтушунидҳо ва ҷалби дастгирии давлатҳои ҳамсоя дар раванди ҳалли низоъҳо равона шуда буд. Фиристодаи махсуси СММ ниятҳои сулҳҷӯёнаро дар сатҳи минтақавӣ пайгирӣ намуда, дар чорчӯби мандати худ ба Тоҷикистон, Узбекистон, Федератсияи Россия, Қирғизистон, Эрон, Покистон ва Арабистони Саудӣ сафарҳои корӣ анҷом дод.

Натиҷаи мулоқотҳо ин қабули қарор оид ба зарурати оғози ҷараёни гуфтушунидҳо миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Оппозитсияи муттаҳиди тоҷикон буд. Дар баробари ин, тарафҳои ихтилофӣ ин қарорро қабул намуда, ба хулосае омаданд, ки дар ин гуфтушунидҳо дар шакли мушоҳидакорон намояндагони Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия ва Узбекистон, иштирок намоянд. Ба шарофати кумаку дастгирии СММ ва «Гурӯҳи тамос», аввали апрели соли 1994 имкони оғоз кардани гуфтушунидҳои сулҳ миёни тоҷикон пайдо шуд. Ин раванд то соли 1997 идома дошт.

Хизматрасониҳои миёнаравии СММ на танҳо ба ҷараёни сулҳи тоҷикон бо анҷоми муваффақ оғоз бахшиданд, балки ба ватан баргаштани шумораи калони гурезаҳо, шахсони оворашуда, реинтеграцияи кувваҳои мусаллаҳ Оппозитсияи муттаҳиди тоҷикон, дастгириҳои моддӣ барои маъракаҳои барқароркунанда дар ҷумҳурӣ ва дигар, масъалахои танзими конститутсионие, ки то абад дар таърихи тоқикон мемонад.

3-юми ноябри соли 1998 Котиби Генералии СММ Кофи Аннан ба Шурои амният ҳисоботи семоҳа оид ба Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки он марҳилаи аз санаи 13-уми август то аввали ноябри соли 1998-ро дар мегирифт ва қайд намуданд, ки ҳолат дар ҷумҳурӣ «то ҳол таҳдидкунанда»мебошад [11, с. 3]. Бо вуҷуди ин, ӯ нишон дод, ки «ҳоло бисёр монеаҳои калонро барои ҳалли бисер масъалаҳои дар созиш дарҷ гардида, пушти сар кардан лозим. Ҳоло бисёр корҳоро барои гузарондани интихобот ва ташкили ҳокимияти миллӣ, ки нишонаи марҳилаи гузариш аст, ба анҷом расондан лозим» [11, с. 3].

Дар ин асос, Шурои амният оид ба тамдиди мандати МНСММ барои марҳилаи иловагӣ то 15-уми майи соли 1999, қарор қабул намуд.

4-уми августи соли 1999 Котиби Генералии СММ Кофи Аннан бо Изҳорот баромад мекунад, ки дар он «ОМТ-ро оид ба парокандашавии муноқишаҳои мусаллаҳона» расман истиқбол гирифта, ки ин қадами муҳим ба раванди сулҳ ва кушодашавии дарҳо барои аз байн бурдани маҳдудиятҳо барои ҳизбҳои сиёсии ОМТ ва нашрҳои чопии он мувофиқи созишномаҳои баимзо расида мебошад» [11, с. 3]. Чунин изҳороти Котиби Генералии СММ «13-уми августи соли 1999 садо дода будвақте ки Котиби Генералӣ қарори Суди Олии Тоҷикистонро, ки 12-уми август оид ба қонунигардонии ҳизбҳои сиёсӣ, ки ба ОМТ таалуқ дошт, маъқул донист» [11, с. 3].

Якчанд созишномаҳо барои инкишофи ояндаи низоми маориф бо ташкилотҳои байналмилӣ ба имзо расонида шуд, ки ба Тоҷикистон қарзҳо пешниҳод намуданд. Дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази идоракунии кредитҳо таъсис дода шудааст, ки дар самти тақсим намудани кредитҳои аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) пешниҳод мешавад, фаъолият мекунад. Ин Марказ Барномаи таъмир ва таъмин намудани 15 мактаб дар ноҳияи Рӯдакӣ ва 5 мактаб дар Душанберо таҳия намуд.

Дар соли 2000 дар ноҳияи Рӯдакӣ ду мактаби муҷаҳҳаз ба истифода дода шуд ва 20 номгӯи китобҳои дарсӣ чоп гардиданд [11, с. 3]. Бо дастгирии Бонки Исломии Рушд гурӯҳи кории вижа дар Вазорати маориф таъсис ёфт ва нақшаи сохтани ҳафт мактаб таҳия шуд. Дар Темурмалик ва Хатлон чанд муассисаи нав сохта шуд.

Дар ВМКБ вазъ дар ҷанги шаҳрвандӣ хеле душвор буд: норасоии ғизо, сармо ва бемориҳо мардумро ба танг оварда буд. Бо дастгирии роҳбарияти кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ ба сокинон кумак расонида шуд. Аз соли 1993 ҳар як сокин ба ҳисоби миёна 620 кг ғизо дарёфт намуд.

Бо вуҷуди ин, кумакҳо танҳо ҳалли муваққатӣ буданд. Бинобар ин, Барномаи ислоҳоти агросаноатӣ қабул гардид. Тибқи он, 52 хоҷагии деҳқонӣ ва 137 ассотсиатсия ташкил шуда, то поёни соли 2000 зиёда аз 3000 гектар замин дубора обёрӣ шуд.

Барои таъмин намудани маблағгузории барнома, як қатор созмонҳои байналмилалӣ саҳми худро гузоштанд. Бонки Ҷаҳонӣ ба сифати донори асосӣ 700 ҳазор доллар ҷудо намуд, дар ҳоле ки Олмон барои тақвияти имкониятҳои барнома 1 миллион доллари иловагӣ равона кард. Илова бар ин, фондҳои Канада, ЁТИДМ, Иттиҳоди Аврупо ва ИМА низ маблағҳои дастгириии худро ба ин раванд ворид сохтанд [112]. Ин ҳамкории байналмилалӣ ба эҳёи иқтисоди маҳаллӣ ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуд.

Бо ҳисоби мутахассисон ВМКБ қодир аст, ки ниёзи аҳолиашро барои нон ба 70%, картошта ба 105%, сабзавот ва мевагӣ ба 70%, гушт 80% ва шир ба 55%, таъмин намояд.

Бо сохтани стансияи электрикии обӣ қаламрав бо барқ хоҳад таъмин карда шавад. Бо дастгирии Корпоратсияи байналмилалии молиявии фонди Оғо Хон барои рушди иқтисодӣ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи дарозмуддати 15 миллион доллар ҷудо карда шуд. Ин маблағ барои

татбиқи барномаи таҳкими инфрасохтори иқтисодӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон равона гардид. Лоиҳа асосан дар стансияҳои энергетикии Ишкошим, Рӯшон ва Дарвоз амалӣ шуд ва дар давраи солҳои 1995–2000 натиҷаҳои хуб ба даст овард. Созмонҳои байналмилалӣ хабар медиҳанд, ки солҳои 1993 то 1997 Тоҷикистон аз офатҳои табиӣ зарари калон дид. Селу обхезӣ боиси марги 200 нафар шуд. Дар баробари ин, 30 981 хона, садҳо мактабу боғча, даҳҳо беморхона, садҳо пул, ҳазорҳо километр роҳу хатҳои барқ ва алоқа, инчунин, 322 ҳазор гектар замини кишт хароб гардид [84, с. 6].

Бо вуҷуди камбудиҳои иқтисодию иҷтимоӣ, масъалаи Кӯли Сарез ва хатари эҳтимолии экологӣ барои Ҳукумати Тоҷикистон дар аввали солҳои 1990-ум хеле муҳим буд. Барои таъмини амнияти минтақа, роҳбарияти кишвар чанд маротиба ба кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон, Узбекистон ва Россия муроҷиат кардааст,зеро дар натиҷаи заминҷунбиҳои шадиди Афғонистон, хавфи рахнашавии кӯл ва паёмадҳои эҳтимолии он ба миён омада буд.

Ба вуҷуд омадани кафиданҳо, афтодани хошокҳои ду санги калон метавонад ба натиҷаҳои фалокатовар, ки бо баромадани об аз соҳилҳо, оварда расонад. Бинобар ин, Эмомалӣ Раҳмонов 17-уми июни соли 1998 ба давлатҳои ҳамсоя ҷиҳати қабули чораҳо барои ин самт муроҷиат намуд. [84, с. 6]. Ҷиддӣ будани ин масъала якчанд маротиба дар симпозиумҳо байналмилалӣ, ки маҳз ба масъалаи Кули Сарез бахшида буд, баррасӣ шуда буд.

Дар солҳои 1997-2001 Тоҷикистон ба офатҳои зиёди табиӣ дучор шуд, ки вазъи иқтисодиву иҷтимоиро хеле душвор гардониданд. Аз ҳама фалокатнок офати моҳи март–апрели соли 1998 буд: 115 нафар ҷони худро аз даст доданд ва зарари иқтисодӣ ба 76 миллион доллар расид. Барфбории зиёд ва селҳои ҳамзамон 8 500 иншоотро хароб карданд ва аз онҳо 1 143 хона пурра суқут намуд. Илова бар ин, 60 ҳазор гектар

киштзор, беш аз 1 270 км роҳ ва 560 км хатти барқ вайрон гардиданд [11, с. 3].

Ҳарчанд Ҳукумат барои барқарорсозӣ 2 млрд рубл ҷудо кард, ин маблағ нокифоя буд. Аз ин сабаб, Тоҷикистон аз ҷомеаи байналмилалӣ дархости кӯмак кард. ХБА дар ҳамон сол 49 миллион доллар дод, ки 9 миллиони он барои мубориза бо офатҳои табиӣ равона шуд. Бонки Ҷаҳонӣ бошад, дар моҳи декабри соли 1997 10 миллион доллар ҷудо намуд: 70% барои маошу нафақа ва 30% барои кумак ба гурезаҳо.

Сипас 30 январи соли 1998, Бонк боз 10 млн доллари дигар (бо муҳлати бозпардохти 40-сола) барои азнавсозии водиҳои Қаротегин ва Тавилдара ҷудо намуд. Аз ин маблағ:

– 5,1 млн доллар – барои пулҳо ва роҳи Душанбе-Хоруғ;

– 2,3 млн – барои мактабҳо ва беморхонаҳо;

– 1,9 млн – барои хоҷагидорӣ ва энергетика;

– 600 ҳазор – барои тухмӣ ва нурӣ.

Солҳои 1996 то 1998 Тоҷикистон аз Бонки Ҷаҳонӣ 87 миллион доллари ИМА гирифт. Дар моҳи июни соли 1998 масъалаи ҷудо кардани 50 миллион доллари дигар барои барқароркунии иқтисодиёт баррасӣ шуд [85, с. 4].

Дар рӯзҳои 29-30 майи соли 1998 роҳбари иҷроияи ХБА ба Душанбе омад ва бо Президенти Тоҷикистон мулоқот анҷом дод. Дар ин вохӯрӣ имкони додани қарзи 120 миллион доллар баррасӣ шуд. Ин маблағ барои устувор нигоҳ доштани иқтисоди кишвар пешбинӣ мегардид. Қарз бояд ба шаш қисми баробари траншӣ тақсим мешуд ва ҳар шаш моҳ, дар шарти иҷрои талаботи созиш, ҷудо карда мешуд. Пардохти умумии қарз ба Тоҷикистон 40 сол муқаррар гардид ва дар панҷ соли аввал фоизи хизматрасонӣ ҳамагӣ 0,5% буд.Мақсад ва соҳаҳои қарз чунинанд:

«-муътадилгардонии иқтисодиёт;

- бахши буҷет ва низоми бонкӣ;

- нигоҳ доштани инфляция;

- такмил додани меъёри мубодилаи асъор;

- ҷамъ кардани захираҳои асъор;

- аз нав ташкилшавии агентиҳои давлатӣ;

- гузаронидани ислоҳотҳои замин;

- пардохти қарзҳои буҷетӣ» [86, с. 5-6].

Бонки Исломии Рушд 3 миллион доллар ҷудо кард, то бахши тандурустии Тоҷикистон дастгирӣ шавад. Ин маблағ барои таҷҳизонидани Маркази ҷумҳуриявии кардиология ва ҷарроҳии гурда истифода гардид [86, с. 5-6]. Ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ асосан бо кумакҳои Бонки Ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалӣ пеш бурда мешуд, ки барои сулҳ ва рушди иқтисод хидмат карданд.

Хушксолии солҳои 2000-2001 кишварро ба вазъи душвор гузошт. Аз ин рӯ, Тоҷикистон аз СММ ва дигар созмонҳо расман дархости кумак намуд. Дар охири моҳи майи соли 2000 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Котиби генералии СММ Кофи Аннан муроҷиат фиристод, ки баъдан дар Маҷмаи умумии СММ баррасӣ шуд. Дар резолютсияи махсус оид ба ёрии таъҷилии байналмилалӣ дар сулҳ ва бозсозии баъдиҷангӣ, қайд карда шудааст, ки «сарфи назар аз он, ки ҷараёни сулҳ ба охир расид ва пешравии назаррас дар бехатарӣ аён гардидвазъитяи башардӯстона дар Тоҷикистон бинобар бадтар шудани вазъи иқтисодӣ аз рӯйи хушксолӣ, беҳтар намешуд» [123].

Хушксолӣ ва буҳрони иқтисодӣ дар солҳои 2000–2001 вазъро то дараҷае шадид гардонданд, ки Котиби генералии СММ аз тамоми кишварҳои аъзо хост ба Тоҷикистон дар рафъи ниёзҳои башардӯстона ва барқарорсозии иқтисодӣ ёрӣ расонанд. Бо аз нисф кам шудани истеҳсоли ғалладона, тақрибан як миллион сокини кишвар ба хатари ҷиддии гуруснагӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар ҷавоб ба муроҷиати Президенти Тоҷикистон, дар нимсолаи аввали соли 2001 як амалиёти муттаҳидона бо

иштироки Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ роҳандозӣ шуд, ки 124 ҳазор нафарро бо ғизо ва маводи тиббӣ таъмин кард [113].

Пас аз идома ёфтани хушксолӣ, муроҷиати такрории Президент дар сатҳи байналмилалӣ пазируфта шуд ва тибқи ҳуҷҷати расмӣ 130 ҳазор нафар бо бастаҳои озуқаворӣ таъмин гардиданд, ки ба ҳар оила 75 кг орд, 4 литр равған ва 1 кг намак рост меомад [124].

Дар ҳамин давра, барои тараққӣ ва устувор гардонидани ҳаёти иқтисодии кишвар якчанд лоиҳаҳои бузурги иҷтимоиву иқтисодӣ амалӣ шуданд, ки ба барқарорсозии инфрасохтор, беҳбуди сатҳи зиндагӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ равона гардида буданд.

Масалан, Иттиҳоди Аврупо дар давраи солҳои 1994–1996 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 миллион доллари ИМА ҳамчун кумаки молиявӣ ҷудо намуд. Маблағ ба ду самт тақсим гардид: 5 миллион барои эҳтиёҷоти Вазорати мелиоратсия ва ҳоҷагии обҳо ва 5 миллион барои дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истеҳсоли ҷуворӣ. Дар ҳамин замина, аз нимаи соли 1995 Барномаи Tacis, яке аз ташаббусҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба дастгирии иқтисоди кишварҳои пасошуравӣ фаъолияти худро дар Тоҷикистон оғоз кард.

Аз миёнаи соли 1995, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи Tacis ба фаъолият оғоз намуд, ки онро Иттиҳоди Аврупо бо мақсади дастгирии иқтисодии кишварҳои пасошуравӣ таъсис дода буд.Самтҳои афзалиятноки маблағгузории Tacis дар Тоҷикистон –энергетика, хоҷагии деҳқонӣ ва соҳаи маориф мебошанд. Буҷети ибтидоии ин барнома дар соли 1995 ба 4,0 миллион ЭКЮ баробар буд [99, с. 276–280].

Дар солҳои минбаъда кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон назаррас гардид. Аз ҷумла, Олмон, ки яке аз кишварҳои муассири ИА мебошад, соли 1993 сафорати худро дар Тоҷикистон ифтитоҳ намуд ва

минбаъд дар доираи шартномаҳои дуҷониба як қатор барномаҳои муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоиро татбиқ кард, аз ҷумла:

– омӯзиши кадрҳои миллӣ;

– беҳтар кардани таъминоти оби нӯшок;

– такмили низоми молия ва андоз;

– такмили низоми молия ва андоз.

Ҳиссаи умумии ёрии молиявӣ беш аз 6 млн маркаи олмонӣ буд [78, с. 273-280].

Дар охири солҳои 1990 ва ибтидои солҳои 2000 роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи дипломатӣ бо як қатор ниҳодҳои аврупоӣ робитаҳои худро густариш дод. Эмомалӣ Раҳмон дар ин давра бо ҳайатҳо ва шахсиятҳои калидии Аврупо, аз ҷумла вакилони парламентии Италия, намояндаи баландмақоми ХБА Ҷон Олдинг Смит ва канслери федералии Швейтсария Каспар Филлигер мулоқотҳои корӣ анҷом дод. Мавзуъҳои асосии ин дидорҳо ислоҳоти иқтисодӣ, ҷустуҷӯи имкониятҳои ҷалби сармоя, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва барномаҳои техникии соли 2000–2002 буданд.

Дар ҳамин солҳо USAID ба Тоҷикистон ду маротиба кӯмаки гуманитарӣ фиристод. Кӯмаки аввал иборат аз 12 ҳазор тонна маҳсулоти ғизоӣ буда, арзиши умумии он 7 млн доллари амрикоиро ташкил медод. Кӯмаки дуюм аз 5 ҳазор тонна гандум бо арзиши 3,4 млн доллар иборат буд ва пеш аз ҳама ба гурезаҳо ва шахсони иҷборан кӯчбуда таъйин шуда буд [113].

Муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар: Тоҷикистон ва Амрико аз 12 феврали соли 1992 оғоз шуд ва чанд ҳафта баъд Сафорати ИМА дар Душанбе ифтитоҳ гардид.

Дар давраи минбаъда миёни ду давлат силсила созишномаҳои иқтисодию сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ ба имзо расиданд, аз ҷумла:

– Созишнома оид ба молиягузории сармоявӣ [14];

– Созишнома оид ба ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодӣ [16];

– Созишномаҳо дар бораи кумакҳои башардӯстона ва таъминоти ғалладона [13];

– Меморандумҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ.

Ҳамин тариқ, солҳои 90-уми асри ХХ дар тарққиёбии иқтисодиёти Тоҷикистон нақши калонро қарзҳои байналмилалии пешниҳод намудаи Россия, Узбекистон, Туркманистан, Қирғизистон, Хитой, Ҳиндустон, Покистон, ИМА бозиданд ва онҳо барои ниёзҳои таъҷилии кишвар сарф карда шуданд.

«Барои татбиқи барномаҳои иқтисодии Тоҷикистон як қатор муассисаҳои молиявии ҷаҳонӣ, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонӣ, ХБА ва Бонки Байналмилалии Таҷдид ва Тараққиёт – маблағи умумии 275 млн доллари ИМА равона карданд» [83, с. 67-68].

Вазъи шадиди иқтисодӣ ҳукуматро водор сохт, ки барои ҷуброни хароҷоти буҷет ба қарзҳои хориҷӣ такя кунад, ки ин ба иҷро нашудани баъзе уҳдадориҳои молиявӣ, аз ҷумла пардохтҳои фоизӣ, сабаб гардид.

То соли 1997 қарзи хориҷӣ ба 1 млрд доллар расид ва соли 2001 ба 1,4 млрд доллар боло рафт [125]. Бо вуҷуди ин, истифодаи мақсадноки ин захираҳо ба таҳкими иқтисод ва воридшавии кишвар ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат намуд.

Дар паҳлуи ин, созмонҳои байналмилалӣ бо фаъолиятҳои худ ба эҳёи инфрасохтори иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии кӯмакҳои башардӯстона саҳми арзишманд гузоштанд.

Раванди сулҳофаринӣ байни тоҷикон аз чанд самти ҳамгиро иборат буд ва дар ин раванд дастгирии созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ИДМ ва САҲА, аҳаммияти калидӣ дошт.

Самти якум, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳамдигарфаҳмӣ ва созиш (консенсус) буд, ки ҳамчун воситаи асосии ҳалли ихтилофоти сиёсию ҳуқуқӣ хизмат мекард. Ин

раванд ба мутобиқсозии низоми ҳуқуқӣ ба воқеиятҳои нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, ба таҳкими асосҳои ҳуқуқии давлатдорӣ мусоидат намуд.

Самти дуюм, ба баланд бардоштани қобилияти мудофиавӣ ва амниятии давлат марбут буд. Бо ҳадафи таҳкими иқтидори низомию ҳуқуқии кишвар, мақомоти давлатӣ ба як зумра чораҳои густурда даст заданд. Ин иқдомҳо ба баланд бардоштани сатҳи омодагии ҳарбӣ, таҷҳизонидани воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ бо васоити техникии зарурӣ ва таъмини амнияти давлатӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ равона шуда буданд.

Дар баробари нақши ИДМ дар танзими низои дохилитоҷикӣ, Созмони Милали Муттаҳид низ фаъолияти фаъолона ба роҳ монд. Ҷалби СММ вобаста ба муҳтавои давраи сиёсӣ ва тағйирёбии қувваҳои ҳоким набуда, дар ҳамаи марҳилаҳои буҳрон фаъолона идома дошт. Мақсад аз ором намудани Тоҷикистон ва кулли минтақа меистод. Моҳи сентябри соли 1992-ум, бо яку якбора муташанниҷ шудани вазъияти дохилии кишвар ва амалан аз ҳокимият барканор карда шудани Президенти қонунан ба таври демократии интихобшуда Раҳмон Набиев ба мамлакат миссияи махсус оид ба баҳо додан ба далелҳо ташриф овард, ки оид ба вазъи мамлакат ба Шурои бехатарӣ маърӯзаи муфассал пешниҳод намуд.

Дар таърихи 10 феврали соли 1995 дар ҷаласаи навбатии роҳбарони давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар шаҳри Алмаато баргузор гардид, Муроҷиатнома таҳти унвони «Дар масъалаи вазъияти Тоҷикистон» барои ирсол ба Раиси Шурои амнияти СММ тасдиқ шуд. Мутобиқи матни ҳуҷҷат, сарфи назар аз мавҷудияти мушкилоти ҷиддии сиёсӣ ва амниятӣ, дар самти танзими муноқишаи дохилии тоҷикон қадамҳои муҳимми пешрафтӣ гузошта шудаанд, раванди гуфтушуниди байни тоҷикон расман оғоз гардида, пайваста идома дорад.

Ҳамзамон, дар муроҷиатнома зикр мегардид, ки вазъияти Тоҷикистон ва минтақаи атрофи он то ҳол ба сулҳу амнияти Осиёи Марказӣ таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, зарурати ҷалби фаъолтари ҷомеаи байналмилалӣ, махсусан қобилияту

иқтидори СММ, барои татбиқи амалҳои муассири сулҳхоҳона таъкид гардид. Ба Шурои амният пешниҳод шуд, ки барои гузаронидани амалиётҳои мукаммали сулҳхоҳона дар Тоҷикистон иҷозати расмӣ дода шавад.

Дар ҳуҷҷат, инчунин, таъкид мешуд, ки ҷонибҳои мухолиф омодагӣ ва иродаи сиёсӣ барои қабули кӯмакҳои байналмилалиро доранд ва «мехоҳанд худашон ба худашон ёрӣ расонанд». Дар ин замина, саҳми Россия дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва башардӯстона барои нигоҳ доштани суботи минтақа ҳамчун унсури калидӣ арзёбӣ гардид.

26 апрели соли 1993 роҳбарияти СММ ба Тоҷикистон фиристодаи махсуси худро ирсол намуд. Ин шахс дар давраи апрел–октябри соли 1994 роҳбари се даври музокирот миёни ҷонибҳои даргир буд, ки ба созиши оташбас ва таъсиси комиссиёни муштараки назорати он анҷомид.

Бо Қатъномаи №968 аз 16 декабри соли 1994, Шурои амният Миссияи нозирони СММ-ро дар Тоҷикистон таъсис бахшид. Соли 1996 бошад, намояндаи махсуси Котиби генералӣ, ки роҳбарии миссияро низ ба ухда дошт, таъйин шуд.

27 июни соли 1997 дар Маскав амалан санаи таърихӣ барои сулҳи тоҷикон фаро расид: Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, раҳбари Иттиҳоди мухолифин Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва намояндаи махсуси СММ Герд Мерем Созишномаи умумии сулҳро ба имзо расониданд [79, с. 210].

Котиби генералӣ дар гузориши худ ба Шурои амният (4 сентябри 1997) зарурати пурқувватсозии Миссияи нозирони СММ-ро таъкид карда, густариши воҳидҳои шаҳрвандӣ ва ҷалби мутахассисони иловагиро пешниҳод намуд. Ин мутахассисон бояд соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҳуқуқи инсон, фаъолияти полис, назорати интихобот ва ҳамоҳангсозии кумакҳои байналмилалиро фарогир мекарданд. Пешниҳод шуд, ки шумораи нозирони ҳарбӣ ҳам аз 42 то 120 нафар афзоиш ёбад.

Ҳамзамон, ӯ аз хавфҳои амниятӣ нисбат ба кормандони СММ изҳори нигаронӣ намуд.

Шурои амният дар Қатъномаи №1128 (12.09.1997) ин тавсияҳоро ба эътибор гирифта, мандати миссияро то 15 ноябри соли 1997 тамдид ва аз роҳбарияти СММ тақозо кард, ки тадбирҳои муҳофизатиро тақвият диҳад.

Дар моҳи ноябри ҳамон сол, Котиби генералӣ иттилоъ дод, ки дар самти таъмини амният пешрафтҳои муайян ба даст омадаанд, ки ин имкон дод тавсияҳо оид ба васеъ кардани мандати миссия амалӣ гарданд. Дар натиҷа, бо Қатъномаи №1138 аз 14 ноябри соли 1997, Шурои Амният ҳайати МНСММТ-ро зиёд намуд.

Дар моҳи ноябри ҳамон сол Котиби генералии СММ изҳор дошт, ки вазъи амният нисбат ба гузашта беҳтар шудааст ва ин имкон дод, ки тавсияҳо оид ба тавсеаи мандати миссия иҷро шаванд. Дар натиҷа, Шурои Амният 14 ноябри соли 1997 бо Қатъномаи №1138 ҳайати МНСММТ-ро зиёд намуд.

Бо вуҷуди ин, равшан гардид, ки барқарор кардани эътимод байни ҷонибҳои собиқи даргир хеле сахт аст: ҳолатҳои хушунат кам нашуда, суръати раванди сулҳ паст боқӣ мондааст.

Дар гузориши моҳи майи соли 1998 Котиби генералӣ зикр намуд, ки татбиқи Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ нисбат ба муҳлати пешбинишуда тӯл мекашад. Аз ин рӯ, гузаронидани интихобот дар ҳамон сол ғайривоқеӣ ҳисобида шуда, пешниҳод шуд, ки ваколати МНСММТ то 15 ноябри соли 1998 дароз карда шавад.Шурои Амният бо Қатъномаи №1167 аз 4 майи соли 1998 ин тавсияҳоро пазируфта, мандати миссияро дароз намуд ва ҷонибҳои сулҳро барои таъмини шароити баргузории интихобот ва риояи тавсияҳои СММ даъват кард.

Дар қаламрави Тоҷикистон он замон дивизияи 201-уми тирандозии Россия, ки қаблан дар Афғонистон фаъолият дошт, ҳамроҳ бо қувваҳои сарҳадии Россия, дар маҷмуъ то 22 ҳазор хизматчии ҳарбӣ ҳузур доштанд. Ин қувваҳо ҳамчун сипари мудофиавӣ бар зидди дахолати хориҷӣ ва таҳдидҳои амниятии минтақа амал мекарданд.

Моҳи апрели соли 1999 бо Шартномаи дуҷонибаи байнидавлатӣ ҳузури расмии дивизияи 201-уми Россия дар қаламрави Тоҷикистон ба таври ҳуқуқӣ таҳким ёфт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр

намуданд, ки «ҷойгиршавии ин база кори дохилии ду давлати соҳибистиқлол буда, на танҳо ба манфиати Россия ва Тоҷикистон, балки ба амнияти тамоми минтақа ҷавобгӯ мебошад. Ӯ таъкид кард, ки базаи ҳарбии Россия характери мудофиавӣ дорад» [120].

Дар ин давра бо тақвияти ҳимояи марзҳо ва зиёд шудани таъсири қазияи Афғонистон ба вазъи Осиёи Марказӣ, кишварҳои минтақа ба зарурати ҳамкорӣ дар мубориза бо экстремизм ва терроризм расиданд.

8 майи соли 1998 дар Маскав роҳбарони Тоҷикистон, Россия ва Узбекистон Созишномаи ҳамкории «сегона»-ро ба имзо расониданд. Ҳуҷҷат ҳамкории муштаракро барои мубориза бо ҷинояткории муташаккили байналмилалӣ, терроризм, экстремизм, инчунин, гардиши ғайриқонунии силоҳ ва маводи мухаддир муқаррар мекард.

Бо Қатъномаи №1206 Шурои Амният аз 12 ноябри соли 1998, мандати Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (МНСММТ) то моҳи майи соли 1999 тамдид карда шуд. Пас аз интихоботи президентӣ (6 ноябри 1999) ва интихоботи парлумонӣ (20 феврали 2000), ки натиҷаҳои онҳо аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ пазируфта шуданд, зарурати идомаи фаъолияти миссия бо ҷузъҳои нав ва ваколатҳои васеъ ба миён омад. Ин тавсеа ба марҳилаи нави барқарорсозии сулҳи шаҳрвандӣ ва таҳкими асосҳои конститутсионии давлатдорӣ мутобиқ буд.

Омили муҳимми нав дар ҷараёни танзими ихтилофи тоҷикон, ҳамроҳшавии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ба ин раванд гардид. САҲА, ки манфиатҳои дарозмуддати сиёсӣ ва амниятии минтақаро ба назар мегирифт, ба раванди сулҳпарварии Тоҷикистон саҳми назаррас гузошт.

Дар вохӯрии чоруми Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА (1 декабри 1993, шаҳри Рим) қарор қабул гардид, ки дар Тоҷикистон миссияи САҲА таъсис дода шавад. Миссия 19 феврали соли 1994 дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз кард.

Ба миссия як қатор ухдадориҳои асосӣ вогузор шуда буд, ки онҳо инҳоро дар бар мегирифтанд:

– нигоҳдории каналҳои муколама ва мусоидат ба гуфтушунидҳои неруҳои сиёсӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;

– иҷрои чораҳо барои таҳкими эътимод ва расидан ба ҳамдигарфаҳмӣ миёни гурӯҳҳои мухолиф;

– дастгирӣ дар соҳаи муҳофизати ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ;

– мусоидат ба татбиқи арзишҳои демократӣ ва риояи стандартҳои САҲА;

– корбарӣ барои таҳкими ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва суботи демократии сиёсӣ;

– омода намудани иттилоот ва ирсоли гузоришҳои мунтазам ба маркази САҲА дар бораи вазъи воқеии кишвар.

Миссия аз чор корманди доимӣ дар шаҳри Душанбе ва гурӯҳҳои сайёри минтақавӣ иборат буд. Тибқи ҳисоботҳои расмӣ, он тавонист бо гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар робита барқарор намуда, ба ташкили муколамаи байни тарафҳо ва таҳкими эътимоди миллӣ мусоидат кунад.

БИДҲИ САҲА дар доираи иҷрои вазифаҳои мандатӣ дар Тоҷикистон сатҳи ҳамкории худро бо Ҳукумати ҷумҳурӣ боло бурд. Чунин ҳамкорӣ, аз ҷумла, пешниҳоди дастгирии машваратӣ дар марҳилаи таҳияи лоиҳаи Конститутсияи навро фаро мегирифт. Бо вуҷуди ин, гурӯҳи кории конститутсионӣ ба чунин ёрӣ ниёзмандӣ эҳсос накард, зеро лоиҳаи Конститутсия дар он давра аллакай ба марҳилаи ниҳоии омодагӣ расида буд.

«Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Аммо, дар интихоботи парламентии моҳи феврали соли 1995, намояндагони САҲА ширкат накарданд, зеро Ҳукумати Тоҷикистон на ҳамаи тавсияҳои пешниҳодшудаи ин созмонро оид ба қонуни интихобот ва тартиби гузаронидани он ба инобат гирифта буд» [55, с. 37].

Бо вуҷуди ин, Шурои доимии САҲА изҳор дошт, ки тавсияҳо бояд дар марҳилаҳои баъдӣ ба назар гирифта шаванд. Талошҳои САҲА барои фароҳам овардани шароити гузаронидани интихоботи демократӣ, гарчанде пурра

пазируфта нашудандвале ба таҳкими меъёрҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон дар кишвар мусоидат карданд [55, с. 37].

Дар оғоз миёни сохторҳои давлатӣ ва миссияи САҲА нофаҳмиҳо ба вуҷуд омаданд, зеро фаъолияти созмон ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои демократӣ тамаркуз дошт. Тоҷикистон бошад, ки дар он солҳо дар гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ буд, тавони иҷрои зуд ва пурраи тавсияҳои мазкурро надошт.

Бо гузашти вақт, равобити ду тараф, хусусан дар масъалаҳои ҳуқуқи инсон беҳтар гардид. Соли 1995 бо ҷалби коршиносони САҲА ва БИДҲИ тарҳи таъсиси ниҳоди омбудсмен таҳия шуд.

Миссия бо мақсади густариши арзишҳои САҲА гурӯҳи махсуси мубоҳиса таъсис дод, ки намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа дар он ширкат мекарданд. Дар шароити вазнини амниятӣ, ҳамкории миссия бо СММ низ қавӣ шуд ва намояндаи махсуси Котиби генералӣ ҳамчун нозир дар гуфтушунидҳои сулҳӣ иштирок дошт.

Миссияи САҲА дар марҳилаи эҳёи сохтори конститутсионии Тоҷикистон нақши калидӣ бозида, дар раъйпурсӣ оид ба ислоҳи Конститутсия (1999), интихоботи президентӣ (1999) ва интихоботи парлумон (2000) фаъолона ширкат намуд. Ин чорабиниҳо ба баҳогузории навсозии сохтори ҳуқуқии кишвар ва таҳкими принсипҳои демократӣ мусоидат карданд.

Фаъолияти САҲА дар Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ мусбат арзёбӣ мегардад. Ҳузури ин ташкилот рамзи манфиатдории ҷомеаи ҷаҳонӣ, хусусан кишварҳои пешрафтаи Ғарб, барои ба анҷом расидани раванди сулҳ ва сохтмони институтҳои демократӣ буд.

Таҷрибаи ҳосилшуда дар солҳои муқовимат нишон дод, ки сохтори давлатию ҳуқуқии онвақтаи Тоҷикистон ба тағйироти куллӣ ниёз дошт. Конститутсияи қаблӣ (соли 1987) дигар ба воқеияти сиёсӣ ҷавобгӯ набуд, ки зарурати таҳияи Конститутсияи навро ба миён овард.

Бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 1993, «Комиссияи махсуси конститутсионӣ барои таҳияи лоиҳаи нави Конститутсия

таъсис дода шуд. Роҳбарии онро Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба уҳда гирифт» [116].

Дар ҷаласаи XVIII Шурои Олӣ (аввали моҳи апрели 1994) гурӯҳи корӣ ду лоиҳаи алтернативӣ пешниҳод кард, ки ба масъалаи шакли идоракунии давлатӣ ва нақши қувваҳои сиёсӣ дахл доштанд. Гарчанде байни ҷонибҳои ҷамъиятӣ ва мухолифин ихтилоф вуҷуд дошт, аммо бо тавофуқи фикрҳо лоиҳаи ягонаи созанда таҳия гардид.

Ҳар ду лоиҳаи Конститутсия меъёрҳои асосии давлатдории ҷумҳуриявӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, тақсимоти ҳокимият, гуногунандешии сиёсӣ, шаклҳои гуногуни моликият, низоми президентӣ ва худидоракунии маҳаллӣ такя мекарданд.

Дар преамбулаи онҳо арзишҳои сулҳу созиш, некӣ ва адолат таъкид шуда, Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ зикр мегардид. Ин мазмун асоси маънавию ҳуқуқии қабули Конститутсияи нав гардид.

Ҳар ду лоиҳа Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва унитарӣ муаррифӣ менамуданд. Дар онҳо барои ҳар шаҳрванди кишвар шароити баробар, новобаста аз миллат, дин ё ақидаҳои сиёсӣ, пешбинӣ мешуд. Бо ин вуҷуд, тарҳҳо аз ҷиҳати сохтори идоракунӣ ва модели давлатдорӣ аз ҳам фарқ доштанд.

Комиссияи конститутсионӣ пас аз баррасии дарозмуддат қарор дод, ки лоиҳаи президентӣ ба муҳокимаи мардум пешниҳод карда шавад. Лоиҳаи парламентарӣ қабул нагардид, зеро дар он давра дар кишвар таҷрибаи парламентаризм, низоми устувори ҳизбӣ ва маданияти сиёсӣ ҳарсе дар сатҳи зарурӣ набуданд. Ҳамчунинвазъи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ талаб мекард, ки шакли идоракунӣ ба президентӣ такя кунад.

13 апрели соли 1994, бо тасмими Президиуми Шурои Олӣ, матни лоиҳаи Конститутсияи нав барои истифодаи оммавӣ нашр карда шуд ва аҳолӣ имкони пешниҳод намудани фикру мулоҳизаҳои худро пайдо намуд. Дар идома, баъд аз

ҷамъоварии афкор ва баррасии ҳамаҷонибаи онҳо, 7 сентябри соли 1994 сессияи XX Шурои Олӣ лоиҳаро барои раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод намуд [122].

Пеш аз раъйдиҳӣ бошад, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №974 аз 20 июли соли 1994 тартиби ҳуқуқӣ, марҳилаҳо ва усулҳои расмии қабули Конститутсия муайян карда шуд, ки он асоси меъёрии раванди конститутсионӣ гардид [12, с. 194].

Дар сарсухани ин қонун зикр мегардид, ки дар натиҷаи мардумсолорӣ, заҳмати сулҳоваронаи мардум ва дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ, шароити татбиқи ислоҳоти конститутсионӣ ва иҷтимоӣ фароҳам омадааст. Ин қонун зарурати қабули Конститутсияи навро бо роҳи раъйпурсии умумимиллӣ тасдиқ мекард.

Ҳамчунин, дар қарор таъкид шуда буд, ки институти президентӣ, ки дар лоиҳа пешбинӣ мегардид, аз ҷониби аксарияти иштирокчиёни муҳокимаҳои мардумӣ дастгирӣ ёфтва ин заминаи ҳуқуқӣ барои гузаронидани интихоботи президентӣ фароҳам сохт.

Дар моддаи охир муқаррар шуд, ки Конститутсия қабулшуда ҳисобида мешавад, агар зиёда аз нисфи шаҳрвандони дар раъйпурсӣ ширкатварзида ба ҷонибдории он овоз диҳанд.

Бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар ҶТ, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи ҶТ» аз 20 июли соли 1994 №974, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар он муқаррар гардид, ки интихоби Президент мувофиқи қонуни махсуси конститутсионӣ ба роҳ монда мешавад.

«6 ноябри соли 1994, ҳамзамон, бо раъйпурсии умумимиллӣ оид ба қабули Конститутсия, интихоботи нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин маърака 2 535 437 нафар шаҳрвандон (94,4% интихобкунандагон) иштирок карданд» [118]. Аз онҳо 87,59% (2 352 554 нафар) ба ҷонибдории қабули Конститутсия ва 84,7% ба ҷонибдории номзади Президент

овоз доданд. Бо ҳамин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон расман қувваи ҳуқуқӣ пайдо кард ва эътибори умумидарҷавонӣ гирифт [118].

Дар адабиёти илмии ҳуқуқии тоҷикӣ, ба Конститутсияи соли 1994 арзёбиҳои гуногун дода мешаванд, дар ҳоле ки аҳаммияти таърихии он ҳамчун санади таҳкимбахши давлатдории миллӣ эътироф мегардад. Баъзе муҳаққиқон дар он нуқсони техникию ҳуқуқӣ, камрангии баъзе институтҳои конститутсионӣ ва «берангии» баъзе меъёрҳоро таъкид мекунанд.

Аммо, Конститутсияи Тоҷикистон, ба мисли қонунҳои асосии аксари кишварҳои ҷаҳон, камбудиҳои худро дорад. Тавре таҷриба нишон медиҳад, на ҳама мақсадҳо ва пешниҳодҳои марбут ба раванди конститутсионӣ метавонанд дар матни ниҳоии ҳуҷҷат ҷой гиранд.

Дар он давраи ҳассос, Тоҷикистон роҳеро ҷудо аз ин интихоб надошт. Кишвар ба Қонуни асосӣ ниёз дошт, то ки дар шароити ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ муқовимати мусаллаҳон қатъ гардад, ҷудоии сиёсӣ ва иҷтимоӣ бартараф шавад ва осоиши миллӣ таъмин гардад.

Онҳое ки аз қабул ва мундариҷаи Конститутсия интиқод мекарданд, онро бо таҷрибаи Россия муқоиса менамуданд. Аммо, тавре яке аз муаллифони Конститутсияи Россия С. Шахрай қайд мекунадвазъи сиёсӣ ва иҷтимоии он кишвар ҳам интихоби дигарро иҷозат намедод: «Ё Конститутсияи Шуроҳо бо ҳокимияти мутлақ, ё Конститутсияи нав, ки ба замон мутобиқ карда шудааст» [105, с. 4-8].

Ин изҳорот, ки ба воқеияти дохилии Россия дахл дорад, набояд ҳамчун сафедкунии камбудиҳои Конститутсияи Тоҷикистон пазируфта шавад. Ба Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз мавқеи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва арзёбии илмӣ, на сиёсӣ, муносибат кард.

**Якум.** Тибқи назариёҳои навини конститутсионализм, мафҳуми конститутсия дорои ду паҳлӯ аст: паҳлӯи ҳуқуқӣ, ки шакли расмии онро ифода мекунадва паҳлӯи моддӣ, ки мазмуну моҳияти воқеии онро дар бар мегирад. Дар

маънои ҳуқуқӣ, конститутсия қонуни асосиест, ки бо расмиёти махсус қабул ё тағйир дода шуда, дар низоми ҳуқуқӣ мақоми олӣ дорад.

Дар маънои моддӣ, конститутсия маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибатҳои асосии давлатдориро танзим мекунанд, новобаста аз он ки ин меъёрҳо дар як ҳуҷҷати ягона ҷойгиранд ё дар чанд санад паҳн шудаанд, ҳатто агар онҳо меъёрҳои нонавишта ё судӣ бошанд.

Бо вуҷуди гуногунфаҳмии мафҳуми конститутсия, дар доктринаи демократии конститутсионӣ меъёри устувор мавҷуд аст: ҳадафи аслии конститутсия – маҳдуд кардани салоҳияти ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Давлатшиноси маъруфи рус Е.В. Спекторский (1917) таъкид намуда буд, ки давлате конститутсионӣ шумурда мешавад, ки дар он ҳокимият на танҳо ташаккул ёфтааст, балки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳдуд гардидааства маҷмуи ин маҳдудиятҳо худ конститутсияро ташкил медиҳанд [54, с. 8].

Мутафаккири фаронсавӣ Б. Шантебу чунин менависад: «Конститутсия – ин хартияест, ки ҳудуди амал ва салоҳияти ҳокимияти давлатиро муайян ва маҳдуд мекунад» [70, p. 25].

Ба андешаи олими ҷопонӣ Х. Йохи, «пурзӯр намудани конститутсионализм – ин баланд бардоштани самаранокии маҳдудкунии салоҳияти ҳокимияти давлатӣ мебошад» [71, p. 180].

Татбиқи ин принсипҳо барои сохтори конститутсионию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад. Таҳлилҳо собит намудаанд, ки дар ҳолати мавҷуд набудани системаҳои назоратӣ ва тавозуни шохаҳои ҳокимият, имкони ба вуҷуд омадани «диффузияи ҳокимият» хеле зиёд мешавад. Дар ин гуна ҳолат қарорҳое, ки дар доираи маҳдуд ва бе шаффофият қабул мегарданд, метавонанд ҷараёнҳои зӯроварона ва ихтилофоти иҷтимоии нав ба навро ба вуҷуд оранд.

Мисоли равшани ин ҳолат истифодаи силоҳ бар зидди гирдиҳамомадагон дар Душанбе соли 1992 мебошад. Аз ҳамин сабаб, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои ҳуқуқии маҳдудкунии ҳокимият пешбинӣ шудаанд. Аз

ҷумла, моддаи 6 ғасби ҳокимиятро аз ҷониби шахс ё ҳизби сиёсӣ манъ мекунадва моддаи 84 таъсиси Суди конститутсиониро ҳамчун воситаи ҳалли осоиштаи баҳсҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ муқаррар намудааст.

**Дуюм**. Дар шарҳи моҳият ва пайдоиши Конститутсия, одатан ду равияи назариявӣ мавҷуд аст, ки онҳоро шартан метавон сиёсию синфӣ ва ратсионалистӣ (эҳтиёткорона) номид [20, с. 47].

Аз дидгоҳи сиёсию синфӣ, Конститутсия воситаи ифодагари манфиатҳои гурӯҳӣ ё синфӣ дониста мешавад. Тавре ки Ф. Лассал қайд кардааст, «Конститутсия дар асл инъикоси муносибати воқеии қувваҳои иҷтимоии ҷомеа аст» [34, с. 42]. Ин ақида баъдтар аз ҷониби В. И. Ленин таҳким ёфта, чунин ифода ёфт: «Моҳияти Конститутсия дар он аст, ки қонунҳои асосии давлат таносуби воқеии қувваҳоро дар муборизаи синфӣ нишон медиҳанд» [37, с. 345].

Бар хилоф, равияи ратсионалистӣ, гарчанде нақши омилҳои сиёсиву иҷтимоиро рад намекунад, Конститутсияро пеш аз ҳама ҳуҷҷати мусбат ва созанда мешуморад, ки асосҳои сохтори ҷамъият ва нақши шахсро муайян мекунад. Ин равия Конститутсияро ҳамчун абзори танзими мутавозини қувваҳои иҷтимоӣ ва пешгирии муқовимати шадид медонад.

Таърих нишон медиҳад, ки аксар вақт муборизаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ хоҳ дар шакли синфӣ ё идеологӣ боиси ташаккули Конститутсияҳои нав гардидаанд. Аз ин лиҳоз, Конститутсия натиҷаи мусолиҳа ва созиши иҷтимоӣ будавазифаи он қатъи зӯроварӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти муътадили ҷомеа дар доираи идеяҳои конститутсионӣ ва плюрализми сиёсӣ мебошад.

Дар чунин шароит, нақши Конститутсия ҳамчун қувваи муттаҳидсозанда бисёр муҳим аст. Он бо эътибор гирифтани воқеияти иҷтимоиву сиёсӣ ва тағйироти ҷомеа асоси давлати ҳуқуқбунёдро мегузорад. Маҳз дар ҳамин рӯҳия Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шакл гирифт.

Ин Конститутсия на танҳо ҳуҷҷати сиёсӣ, балки рамзи қонунмандӣ, сулҳ ва ваҳдати миллӣ гардид. Бо қабули он сохтори идоракунии давлатӣ ва низоми ҳуқуқӣ қонунӣ гардида, реҷаи сиёсии нав ба вуҷуд омад.

Дар ҳамин замина, Конститутсияи Тоҷикистон қувва ва қонунияти ҳокимияти навро дар дохил ва берун мустаҳкам намуд. Ҳукумати қонунӣ тавонист дар шароити бухрони мусаллаҳона на танҳо лоиҳаи Конститутсияро таҳия, балки онро дар муҳокимаи умумихалқӣ қабул намояд.

Конститутсия барои ҳамаи неруҳои сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар таҳкурсии давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд гардид, ки ба ваҳдат ва ризоияти миллӣ замина гузошт. Он халқи Тоҷикистонро ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимият (моддаи 6) эътироф намуда, принсипи давлати дунявӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва озодии ҳизбҳои сиёсӣ (моддаи 28) ва ҷудоии дин аз давлат (моддаи 8)-ро таҳким бахшид.

**Сеюм**. Мазмуну муҳтавои Конститутсияро маҷмуи меъёрҳо, институтҳо ва принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ташкил медиҳад, ки онҳо муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуда, низоми ташкили ҳокимияти давлатӣ ва тартиби муомилаи байни он ва ҷомеаро муайян мекунанд. Аз ин ҷиҳат, масъалаи асосӣ муайян намудани предмет ва ҳудуди танзими конститутсионӣ аст, ки вобаста ба модели конститутсионии интихобшуда – либералӣ, этетикӣ ё либералӣ-этетикӣ – доираи дахолати давлат ба ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ муайян мегардад.

Амсилаи либералӣ, ки хосияти маҳдуд намудани танзими давлатиро дорад, барои кишварҳои муосири рушдёбанда чандон мувофиқ нест, зеро чунин кишварҳо дар марҳилаи ибтидоии гузариш ба ҷамъияти демократӣ қарор доранд ва нақши давлат дар танзими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ то ҳол муҳим боқӣ мондааст.

Тоҷикистони соҳибистиқлол имрӯз, пас аз 34 соли истиқлолият, таҷрибаи арзишманди давлатдории миллӣ ва ҳуқуқбунёдро паси сар намудааст. Гарчанде ин муддат аз нигоҳи таърихӣ кӯтоҳ аствале роҳи тайкардаи кишвар дар самти ташаккули низоми сиёсӣ ва иқтисодӣ бо садсолаҳои эволютсионии давлатҳои классикии ғарбӣ баробар мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар фазои илмию мафкуравӣ ва сиёсии ҷомеа баъзе ихтилофҳо ва нофаҳмиҳо боқӣ мондаанд. Баъзе намояндагони ҷомеа озодиҳои демократиро аз арзишҳои миллӣ ҷудо пиндошта, ё баръакс, арзишҳои мазҳабиро бо озодиҳои

дунявӣ муқобил мегузоранд. Ин раванд дар зеҳни ҷомеа дугонагии фикр ва бетаҳаммулӣ дар баҳсҳои илмӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд меорад.

Дар чунин шароитвазифаи асосии давлат ва Конститутсия таъмини мувозинат байни арзишҳои миллӣ, динӣ ва дунявӣ мебошад. Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати олии сиёсӣ бояд ҳамзамон ҳимоягари озодиҳои шаҳрвандӣ ва посдори якпорчагии фикрии миллат бошад.

Дар ҷомеаи муосир яке аз мушкилоти аслӣ – тазоди байни манфиатҳои шахсӣ ва арзишҳои миллӣ мебошад. Баъзе афрод, бо вуҷуди даъвоҳои ватандӯстона, дар амал барои ҳимояи манфиатҳои шахсии худ аз арзишҳои миллӣ канораҷӯӣ мекунанд. Агар дар гузашта масъулияти тарбияи фарзандон, ҳифзи забон, фарҳанг ва ғояи миллӣ бар дӯши хонавода ва ҷомеа буд, имрӯз қисме аз ҷомеа ин масъулиятро ба дасти неруҳои беруна мегузорад.

Гурӯҳе аз ҳамватанон, ки таҳти таъсири фарҳангҳои хориҷӣ, бо ғояҳои либерализми ифротӣ мусаллаҳанд, ҳар нуқсони хурдро бо микроскопи иттилоотӣ бузург нишон дода, ба воситаи шабакаҳои хориҷӣ чеҳраи давлат ва миллатро беасос сиёҳ мекунанд. Ин рафтор на ифодаи худшиносӣ, балки нишонаи бегонапарастӣ ва аз даст додани ифтихори миллӣ аст.

Мисли он ки Ж.Ж. Руссо аз давлатдории навини Фаронса ифтихор дошт, ки замоне барои озодии инсон мубориза мебурд, мо низ бояд аз давлати соҳибихтиёр ва демократии худ ифтихор намоем. Зеро таърих исбот кардааст, ки пешрафти кишварҳои муосири Ғарб на аз зӯри мол ё ҳокимият, балки аз ҳисоби фарзандони вафодор, донишманд ва соҳибкасб ба даст омадааст.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар зери раҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, як қатор масъалаҳои идеологӣ ва мафкуравӣ то ҳол таҳқиқи илмии амиқро талаб мекунанд. Зеро ҷараёнҳои иттилоотии бегона, ки дар қолаби озодӣ ё дифоъ аз арзишҳои демократӣ фаъолият доранд, кӯшиш мекунанд то таассуб, хурофот, мазҳабгароӣ ва бегонапарастиро дар шуури ҷомеа таҳким бахшанд.

Ин раванд бахусус ба ҷавонон таъсир мерасонад: қисме ба ташкилотҳои ифротӣ ва террористӣ ҷалб мешаванд, қисмати дигар ба кишварҳои хориҷӣ барои «ҷиҳод» мераванд. Ин хатар на танҳо амнияти миллӣ, балки истиқлолияти фикриву идеологии давлатро зери хатар мегузорад.

Аз ин рӯ, мубориза бо чунин зуҳурот бояд пеш аз ҳама дар сатҳи мафкура сурат гирад. Танҳо тавассути ҷалби аҳли илм, уламои дин ва фаъолони ҷомеа, бо истифода аз таҷрибаи таърихӣ ва захираҳои маънавии кишвар, метавон ба ин хатарҳои идеологӣ муқовимат кард.

Тавре Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки истеъдодҳоро бояд ҷустуҷӯ, дастгирӣ ва тарбия кард. Барои рушди миллат ва давлат зарур аст, ки ба афроди болаёқат фазои мусоиди озодии эҷод фароҳам оварда, андешаву офаридаҳои онҳо дар сиёсати давлатӣ ва ояндаи илмию маънавии ҷомеа истифода шаванд.

Дар тарбияи насли наврас, олимони ҷавон ва созандагони оянда, зарурати ислоҳи ҷиддии низоми таълим ва ҷорӣ намудани равиши нав дар касбомӯзӣ ва ахлоқи корӣ ба миён омадааст. Сохтори маориф бояд на танҳо дониш диҳад, балки ахлоқи ҳамида ва масъулияти иҷтимоиро низ тақвият бахшад.

Ташкили вохӯриҳо ва кори тарғиботӣ аз ҷониби олимону мутахассисон бо аҳли ҷомеа муҳим аствале ин танҳо як қисми кори тарбия мебошад. Низоми маърифатӣ бояд аз боғча то мактаб ва донишгоҳ ба тарбияи ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ такя кунад.

Илм ва ахлоқ ду сутуни тарбияи насли нав мебошанд. Ҳар донишманд ё мутахассис бояд бо арзишҳои инсонӣ ба ҷомеа ворид гардад, зеро бе ахлоқ – дониш низ манфиатбахш нахоҳад буд. Аз ин рӯ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо бояд доимо чорабиниҳои маърифатӣ, фарҳангӣ ва варзиширо ба таври ҳамзамон бо сиёсати ахлоқӣ ва ҳуқуқии худ пайваст намоянд.

Танҳо дар чунин шароит метавонад ҷомеа ба сатҳи баланди шаҳрвандӣ, озодӣ ва худогоҳии иҷтимоӣ расад, ки асоси устувории давлат ва ҷомеаи демократиро ташкил медиҳад.

Ҳангоми амалисозии сиёсати дарҳои кушода ва дастрасии озод ба иттилоот, баланд бардоштани сатҳи ахлоқиву маънавии шаҳрвандон ва кормандон набояд кори яквақта бошад. Ин раванд бояд қисми доимӣ ва ҷудонашавандаи фаъолиятҳои ҳаррӯзаи мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо гардад.

## 2.2. Ташаббусҳои байналмилалии сулҳофарии Пешвои миллат

Ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳид аст, ки дар натиҷаи талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба обу иқлим ва таҳкими амнияти умумибашарӣ дар Рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб карда, мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтаанд.

Ин равандро метавон густариши фарҳанги сиёсӣ ва пешрафти дипломатияи муваффақона унвон дод. Зеро, ҶТ барои кушодани роҳ ба сӯйиояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳимми ҷаҳонӣ дар таҳияи сиёсати хориҷӣ дипломатияи обро роҳандозӣ намуд. Барои тарҳрезии ин сиёсат Сарвари давлат корҳои муҳимеро сомон доданд, ки дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ ниҳоят бузургу саривақтӣ маҳсуб меёбанд.

Бояд гуфт, ки нақши Пешвои миллат дар эҳёи ташаббусҳои байналмилалӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон назаррас маҳсуб мегардад, чунки то ин муддат зиёда аз панҷ ташаббуси байналмилалии муҳтарам Ҷаноби Олӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонии амиқ пайдо намудааст. Агар ба заминаҳои таърихӣ-бунёдии нақш ва мавқеи Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти об дар миқёси минтақа ва ҷаҳон таваҷҷуҳ намоем, он аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ва равобити мустақими байналмилалӣ бо дигар мамлакатҳо ба созмонҳои умумиҷаҳонӣ сарманшаъ мегирад [117].

Дар баробари таваҷҷуҳи вижа ба масоили обу иқлим ва дар ин самт пешниҳод намудани як қатор таклифҳои созандаву саривақтӣ Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мушкилоти таъмини сулҳу амният дар ҷаҳон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд ва кишварҳои ҷаҳонро барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба иқдомҳои созандаву муҳим даъват менамоянд. Чунончи, 23-юми сентябри соли 2024 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҳамоиши Оянда иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суханронӣ чунин таъкид доштанд: «Ин нишаст барои баррасии мушкилоти тағйирёбии иқлим, рафъи камбизоатӣ, ҳифзи сиҳатии оммавазъи зиндагии занон, таҳсилоти фарогир ва дигар масъалаҳои глобалӣ боз як имконияти муносибро фароҳам овардааст». Зимни таҳлили вазъи мураккаби сиёсӣ дар ҷаҳон, аз ҷумла хавфу таҳдидҳои муосир ба сулҳу амният, Сарвари давлат изҳори итминон намуданд, ки иштирокдорони ин Ҳамоиш барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба ислоҳоти сохтори байналмилалии молиявӣ ва такмил додани вокунишҳои байналмилалӣ ба хатару таҳдидҳои муосир тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Вобаста ба ин, муҳаққиқ Э.С. Насриддинзода дар таҳқиқоти худ чунин овардааст: «Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳидсозии талошҳои муштараки ҷомеаи ҷаҳониро бо мақсади ҳифзи амну субот ва таъмини рушди устувор зарур шумурда, ба сарони давлатҳо муроҷиат намуданд, ки бо мақсади дастрасӣ ба ин ҳадафҳо ва хотима бахшидан ба ҳамаи ҷангу низоъҳо ва амалисозии ҳадафҳои сулҳҷӯёна муттаҳид шаванд. Бояд таъкид намуд, ки масоили мубрами аҳли сайёраро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дода, пешниҳод намуданд, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул карда шавад» [117].

Иқдоми мазкур бори дигар аз сулҳофару ваҳдатпарвар будани миллати тоҷик гувоҳӣ дода, беҳтарин муждае барои тамоми башарият хоҳад буд. Зеро сулҳу субот ва оромишу осоиштагӣ асоси пешрафт, зиндагии арзанда, рушди босуботи ҷомеа ва волотарин арзишҳои инсоният маҳсуб мегарданд. Ҳамзамон, зарур дониста шуд, ки СММ ва ниҳодҳои он, инчунин, муассисаҳои байналмилалию минтақавии молиявӣ дар ҳамоҳангсозии талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мақсади расидан ба рушди устувор иқдомҳои фаъолтарро роҳандозӣ намоянд.

Ба эътирофи Кофи Аннан, собиқ дабири кулли СММ барои бисёр мамлакатҳои олам нодиртарин намунаи бо роҳи осоишта ҳал кардани низоъҳои дохилиро нишон дод, ки онро саҳми Тоҷикистон дар таърихи сулҳоварӣ гуфтан иштибоҳ намешавад.

Сулҳу амният, ки гаронарзиштарин сармояи инсоният ба шумор рафта, ҳамчун кафили зиндагии арзанда барои одамон маҳсуб мегарданд, маҳз бо талошу кӯшиш ва заҳматҳои муттаҳидкунандаи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ ба даст меоянд. Ваҳдату осоиштагӣ ва сулҳи сартосарии Тоҷикистони азиз низ, ки бо тай намудани душвориҳои зиёд ва ба харҷ додани талошҳои бешумор ба даст омадаанд, ба корномаи шахсияти намоёни сиёсати ҷаҳонӣ, фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам мебошанд [117].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замоне ба майдони сиёсат ворид шуданд, ки миллати тоҷик дар вартаи парокандашавӣ қарор дошт ва Тоҷикистони тозаистиқлол ба сарҳади нестӣ расида буд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз иродаи қавӣ ва фаъолияти фидокоронаи Эмомалӣ Раҳмон омили асосии барқарорсозии фаврии сулҳу амният дар кишвар гардид, ки дар натиҷа садҳо ҳазор гурезаи иҷборӣ ба Ватан бозпас баргаштанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар вазъияти ниҳоят

мураккаби сиёсии солҳои навадум, яке аз аввалин роҳбарони ҷаҳон буданд, ки ҷомеаи байналмилалиро ба муборизаи дастаҷамъона алайҳи ҳама гуна таҳдидҳо ба сулҳу амнияти ҷаҳонӣ даъват намуданд.

Таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон ва фарҳанги ваҳдатофарини Пешвои миллат дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ҳамчун намунаи нодири муколама, таҳаммул ва созиши сиёсӣ шинохта мешавад. Ин таҷриба исбот намуд, ки сулҳ танҳо дар асоси муколама ва гуфтушуниди тарафҳо имконпазир аст [117].

Эҳёи сулҳ ва таъмини амният дар Тоҷикистон натиҷаи кӯшишҳои мунтазам ва сиёсатҳои оқилонаест, ки Пешвои миллат амалӣ намуданд. Тавассути иродаи мустаҳкам ва роҳбарии муассир, миллати тоҷик аз буҳрони ҷанг берун оварда шуда, асосҳои ваҳдату ҳамзистии миллӣ таҳким ёфтанд.

Ин дастоварди таърихӣ на танҳо барои тоҷикон, балки барои тамоми кишварҳои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ арзиши бузурги сиёсиву инсондӯстона дорад.

Зеро, амнияту оромии Тоҷикистон бо назардошти мавқеъ ва имкониятҳои ҷуғрофии он кафили сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон маҳсуб мегардад.

Имрӯз механизми сулҳофарии тоҷикон, ки дар натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфтааст, дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамчун модели муваффақи ҳалли осоиштаи низоъҳо мавриди омӯзиш ва истифода қарор дорад.

Ин таҷриба ба ҷомеаи ҷаҳонӣ собит сохт, ки гуфтугӯ аз мавқеи хирад ва таҳаммул метавонад ҷойгузини зӯроварӣ ва муқовимати мусаллаҳона гардад. Дар натиҷа, ақидаи ҷаҳонӣ дар бораи сулҳу амният ва роҳҳои татбиқи он тағйир ёфт: имрӯз бисёр созмонҳо ва давлатҳо усули

тоҷиконаро ҳамчун намунаи муваффақи дипломатияи сулҳ эътироф мекунанд.

Имрӯз фазои сулҳ ва ваҳдати сартосарии тоҷикон имкони бештар фароҳам овардааст, то ҶТ ба ҳалли масоили гуногуни глобалӣ аз қабили мушкилоти обу иқлим, ҳифзи табиат, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва амсоли инҳо ташаббусҳои созанда ва ҷаҳониро нишон диҳад.

Тавассути фаъолияти пурсамари Пешвои миллат, Тоҷикистон дар давоми 34 соли истиқлолият ба марҳалаи устувори сулҳу ваҳдати миллӣ ворид гардида, қонунгузории миллии худро ташаккул дод ва низоми муассири ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судиро ба вуҷуд овард. Ин раванд бо таҳкими заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти сохторҳои давлатӣ таъмин гашт.

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории навини кишвар нақши меҳварӣ бозид. Қарорҳои ин иҷлосияи тақдирсоз, ки дар як давраи бисёр ҳассос қабул шуданд, роҳро барои барқарорсозии сулҳу ваҳдат, тақвияти истиқлоли давлатӣ, эъмори низоми президентӣ ва гузариш ба шакли идоракунии президентӣ ҳамвор сохтанд. Иҷлосия, ҳамчунин, самтҳои стратегии рушди давлатро муайян намуд.

Ҳарчанд истиқлоли воқеии сиёсӣваҳдату ягонагӣ, эҳёи рукнҳои давлатдории ҳуқуқбунёд, таъмини сулҳу субот дар қаламрави Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон солҳои 90-уми садаи гузашта барои мардуми мамлакат ниҳоят мудҳишу гарон афтод, маҳз зуҳури раҳмонии фарзанди фарзонаи миллат, родмарди ҷавону матини арсаи сиёсат, Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки давлатдории мустақил аз вартаи нестшавӣ эмин монд [117].

Пажуҳишгарони гузаштаву муосир тоҷиконро ҳанӯз аз замонҳои дури таърихӣ бо ваҳдатсолориву фарҳангпарварӣ, бунёдкориву созандагӣ

ёд менамоянд. Ҳамгироию ҳамзистӣ дар муҳити зисти солим дар ҳама давру замонҳо аз ҷумлаи шартҳои асосии ҳамбастагии башарият будааст. Таҳаммулпазирӣ ва сулҳу ваҳдат дар тинати мардуми тоҷик ба арзишҳои муқаддасе табдил ёфтаанд, ки бо маҷрои равони мо сиришта шуда, дар ташаккули хулқу атвор, фарҳанг ва зиндагии маънавии ҷомеаи мо нақши бунёдӣ доранд.

Фазо ва таҷрибаи ваҳдатофарини миллати тоҷик, ки дорои заминаҳои мустаҳками таърихист, дар шароити кунунӣ аҳаммияти ҷаҳонӣ пайдо карда, ҳамчун яке аз унсурҳои калидӣ дар таҳкими сулҳ мавриди истифода қарор мегирад. Нақши роҳбарии Тоҷикистон дар ин ҷараён, бахусус иқдомҳои Пешвои миллат дар самти сулҳофарӣ барои наслҳои оянда, ҳамчун амали башардӯстона, стратегӣ ва ваҳдатофар арзёбӣ мешавад.

Санаи 24-уми сентябри соли 2024 Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорк дар Мубоҳисаҳои 79-уми умумии Маҷмаи умумии СММ иштирок ва суханронӣ намуданд. Сарвари давлат таваҷҷуҳи иштирокдорони ҳамоишро ба вазъи хеле ҳассосу мураккаби ҷаҳон ҷалб карда, таъкид доштанд, ки «равандҳои пуртазоди геосиёсӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, шиддат гирифтани ҷанги сард, низоъҳои мусаллаҳона, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва дигар хатару таҳдидҳои глобалӣ, бешубҳа, оқибатҳои манфии дарозмуддат хоҳанд дошт».

Қобили тазаккур аст, ки суханронии Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳамоишиояндаи СММ бори дигар таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба арзиши суботу оромии башарият, ҳамгирой ва ҳамкориҳои судманди кишварҳои ҷаҳон ва муборизаву муқовимат бо таҳдиду хатарҳои замони муосир ҷалб намуд.

Пешвои миллат муттаҳидсозии талошҳои муштараки ҷомеаи ҷаҳониро ба мақсади ҳифзи амну субот ва таъмини рушди устувор зарур

шумурда, ба сарварони давлатҳо муроҷиат намуданд, ки бо мақсади дастрасӣ ба ин ҳадафҳо ва хотима бахшидан ба ҳамаи ҷангу низоъҳо ва амалисозии ҳадафҳои сулҳҷӯёна муттаҳид шаванд. Бояд қайд кард, ки масоили мубрами аҳли сайёраро Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дода, пешниҳод намуданд, ки тавассути қатъномаи махсуси СММ «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул карда шавад.

Пешниҳоди нави Президенти кишвар дар Ҳамоиши сатҳи баланди Маҷмаи умумии СММ заминаҳои саривақтӣ дар дарки масоили мубрами ҷомеа буда, бо ибрози андешаву пешниҳодҳои олимону донишомӯзони кишвар роҳҳои хубтару беҳтар барои пешгирӣ ва мубориза бо чунин хатарҳо кумак хоҳад расонд. Ҳамин муҳаббату дилбастагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имрӯз чун роҳбари дилсӯз ва тарғибгари сулҳу амонӣ ва дӯстии халқҳо ном баровардаанд [117].

Зикр намудан ба маврид аст, ки давлати Тоҷикистонро бо ин абармарди таърих на фақат дар Тоҷикистон, балки дар тамоми дунё мешиносанд, зеро, Президенти кишвар пайваста дар форуму нишастҳои минтақавию ҷаҳонӣ тавассути пешниҳоду ташаббусҳои созанда дар ҳалли масоили мубрами сайёра нақши калидиро иҷро менамоянд.

Дарвоқеъ, вазъияти ҷаҳон куллан дигаргун шуда, имкони аз нав тақсимбандии он вуҷуд дошта, дорои ғояҳои мутафовитест, ки ҳар як бо дидгоҳи худ гардиши айёмро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ин ҳамаро Президенту мардуми Тоҷикистон бо эҷоди мактаби сулҳу созандагӣ сари вақт дарк карда, аҳли оламро аз он огаҳӣ медиҳанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сиёсатмадори барҷастаи сатҳи байналмилалӣ роҳҳои асосии бартараф кардани мушкилоти умумиҷаҳониро қайд карда, муттаҳидии тамоми кишварҳои ҷаҳонро баҳри ҳамкориҳои созандаву бисёрҷониба муҳим арзёбӣ намуданд. Президенти кишвар, аз ҷумла иброз доштанд: «Ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад

танҳо тавассути муколама ва ҳамкории созанда дар пайдо кардани роҳҳои рафъи хатарҳои муосир комёб гардад».

Ҳамин тариқ, баҳри мубориза ва пешгирӣ аз хатарҳо ва роҳ надодан ба фоҷиаҳои навбатӣ пешниҳоди нави Сарвари давлат «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Вақти он расидааст, ки мо аз иқдоми муассир барои тақвияти нақши асосии СММ дар ҳалли низоъҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар сайёра кор бигирем, – таъкид намуданд, Пешвои миллат.

Қобили тазаккур аст, ки «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» ном гирифтани пешниҳоди мазкур бори дигар гувоҳи он мебошад, ки тамоми талошу заҳматҳои Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо ба хотири ояндаи дурахшони насли наврасу ҷавон мебошад. Ин нуктаро Сарвари давлат низ пайваста хотирнишон намуда, таъкид месозанд, ки тамоми талошҳои мо ба хотири шумо, ҷавонону наврасон мебошад ва аз насли калонсол даъват ба амал меоранд, то Ватани азизамонро ободу зебо карда, барои наслҳои оянда як кишвари пешрафтаву ободро ба мерос гузорем.

Бо фараҳмандиву нишот метавон баён намуд, ки пешниҳоди мазкур марҳалаи наверо дар самти таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ оғоз бахшида, барои муттаҳид намудани талошҳои алоҳидаи давлатҳо дар ин самт заминаи мусоидро фароҳам меорад. Ибтикори навбатии Пешвои миллат на фақат аз камолоти касбии Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ходими намоёни сиёсӣ, арбоби барҷастаи давлатӣ ва дипломати олимақоми сатҳи ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад, балки мақом ва мартабаи Тоҷикистонро дар низоми муносибатҳои байналмилалии замони муосир бамаротиб боло мебарад ва ҳамчун кишвари соҳибистиқлоли сулҳовар муаррифӣ мекунад.

# БОБИ 3. АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ - КОНСТИТУТСИОНИИ МАҚОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## 3.1. Мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ташаккули давлати ҳуқуқбунёду демократиро интихоб намуд. Арзишҳои асосии ин давлат, аз ҷумла ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, волоияти қонун ва баробарии шаҳрвандон дар назди қонун дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории соҳавӣ ба тавri возеҳ инъикос ёфтаанд [109, с. 26].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафа ва баъди расидан ба истиқлоли давлатӣ, бидуни муҳобот, дар вартаи ҳалокат қарор дошт ва хатари мустақими ба гӯҳаи фарумӯшшудаи таъоих афкандани он мавҷуд буд [66, с. 368].

Чи тавре ки дар моддаи 10 Конститутсияи ҶТ, оварда шудааст. «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд» [1, с. 32].

Чи тавре ки Ф.Тоҳиров қайд намудааст, «дар замони дигаргуниҳои қатъии низоми иҷтимоӣ, фарҳангии намъият рӯ овардан ба таърихи барпо

шудан ва инкишоф ёфтани давлат ва ҳуқуқ, ҷамъбаст кардани таҷрибаи таърихии бунёди давлат ва ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи то пойдор гардидани усули маъмурию бюрократӣ ва худсарии ҳокимият аҳаммияти махсус дорад» [58, с. 260].

Чи тавре ки О.Э. Раҳмон қайд менамояд, «дар адабиёти илмӣ оид ба мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» ва паҳлуҳои он ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» бисёрҷанба буда, оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи он андешаҳои мухталиф пешкаш мешаванд. Зимни таҳқиқи мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» таносуби он бо мафҳумҳои «шахс», «инсон», «шаҳрванд», «ҳуқуқҳои инсон», «ҳуқуқҳои шаҳрванд» муайян карда мешавад» [90, с. 7-17].

Муҳаққиқи ватанӣ Д.Д. Ҳошимзода чунин қайд менамояд: «Конститутсия бояд ба шароити воқеии муносибатҳои рушдёбандаи ҷамъиятӣ мутобиқ гашта, аз онҳо дур намонад. Бинобар ин, агар дилхоҳ давлат, ҳатто дар давлатҳое, ки Конститутсияи «қатъӣ» доранд, яъне шакли «мураккаби» такмили онро пешбинӣ мекунанд, андешаи дахлнопазиру тағйирнопазир будани Конститутсия қобили дастгирӣ нест» [103, с. 57-67].

Дар ин радиф муҳақиқи тоҷик А.И. Имомов иброз медорад, ки «бо вуҷуди ҳамаи ин соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон неъмати бузургест, ки миллати тоҷик ва тамоми мардуми ҷумҳурӣ ба он комёб шудааст. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии ҷумҳуриро қадр кардан, пойдории онро устувор гардонидан ва ҳифзи онро таъмин намудан ва ҳифзи муқҳадаси ҳар як шаҳрванди он мебошад, вобастагии он ба омилҳои беруна зиёд мешавад» [33, с. 226].

Афзалияти меъёрҳои Конститутсия нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, қарорҳои мақомоти қонунгузор ва иҷроия ва ғайра) муқаррар шудааст. Тамоми санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ аз Конститутсия сарчашма мегиранд ва ба он набояд зид бошанд.

Чуноне ки Ҷ.М. Зоир қайд менамояд: «Танҳо пас аз баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва пас аз қабули Конститутсияи соли 1994, раванди марҳила ба марҳила ташаккули давлатдории миллӣ оғоз ёфт, аз ҷумла ташаккули низоми сиёсии кишвар» [38, с. 130].

«Дар мавриди зиддият доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия, онҳо эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Аз ин лиҳоз меъёрҳои Конститутсия эътибори олии ҳуқуқиро доро мебошанд. Ғайр аз ин меъёрҳои Конститутсия мустақиман амал мекунанд. Дар ин маврид ба қабул кардани қонуни махсус зарурат нест. Дар таҷрибаи судӣ мустақиман татбиқ кардани меъёрҳои Конститутсия хеле кам ба назар мерасад» [56, с. 125-126]. Аз ҷумла, Ф.Ф. Павленков, А.М. Диноршоҳ, В.А. Коломин, В.А. Семенишев, мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститусиониро ба маънои васеъ мефаҳманд. Масалан, Д.Н. Умаков мафҳуми ислоҳоти конститутсиониро ба ду маъно мефаҳмад: «а) тағйироти сохтории чизе, ки мақсадаш беҳтар намудан, дигаргунсозӣ мебошад; б) тағйирот ба қонунгузорӣ ва сохтори давлатӣ, ки аз ҷониби ҳокимияти иҷроия бе тағйир додани асосҳои сохтори давлатӣ гузаронида мешавад». О.Г. Румянтсев зикр менамояд, ки «ислоҳоти конститутсионӣ – ин ҳамеша як ҷаҳиши муайян, тағйироти сифатӣ дар ниҳодҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ буда, марҳилаи нави рушди ҷомеаро дар худ ба миён мегузорад» [111, с. 217].

Яке аз ҷузъҳои калидии тартиботи конститутсионии Тоҷикистон он аст, ки мувофиқи Конститутсия (моддаи 1) мамлакат дорои мақоми расмии давлати дунявӣ мебошад. Ин ҳуҷҷати бунёдии ҳуқуқӣ асоси сиёсию меъёрии низоми дунявиро муайян намуда, тамоми самтҳои идеологии ҳимоят ва таҳкими он маҳз аз ҳамин санад сарчашма мегиранд.

Конститутсия устухонбандии арзишӣ ва меъёрии рушди институтҳо ва анъанаҳои давлатдории дунявиро таъмин мекунад.

Интихоби Тоҷикистон ба роҳи дунявият ва демократия тасодуфӣ нест. Ҳодисаҳои пурситеза ва фоҷиавии солҳои 90 бори дигар исбот намуданд, ки низоми дунявӣ барои Тоҷикистон ҳамчун сипари муҳофизатии истиқлоли давлатӣ ва пояи устувори давлатдории миллӣ зарур ва ногузир мебошад. Ин раванд ҳамзамон ҷавобгӯи талаботи давраи муосир низ аст.

Вобаста ба ин, С. Шарипов навиштааст: «Сохтори давлатии дунявӣ омили асосии мавҷудияти халқ ва давлати тоҷик мебошад» [104, с. 116-124].

Пайдо аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми давраи давлатдории навини кишвар ҳамчун Пешвои сиёсӣ, роҳнамо ва рамзи ваҳдат дар дилу дидаи мардум ҷой гирифтааст. Аз ҳамин сабаб, мардуми Тоҷикистон бо иттифоқи назар ӯро Пешвои миллат эътироф намуданд.

Оғоз ва ташаккули давлатдории миллӣ бо раҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба марҳилаи ниҳоят мушкили гузариш аз низоми собиқи сотсиалистӣ ба шакли нави идоракунии давлатӣ рост омад. Бо вуҷуди вазъи сангини сиёсиву иқтисодӣ, бо ҷаҳду талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат, дар як муддати кӯтоҳ сулҳу оромӣ дар саросари кишвар барқарор гардид ва барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ заминаҳои устувор фароҳам омад.

Интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994, ки бо дастгирии оммаи васеи мардум сурат гирифт, иродаи қавии сиёсӣ ва умеди тозаи ҷомеаро ба ояндаи осуда таҳким бахшид.

10 феврали соли 1995, дар ҷаласаи сарони давлатҳои ИДМ дар шаҳри Алмаато, Муроҷиатномаи махсуси «Дар бораи вазъияти Тоҷикистон» қабул гардид. Дар ин санад, бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, аз пешрафтҳои назаррас дар раванди гуфтушунидҳои байни тоҷикон ёдоварӣ мешуд. Ҳамзамонвазъияти

Тоҷикистон ҳамчун омили таҳдид ба амнияти минтақа арзёбӣ гардида, аз ҷомеаи байналмилалӣ даъват карда шуд, ки омили СММ ва иқтидори сулҳпарваронаи онро барои нигоҳдории сулҳ дар Тоҷикистон фаъолтар истифода намояд [40, с. 392].

Ин муроҷиат як ҳуҷҷати таърихӣ буд, ки дархости расмӣ барои ташкили амалиёти сулҳхоҳонаи СММ дар Тоҷикистонро ба миён гузошт ва минбаъд ба оғози марҳилаи нави ҳамкориҳои байналмилалии кишвар дар соҳаи сулҳ мусоидат намуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тибқи Конститутсияи кишвар, «ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад» [1] (м.64).

Бояд тазакур дод, ки Президент аз калимаи лотинии «presidents» (praesidentis) – яъне сардори давлат мебошад. Зери мафҳуми Пешвои миллат – ин пешсафи миллат, пешқадами миллат, роҳкушои миллат, роҳнамои миллат фаҳмида мешавад.

Дар ҳамин росто, қайд намудан зарур аст, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки яке аз тағйиру иловаҳо ин қ. 5 моддаи 65 буд, ки дар он ва меъёри «Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат» [1] ворид карда шудва ин меъёр хислати конститутсионӣ гирифт.

Бавуҷудоӣ ва инкишофи ниҳоди «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» заминаҳо ва ғояҳои сиёсию ҳуқуқии худро дар таҷриба ҳанӯз аз даврони мавҷудияти Истиқлолияти давлатӣ гирифтааст.

Бинобар ин, мактаби сулҳофаронаи сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимгоҳест, ки дар марҳилаи бисёр

мураккабу печида ташаккул ёфта, мавқеи созандагиву бунёдкорӣ касб намудааст. Ин мактаби сиёсю ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки ҳокимият ва муносибатҳои он аз ҷониби ин ниҳоди сиёсӣ бо риояи принсипҳои демократӣ амалӣ гашта, манфиати давлату миллат аз ҳама боло гузошта мешавад.

Ҳамзамон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти сулҳҷӯёнаи худ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, сохти конститутсиониро дар Тоҷикистон барқарор ва мустаҳкам намуд.

Дар лаҳзаҳои тақдирсози таърихӣ нақши Конститутсия ҳамчун санади созанда ва бунёдӣ басо муҳим аст. Қонуни асосӣ, ки бо воқеияти иҷтимоию сиёсӣ мутобиқ буда, тағйироти ҷомеаро ба инобат мегирад, барои давлат ва мардум асоси устувори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Пайдоиши Конститутсия маънои оғози тарзи нави ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ ва гузариш ба низоми қонунмандро дорад. Конститутсия барои ҳама шаҳрвандон, новобаста аз мавқеи сиёсӣ ё эътиқод, санади ҳатмӣ ва умумибашарӣ мебошад.

Дар заминаи Конститутсия низоми таҷзияи ҳокимият, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва низоми қонунгузорӣ ташкил ёфта, режими нави сиёсии демократӣ ба роҳ монда мешавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вазифаи дуҷонибаро пурра иҷро намуд: аз як тараф, он асоси сохтори давлатӣ ва сиёсии кишварро мустаҳкам кардва аз тарафи дигар, ҳокимияти қонунӣ ва пояҳои давлатдории навро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ намуд.

Дар шароити ниҳоят душвори идомаи ихтилофи мусаллаҳона, мақомоти қонунӣ тавонистанд лоиҳаи Конститутсияро таҳия, муҳокима ва тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул намоянд, ки ин худ пирӯзии сиёсати сулҳу ваҳдат буд.

Конститутсия ҳамчун санади ваҳдатофар ва демократӣ ба ҳамаи қувваҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ заминаи ҳуқуқии давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёд фароҳам оварад ва ба муттаҳидсозии ҷомеа ва истиқрори сулҳ мусоидат намуд.

Моддаи 8 Конститутсия барои ҳифзи сохтори дунявӣ ва устувори сиёсӣ аҳаммияти калидӣ дорад:

– ҷудо будани дин аз ҳокимияти давлатӣ;

– маҳдуд кардани иштироки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии берун аз давлат дар қабули қарорҳои давлатӣ;

– мамнӯъ шуморидани ташкилотҳо ва гурӯҳҳое, ки бо таблиғоти низоъангез, душманӣ ё таассуби миллӣ ва динӣ машғуланд;

– манъи таъсис ва маблағгузории ҳизбҳои дорои хусусияти динӣ ё миллӣ аз ҷониби давлатҳо ва шахсони хориҷӣ.

Ин меъёрҳо ҳамчун кафолати суботи миллӣваҳдати сиёсӣ ва амнияти давлатӣ хизмат мекунанд.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат», ки 14 ноябри соли 2016, № 1356 қабул гардидааст, вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро ҳамчун «бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон муқаррар мекунад» [4].

Ҳамин гуна, қонуни конститутсионии мазкур воқеияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва нақши беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро тақвият намуд. Дар моддаи дуюми санади меъёрии мазкур қайд мегардад, ки: «Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат

мебошад, ки дар иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибхтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз пароканд агӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст» [4].

Бояд таъкид кард, ки ба ташаккули ниҳоди конститутсионию ҳуқуқии «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат», раванди такмили низоми таҷзияи ҳокимият, ки дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 2016 ба амал омад, заминаи устувор гузошт.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) ба ниҳоди президентӣ боби IV бахшида шудааст. Мутобиқи он, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст.

Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад»[1].

Ҳоло ба таври возеҳ мушоҳида мешавад, ки рушди давлатдории миллии тоҷикон ва болоравии обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба нақши марказӣ ва ташаббусҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сахт марбут аст.

Сиёсати хориҷии Пешвои миллат, ки идомаи мантиқии сиёсати ҳуқуқии дохилӣ мебошадвазифаи асосии худро дар таъмини манфиатҳои миллӣ тавассути истифодаи мувозинати дипломатӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ифода менамояд. Аз ин рӯ, арзёбии сиёсати хориҷии Эмомалӣ Раҳмон ҷудо аз таҳаввулоти умумии давлатдорӣ номумкин аст.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун асосгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон тавонист ин самтро ба як низоми муназзами давлатӣ табдил диҳад, ки бар асоси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ ва қоидаҳои дипломатии замони муосир шакл гирифтааст.

Сиёсат ҳамчун падидаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ мазмуни бисёрпаҳлу ва мундариҷаи мураккаб дорад. Дар шарҳи адабиёти сиёсиву фарҳангӣ мафҳумҳои «сиёсат» ва «сиёсатмадор» тафсирҳои мухталиф пайдо мекунанд. Вале тибқи тафсири ҳуқуқӣ, сиёсат ба сифати шакли мукаммали фарҳанги идораи давлат, ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалӣ қабул мешавад.

Аз ҳамин рӯ, барои ходими давлатӣ ҳадафи ниҳоии сиёсати сиёсӣ ҳифзи давлати ҳуқуқбунёд, таҳкими истиқлолият ва рушди давлатдории миллӣ мебошад [67, с. 272].

Дар ин росто қайд намудан мумкин аст, ки дар моддаи 2 Қонуни Конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ - Пешвои Миллат», чунин оварда шудааст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои Миллат ин:

1. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст.

2. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат рамзи пойдориву бардавомии давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

3. Ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардааст, эътироф карда мешавад.

4. Нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат маҳдудияти бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шудан ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегардад» [4].

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар низоми қонунгузории кишвар падидаи нав маҳсуб шуда, «вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро ҳамчун бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлоли давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон, муқаррар мекунад» [72, с. 391-399].

Ба ақидаи доктори илмҳои фалсафа Р.Ҳайдаров, «бухрони амиқи сиёсие, ки дар аввали солҳои 90-ум ҷумҳурии моро фаро гирифт, метавонист боиси аз даст додани истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва аз

харитаи сиёсии ҷаҳон ихроҷ шудани кишвари мо гардад. Маҳз дар ҳамин давраи душвортарин дар ҳаёти кишвари мо Пешвои сиёсӣ Эмомалӣ Раҳмон вориди саҳнаи сиёсии Тоҷикистон мешавад... Хусусан дар ҳамин лаҳзаҳо мушкили Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат тавонист тамоми қишрҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои сиёсиву иқтисодиро ба хотири як ҳадаф – ҳифз ва таҳкими истиқлоли давлатӣ гирди ҳам оварад» [101, с. 76-81].

Хислати бахшидан яке аз фазилатҳои муҳимми Пешвои миллат аст. Нодир рӯй медиҳад, ки роҳбари давлат ба афроде, ки ҳатто зидди сохтори конститутсионӣ амал кардаанд, бахшиш намояд. Ҳама медонанд, ки Пешвои миллат барои авфи ҷинояткороне, ки дар зиндон буданд, даҳҳо қонуни авфро имзо кардаанд. «Ин шахсияти бузург воқеан дар баробари яке аз сиёсатмадорони шинохташудаи сатҳи байналмилалӣ будан, ҳамчун инсон ниҳоят дилсӯзу меҳрубон ва раҳмдилу фурӯтан мебошанд. Маҳз ба ҳамин хотир, андешаву суханон, амалҳои неку созандаи Роҳбари давлат дар дилу дидаи мардум роҳ ёфта, дар ҷомеа ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, ки воқеан рисолати инсонии ӯст, эътироф шудааст» [59, с. 160-168]. Қонун на танҳо танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ, балки таҷассумгари ахлоқ ва маънавияти ҷомеа аст.

Мақоми Пешвои миллат, гарчанде нав ба назар мерасад, аммо бо анъанаҳои давлатдории тоҷикон наздикии фарҳангӣ дорад. Агар Президент падидаи умумии ҷаҳонӣ бошад, пас Пешвои миллат – натиҷаи махсуси марҳилаи душвори давлатсозӣ ва ифодаи эҳтиёҷ ба шахсияти муттаҳидкунанда аст.

Ин мақом бо мероси ниёгон ва фарҳанги миллӣ ҳамоҳанг буда, дар таърихи тоҷикон идомаи суннати роҳбарони хирадманду адолатпарвар мебошад [72, с. 391–399].

Дар ташкилу бунёди давлати миллии Тоҷикистон Конститутсия ҳамчун санади бунёдгузори давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Конститутсия санадест, ки заминаҳои меъёрии бунёди давлатро баҳри пайвасти насли гузаштаву оянда ба миён овард. Дар тули садсолаҳои қарни гузашта, кишвари мо пайваста дар ҷустуҷӯи шакли мукаммалнамоии бунёди давлатдории миллӣ буда, аз ташкили ҷумҳурии мухторӣ оғоз ёфт ва бо эълон гаштани Истиқлолияти давлатӣ онро ба анҷом расонид. Ҳамаи ин тағйиротҳо бо ислоҳоти дахлдори конститутсионӣ дар Конститутсияи кишвар инъикоси худро ёфтаанд. Баҳри дарки ислоҳоти конститутсионии баамаломада, дар мамлакат диққати асосиро бояд ба мафҳум ва моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ равона намуд. Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ақидаи ягона оид ба мафҳуми ислоҳоти конститутсионӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷой надорад. Бинобар ин, аз омӯзиши андешаҳои олимони ватаниву хориҷӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо ислоҳоти конститутсиониро ба мазмуни васеъ ва маҳдуд баррасӣ намуда, аз доираи қабул ва тағйир додани матни Конститутсия берун баромада, масоили ислоҳоти конститутсиониро васеъ маънидод намудаанд. Аммо, мо тарафдори гурӯҳи дуюми олимон буда, мафҳуми ислоҳоти конститутсиониро бо маънои маҳдуд ҷонибдорӣ менамоем. Чунки на ҳама тағйироти конститутсионие, ки боиси инкишофи соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегардад, онро метавон ислоҳоти конститутсионӣ номид. Ислоҳоти конститутсионӣ бештар ба падидаҳое хос мебошад, ки онҳо ба меъёрҳои Конститутсия алоқамандӣ доранд. Яъне, қабул гардидани Конститутсия ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ислоҳоти конститутсионии маҳдудро ифода менамояд [111, с. 217].

Дар робита ба ин, олимони ватанӣ А.М. Диноршоҳ ва С.М. Салоҳидинова чунин қайд мекунанд, ки «асосҳои сохтори конститутсионии сиёсӣ ин низоми меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти ташаккул ва инкишофёбии амалишавии ҳокимияти давлатӣ дар ҷомеа тавассути таъсиси

ташкилотҳои махсуси сиёсӣ, ки дар маҷмуъ, механизми ҳокимияти сиёсиро ба миён меорад, мебошад» [27, с. 247].

Маҳақиқи соҳаи сиёсатшиносӣ А.Ситторзода дар таҳқиқоти худ чунин иброз медорад: «Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафа ва рафти музокироти сулҳи тоҷикон, пеш аз ҳама, аз ҳифзи якпорчагии Тоҷикистон, тамомияти арзӣ ва давлатдории тоҷикон иборат буд. Зеро дар он вақт, дарвоқеъ, хатари ҷиддии аз байн рафтани давлати тозаистиқлол ва тозабунёди Тоҷикистон, халалдоршавии тамомияти арзии он, ба минтақаву маҳалҳои ҷудогона қисмат шудани он таҳдид мекард. Вақте ки сухан аз нуфузи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар сулҳи тоҷикон меравад, саволе пайдо мешавад, ки кадоме аз онҳо муассиртар ва асосӣ буданд. Ман тарафдори онам, ки чунин масъалагузорӣ накунем. Чунки дар раванди сулҳи тоҷикон ин омилҳо на дар алоҳидагӣ ва ба сари худ мустақил, балки дар якҷоягӣ ва дар маҷмуъ ҷой доштанд.

Аз ин рӯ наметавон якеро бар дигаре тарҷеҳ дод ва якеро асосӣ ва дигареро ҷузъӣ ё дувумдараҷа донист. Аммо, тавре ки профессор Иброҳим Усмон, яке аз иштирокдорони бевоситаи раванди сулҳ дуруст мегӯяд, «ҷойи баҳс нест, ки агар худи тоҷикон намехостанд, дар Тоҷикистон сулҳ ҳанӯз барқарор намешуд». Гузашта аз ин барои идомаи муқовимати мусаллаҳона бо боварӣ метавон гуфт, ки ҳам баҳона ва ҳам воситаву васила пайдо мешуд.

Хушбахтона, тарафҳои даргири тоҷикон ба шарофати ақлу фаросати меросиашон саривақт дарёфтанд, ки ҷанг роҳи ҳалли мушкилашон нест, балки наҷоти миллат, кишвар ва давлаташон дар сулҳу оштӣ ва дар ҳамдигарфаҳмию якпорчагист. Таҷрибаи бобарори сулҳи тоҷикон ва дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба самар расидани он сабақ медиҳад, ки ин ва ё он низоъ вақте роҳи ҳалли худро меёбад, ки агар омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳам мувофиқ оянд ва дар якҷоягӣ ва ба хотири баровардани як ҳадафи муштарак равона шаванд» [94, с. 10-18].

Ҳамин аст, ки 25 декабри соли 2015 Қонуни ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» қабул карда шудва дере нагузашта ин конун ба конуни Конститутсиони табдил ёфт, ки мавкеъ ва макоми Пешвои миллат мақоми конститутсиони гирифт. Бояд қайд намуд, ки 22-уми майи соли 2016 ба конститутсияи ҶТ тағиру иловаҳо бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд тағйиру иловаҳо дар қ. 5 моддаи 64 ворид карда шуд, ки дар он ва меъёри «Асосгузори сулҳу ваҳдати милли – Пешвои миллат» ва ин меъёр хислати конститутсионӣ гирифт, ки баъдан соли 2016 ин қонун ба қонуни конститутсионии ҶТ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз нав қабул карда шуд.

### 3.2. Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон

Истиқлолият равандест, ки решаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад ва ҷараёнаш қатънопазир аст. Ҳар як зинаи он тибқи шароитҳои хоси худ ифода меёбад. Ба даст овардани истиқлол танҳо оғози роҳи худсозии сиёсиву иҷтимоӣ мебошад, ки аз ваҳдати ҷомеа, иродаи созанда ва рӯҳи истиқлолталабӣ сарчашма мегирад. Ин арзиш, ки табиати тағйирпазир дорад, бояд ҳамеша дар ҳифозат бошад. Тағйирёбии он аз омилҳои гуногуни дохиливу хориҷӣ вобаста аст ва ба киштии дар баҳри пурҷуш монанд аст, ки танҳо роҳбарикунии дуруст метавонад онро дар муқобили тӯфонҳо наҷот диҳад.

Дар санаи 24 августи соли 1990 Иҷлосияи дуюми Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии ҶШС Тоҷикистон»-ро қабул намуд. Бояд гуфт, ки дар ин Эъломия низ раванди марказгурезӣ вуҷуд надошт ва Шурои Олии ҷумҳурӣ ҷойи Тоҷикистонро дар чаҳорчӯбаи ИҶШС-ии навшуда медид ва бовар бар он дошт, ки «пайванди озодона ва баробарҳуқуқи миллатҳои

шуравӣ ба рушди ҳаматарафаи онҳо кафолат медиҳад». Вақте ки дар Маскав мақомоти Иттиҳоди Шуравӣ лоиҳаи Шартномаи нави иттифоқиро баррасӣ мекарданд, Тоҷикистон низ Эъломияи худро омода сохт. Дар банди 19 он (24.08.1990) гуфта шудааст: «Эъломияи мазкур замина барои таҳияи Конститутсияи нави ҶШС Тоҷикистон ва бастани Шартномаи умумииттифоқӣ мебошад». Бо он ки Эъломия истиқлолияти пурраро таъмин намекард, барои ҳамон давра ин як қадами ҷасурона ва таърихӣ ба сӯйи истиқлолият буд.

Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Иҷлосияи ғайринавбатиашро ҷиҳати баррасии вазъияти баамаломада даъват намуд ва дар рафти он як қатор санадҳои сарнавиштсоз ва муҳимро қабул кард. Истиқлолияти Тоҷикистон дар асоси як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ба расмият шинохта шуд. Инҳо қарорҳои Шурои Олӣ дар бораи ислоҳи Эъломия ва эълони истиқлолият, «Изҳороти истиқлолият», қонун дар бораи тағйири Конститутсия ва «Изҳороти амнияти давлатӣ» мебошанд. Дар банди 15 Эъломия таъкид мешавад, ки Тоҷикистон давлати мустақили дорои ҳуқуқҳои байналмилалӣ буда, метавонад муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва консулӣ барқарор намояд ва созишномаҳои байналмилалиро ба имзо расонад.

Раванди дигари омезиши маҳалҳо ва таҳкими ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ байни тоҷикон, бахусус баъд аз нофаҳмиҳо – ин равон кардани мутахассисони соҳаҳои гуногун ва асосан муаллимон аз як минтақа ба минтақаи дигар буд, ки барои ташаккули тафаккури миллӣ кумак мерасонд.

Миллати тоҷик дар сию се соли истиқлолияти давлатӣ барои ташаккули тафаккури миллӣ ва истиқлоли воқеӣ, ки аз лиҳози вақти таърихӣ барои як давлат мисли як сония аст, кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод.

Тавре дар бобҳои пешин зикр кардем, мутаассифона, истиқлол ба ҷуз аз меваҳои ширин, меваҳои талх низ доштааст. Агар ришвахорӣ ё худ

фасоди молӣ (коррупсия) яъне аз он меваҳои талхи истиқлол бошад, меваи талхи дигаре, ки солҳост миллати моро ранҷ медиҳад, дарди ҳанӯз бедавои ифротгароӣ аст. Бисёре аз муҳаққиқону ҷомеашиносони ҷаҳонӣ бар онанд, ки зуҳуроти ифротгароӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ хоси ҳамаи миллатҳо будааст. Бо такомули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва густариши арзишҳои демократӣ, ин падида тадриҷан аз миён рафтааст. Аммо дар шароити кунунӣ миллати тоҷик имкони тӯлонии таърихӣ барои таҳаммули чунин зуҳуроти номатлубро надорад. Мавқеи дуруст он аст, ки ҳар фарди ҷомеа дарёбад: неруҳои хориҷӣ метавонанд аз ҳиссиёти баъзе ҷавонони ифротгаро истифода намуда, ҷомеаро ба низоъ ва ихтилоф бикашанд.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи таърихии миллати тоҷик нишон медиҳад, ки мардум имрӯз ба сатҳи баланди худогоҳиву шинохти сиёсӣ расидааст ва дигар фиреби неруҳои бегона нахоҳад хӯрд. Бо вуҷуди он, хатарҳои ифротгароӣ ва бегонапарастӣ то ҳол ҷиддият доранд.

Иқдомҳои давлату Ҳукумат дар самти мубориза бо чунин зуҳурот аз ҷониби тамоми қишрҳои ҷомеа ҷонибдорӣ ёфта, иродаи миллӣ барои пуштибонӣ аз сиёсати давлатӣ таҳким меёбад. Дар вазъияти мураккаби ҷаҳонии имрӯз, иттиҳоду ваҳдати миллӣ ва ҳифзи истиқлолият ду пояи устувори бақо ва пешрафти миллат ба шумор мераванд.

Маъракаҳои ҳарсолаи таҷлили ҷашни Ваҳдати миллӣ ахиран хеле дигаргун ва пурмуҳтаво шуда, ба худ ранги иҷтимоию иқтисодӣ гирифтаанд. Ифтитоҳи иншооти тозабунёд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии миллатамон нақши хеле муҳимро мебозанд, маъракаҳои ҷашни Ваҳдати миллиро мардумӣ сохт ва собит намуд, ки ҳадафи аслии Ҳукумати Тоҷикистон ободӣ, рушди фазояндаи кишвар ва ҳарчи зудтар боло бурдани сатҳи зиндагии миллати тоҷик аст.

Таҳлили натиҷаҳои сафари кории Сарвари давлатамон дар рӯзҳои ҷашни Ваҳдати миллӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки зимни суҳбату мулоқот, машварат ва диду боздидҳо бо масъулини ҳукумати

иҷроияи ВМКБ, шаҳрвандони одӣ, сокинони деҳот ва ҷамоатҳо маълум гардид, ки аксари кулли мардум сафари Президенти кишварро ба ВМКБ як сафари таърихӣ ва сарнавиштсоз дониста, аҳаммияти онро дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисоди диёри кӯҳистон бесобиқа номида, хоҳиши қатъӣ изҳор намуданд, ки сафарҳои Сарвари давлат ба ВМКБ зуд-зуд сурат гирад, чунки ин сафарҳо на танҳо барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии вилоят кумак мекунанд, балки барои ҳарчи бештар таҳким ёфтани сулҳу субот дар худи вилоят ва ҳамдигарфаҳмии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон аҳаммияти бебаҳо доранд. Баъд аз сафари кории Президенти кишвар, мардуми ВМКБ ба мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ нигоҳ накарда, боварии комил ҳосил намуд, ки Сарвари давлат шахсан ба масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ аҳаммияти хоса дода, барои равнақи он ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз мушкилоти гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати озод, соҳибистиқлол ва рӯ ба рушд шинохта шудааст. Миллати тоҷик ифтихор дорад, ки соҳиби Ватани худ аст, Ватане, ки бо қуллаҳои баланду саршор аз ганҷинаҳои табиӣ ва манбаъҳои нодири обии худ машҳур аст.

Дар ин раванд нақши таърихии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон басо бузург буд. Маҳз ин иҷлосия оғози марҳилаи нави қонунгузорӣ ва давлатдории давраи соҳибистиқлолро гузошт.

Дар ҷараёни он пояҳои давлатдории навини тоҷикон давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд гузошта шуданд. Ҳамзамон, масъалаи интихоби низоми дунявии давлатдорӣ худ аҳаммияти вижа дошта, ҳамчун дастоварди хосаи ҷомеаи тоҷик арзёбӣ мешавад.

Қарори роҳбарияти давлатӣ ва мардуми Тоҷикистон дар интихоби низоми дунявӣ комилан огоҳона ва замонавӣ буд. Он замон баъзе доираҳои хориҷӣ ва гурӯҳҳои сиёсии дохилӣ кӯшиш доштанд, то ҷомеаро зери идеологияи нав қарор диҳанд. Аммо чунин модел бо воқеияти таърихӣ,

сатҳи тафаккури сиёсӣ ва хусусиятҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷик мутобиқат надошт. Агар кишвар ба он роҳ мерафт, эҳтимоли фурӯ рафтан ба ихтилофҳои идеологӣ ва низоъҳои дохилӣ зиёд буд. Аз ин рӯ, интихоби роҳи давлатдории дунявӣ як иқдоми дуруст ва тақдирсоз барои баҳо ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол гардид.

Муҳимтарин хусусияти низоми дунявии давлатдорӣ дар он аст, ки дунявият худ идеология нест ва бо ҳеҷ як мафкураи дигар рақобат намекунад. Он баробарии ҳуқуқии ҳамаи ҷаҳонбиниҳо ва озодии фаъолияти мафкураҳои гуногунро дар доираи қонун кафолат медиҳад. Ин низом имкон намедиҳад, ки ягон мафкура мақоми расмии идеологияи давлатӣ бигирад ва дигар андешаҳо ё эътиқодҳоро маҳдуд созад. Аз ин ҷиҳат, дунявият ҳамчун шакли ташкили давлатдорӣ, муҳит ва шароити ҳуқуқии баробари фаъолияти мафкураҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динӣ хизмат мекунад.

Таърихи давлатҳо ва тамаддунҳои гузашта собит месозад, ки «шахсиятҳо дар густариш ва пойдории онҳо нақши ҳалкунанда дошта, маҳз қудрати роҳнамоӣ ва идоракунии онҳо тавонистааст инсониятро ба дараҷаи камолот расонида, ҷавҳар ва асолати офарандагиро тамаддуни инсонӣ ато намояд. Маҳз ҳамин вижагиро инсоният дарк намуда, доимо дар раванди зиндагӣ ва фаъолияти ҷамъиятии худ ниёз ба роҳбаладии шахсе дорад, ки қодир аст, онҳоро ба соҳили мурод расонад» [40, с. 392].

Таҳлили раванди соҳибистиқлолии давлати мо низ бозгӯйи ҳақиқати болозикри конститутсионист, ки воқеияти имрӯза онро бо тамоми ҷузъиёташ собит намуда истодааст. Таҷрибаи иҷтимоию сиёсӣ нишон медиҳад, ки истиқлолияти сиёсӣ заминаи асосӣ барои расидан ба истиқлолияти комили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, раванди пуртазод ва мушкил мебошад, ки ба он табдили муносибатҳои иҷтимоӣ, ислоҳоти низом ва сохтор, ташаккули ниҳодҳои комилан нави ба талаботи ҷомеа

ҷавобгӯ, мавқеъгирии дуруст дар муносибатҳои беруна ва тақвияти қобилияти худмуҳофизатӣ дар самтҳои гуногун хос мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди муҳимми сиёсиву ҳуқуқии мардуми кишвар буда, пояи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлол ва тозабунёди тоҷиконро ташкил медиҳад. Ин санади олии ҳуқуқӣ ифодаи расмии ормонҳои миллӣ, ҳимоягари манфиатҳои давлатдорӣ ва таҷассумгари арзишҳои таърихиву фарҳангии миллат маҳсуб меёбад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ меъёрҳоеро дарбар мегирад, ки асоси соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлат, дахлнопазирӣ ва ягонагии ҳудудии кишварро таъмин месозанд. Дар он моҳияти давлатдорӣвазифаҳои сохторҳои давлатӣ, мақоми ҳуқуқии шаҳрвандон, рамзҳои давлатӣ ва забони давлатӣ муайян гардидаанд. Ҳамзамон, Конститутсия самтҳои калидии сиёсати дохиливу хориҷии кишвар ва заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро барои ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёди сулҳомез муайян мекунад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати Тоҷикистонро чун «давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон мекунад» [1] (м. 1). Ин меъёр ҷавобгӯи ҳадаф ва талаботи инкишофи ҷомеаи демократӣ дар ҷаҳони мутамаддин буда, ҳоло қариб дар конститутсияҳои ҳамаи давлатҳои демократии дунё ифода гаштааст. Аз тариқи меъёри зикршуда Тоҷикистон худро аъзои ҷомеаи башар, муборизи арзишҳои ҳуқуқӣ, қонун ва демократия эълон мекунад. Ҳамзамон, пуштибонӣ аз манфиатҳои давлати миллӣ, пеш аз ҳама, сохибихтиёрӣ ва истоқлолияти давлатӣ дар назар аст.

Дар Конститутсияи Тоҷикистон давлат ба ҳайси давлати иҷтимоӣ эълон шудааст, ки вазифаи асосии он таъмини зиндагии шоиста ва имкониятҳои рушди озодонаи шаҳрвандон мебошад. Консепсияи давлатдории иҷтимоӣ, ки имрӯз дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон таҷриба шудааст, дар аксари конститутсияҳои Аврупо низ ифода ёфта, барои

ҳимояи зиндагии арзандаи ҳар шахс равона гардидааст. Ин меъёри Конститутсияи Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии сокинон ба таври пурра ҳифз шаванд ва ҳамчунин дастгирии иҷтимоии ниёзмандон, аз ҷумла нафақахӯрон, ятимон ва маъюбон таъмин гардад. Илова бар ин, он барои паст кардани тафовутҳои иқтисодӣ ва рушди пурраи шахсият мусоидат мекунад. Дар заминаи ин меъёри конститутсионӣ ҳадафҳо, мазмун ва самтҳои сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон муайян шудаанд, миқдори зарурии қонунҳо, барномаҳо ва дигар чорабиниҳои давлатӣ амалӣ шуда истодаанд [56, с. 417].

Дар ташаккули ҳаёти ҳуқуқии халқу миллатҳо шахсиятҳои таърихие ҳастанд, ки ном, фаъолият ва зиндагиномаи онҳо бо таърих ва сарнавишти давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқии онҳо пайванди ногусастанӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон яке аз чеҳраҳои калидии таърихи муосири тоҷикон ба шумор меравад, ки нақши ӯ дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ, таҳкими давлатдории навин ва муайянсозии самтҳои рушди ҳуқуқи тоҷик аҳаммияти хоса дорад. Ӯ дар баробари саҳмгузорӣ дар таҳаввули таърихии миллати тоҷик ва бунёди пояҳои давлатдории соҳибихтиёрона, барои эҳёи арзишҳои ҳуқуқии ниёгон ва татбиқи онҳо дар қонунгузории муосир, инчунин, дар таҳия ва қабули низоми қонунҳои миллӣ хизматҳои назаррас анҷом додааст.

Георг Гегел маҳз дар ҳаққи чунин мардон гуфтааст: «Инсон дар ҳуқуқ бояд хиради худро ёбад ва ӯ вазифадор аст, ки хирадмандона будани меъёри ҳуқуқро назорат кунад». Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадор, «бунёдгузори давлати миллӣ, эҳёкунандаи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ дар эъмори давлати соҳибихтиёр, ислоҳоти ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳуқуқи мо бамаврид, дақиқ ва комилан илмӣ қабули қонунҳои сирф миллиро, яъне қонунҳоеро, ки ба манфиати давлату миллат, имрӯзу ояндаи халқ шарт ва зарур буданд, масъалагузорӣ намуд» [41, с. 487].

Ҳамзамон, бо ин, қайд намудан лозим аст, ки ташаккулёбии низоми нави давлатдорӣ, ки аз Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ сарчашма мегирад, бори дигар нақши таърихии шахсро дар марҳилаи тақдирсоз собит сохта, шоҳиди ба вуҷуд омадани ниҳоди нави сарварӣ мебошад. Илм ва таҷрибаи таърихӣ борҳо собит намудааст, ки маҳз фаъолияти мақсадноку ҳадафмандонаи ниҳоди сарварӣ қодир аст дар марҳилаҳои тақдирсози таърихӣ боиси наҷот ва таҳкиму рушди давлатҳои миллӣ гардад. Аҳаммияти таърихии фаъолияти ин ниҳодро имрӯз мо метавонем дар мисоли мактаби сарварии Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баръало эҳсос намоем.

Дар ин маврид А.И. Имомов қайд менамояд, ки «соҳибихтиёрии давлатӣ дар се хусусияти он: ҳокимияти олии давлатӣваҳдати он ва истиқлолияти давлат таҷассум меёбад. Ин се хусусият мустақилии давлатро дар муайян кардани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ифода мекунад. Соҳибихтиёрии ҳақиқӣ ба давлат чунин як имкониятеро фароҳам меорад, ки сиёсати дохилию хориҷиашро мустақилона ва озодона амалӣ гардонад. Ҳокимияти олии давлатӣ дар он ифода меёбад, ки он низоми ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии дар айни вақт амалкунанда, тартиботи ҳуқуқӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ, ҳуқуқу вазифаҳои мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандро муқаррар менамояд» [32, с. 224].

Аз тарафи дигар, агар ба масъала чиддан назар кунем, мебинем, ки дар тӯли таърих миллатҳо ва давлатҳо доимо ба мавҷудият ва фаъолияти шахсиятҳое ниёз доранд, ки дар масири таърих ҳастӣ ва тамоми вуҷуди худро ба ин шахс бовар карда, аз қафои ӯ дилпурона пеш мераванд. «Шахсиятҳо нақши бузургро дар раванди бунёди давлатҳои миллӣ, империяҳои бузург ва умуман гардишҳои таърих бозидаанд. Аз ин нуқтаи назар, қайд намудан зарур аст, ки чунин шахсият дар таърихи

давлатдории навини тоҷик Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардид» [40, с. 392].

Дар арсаи сиёсат Эмомалӣ Раҳмон роҳро аз зинаҳои поёни роҳбарӣ оғоз намуда буданд. Шахсият танҳо дар ҳолате ба такомули устувор мерасад, ки арзишҳо, таҷриба ва хусусиятҳои иҷтимоии гурӯҳҳои мухталифро дар сатҳи шуур ва рафтор аз худ кунад. Тибқи назарияи илмии сарварӣ, ташаккули роҳбарони муассир ва универсалӣ натиҷаи раванди тадриҷии омӯзиш ва таҷрибаи амалии онҳо мебошад. Дар ҳамин зина қобилияти идроки ҳамзамони воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ташаккул ёфта, ба роҳбар имкон медиҳад, ки ҷаҳонро ҳам дар маҷмуъ ва ҳам дар ҷузъиёташ дарёбад. Ин сатҳи баланди ҷаҳонбинӣ барои қабули қарорҳои стратегӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият аҳаммияти калидӣ дорад. Воқеияти таърихӣ собит менамояд, ки чунин маҳорати баланди ҳуқуқӣ-сиёсиро Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳиб аст. Маҳз ҳамин хусусият имкон дод, ки дар марҳилаҳои ҳассоси таърихӣ қарорҳои аз диди ҳуқуқӣ дурандешона қабул намуда, маҷрои минбаъдаи равандҳои сиёсию- ҳуқуқии иҷтимоии кишварро таҳти назорат қарор диҳад.

Фаъолият ба ҳайси Раиси вилояти Кӯлоб ва минбаъд Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои гузариш аз идоракунии гурӯҳҳои миёнаи иҷтимоӣ ба марҳилаи олии идоракунии ҷомеа маҳсуб меёбанд. Ҳар як марҳилаи роҳбарӣ собит месохт, ки ӯ воқеан ҳам сарвари дорои хислатҳои фавқулода мебошад. Дар симои ӯ, ҷомеаи Тоҷикистон наҷотбахши худро медид. Ашадитарин рақиби сиёсӣ низ мардонагӣ ва шуҷоаташро эътироф мекард. Файласуфи бузурги немис Гегел дар тавсифи чунин сарварон менависад, ки «онҳо ба худашон тааллуқ надоранд. Онҳо шахсиятҳои оддияндвале онҳо аслиҳаи рӯҳи ҷаҳонианд. Ва рӯҳи ҷаҳонӣ танҳо тавассути онҳо ба мақсадҳои худ мерасад» [26, с. 154]. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвар, дастоварди ҷаҳонии тоҷикон дар

ҷодаи сулҳофарӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, Эмомалӣ Раҳмон Пешвои тоҷикони ҷаҳон эътироф шудааст.

Роҳ ба сӯйи сиёсати сулҳофарии бузург хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба он нишондиҳандаҳои замонӣ ва макониӣ метавонанд таъсири худро расонанд. Аз ин нуқтаи назар, замони зимоми давлатдориро ба даст гирифтани Пешвои миллат замони хунрезию даргириҳо буда, аз роҳбар истеъдоди махсуси корбарӣ ва идоракуниро тақозо менамуд. Пешвои мо аз уҳдаи ин кор бо сарбаландӣ баромад [40, с. 392].

Қобилияти баланди фитрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, инчунин, дар дақиқ муайян намудани масъалаҳо ва аҳаммияти онҳо низ аён аст.

Стратегияи нахустини мукаммал, ки Пешвои миллат, ба ҷомеа пешниҳод намуда буданд, ин баровардани кишвар аз ҷанги шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Стратегия ба раҳокунӣ аз амалиёти хушунатомез, ҳалли мушкилоти нобоварӣ ба ҳокимият, аз байн бурдани ихтилофи идеявӣ ва кам кардани ҳолатҳои бадбинии иҷтимоӣ равона шуда буд. Баргардонии гурезагони иҷборӣ ва боло бурдани эътибори байналмилалии Тоҷикистон низ аз ҳадафҳои муҳимми он ба ҳисоб мерафт.

Таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон имрӯз яке аз падидаҳои пазируфта буда, ҷаҳониён онро ҳамчун таҷрибаи нодир эътироф кардаанд, ки дар тарҳрезӣ ва ташаккулу татбиқи он таҷрибаи «гуфтушунид ва созиш» нақши Сарвари давлат бениҳоят калон аст. Дуруст аст, ки мафҳуми «гуфтушунид ва созиш» ба ҳам омадани ду ҷонибро дар назар дорад ва ҳаргиз созиш якҷониба шуда наметавонад. Барои ин майлу хоҳиш ва талоши оқибати гуфтушунид созиши ду ҷониб мебошад. Дар айни замон бояд таъкид кард, ки оғоз гардидани музокирот то ҷое ба омодагӣ ва ибтикори кадом тараф бастагӣ дорад. Низоъшиносӣ исбот менамояд, ки қадами аввалро гузоштан ҳамеша кори осон нест. Зеро чунин иқдом метавонад аз ҷониби рақиб ҳамчун нишонаи заъф қобили қабул гардад ва

ӯ метавонад рафтори минбаъдаи худро аз дидгоҳи дигар ташкил диҳад, ки оқибатан метавонад вазъиятро боз ҳам печида намояд.

Аз ин рӯ, дониста мондани ин қадам аз сарвари сиёсии мо дарки амиқи воқеият, масъулиятшиносӣ, азхудгузарӣ ва тарҳрезии дақиқи технологияи ҳалли низоъро тақозо менамуд. Хушбахтона, Пешвои миллат тавонистанд қадами аввалинро дар роҳи сулҳу созиш гузоранд, тавонистанд чеҳраи сиёсии худро нигоҳ доранд ва тамоми имконияту қувваи худро баҳри тақвият бахшидани раванди сулҳу оштӣ сафарбар намоянд, тавонистанд тавассути муҳаббату садоқати худ ба ин сарзамину ин миллат ҳисси кинаву адоват ва нафрату бадбиниро дар ҷомеа решакан намоянд, тавонистанд ба ҷаҳониён собит намоянд, ки қудратро на барои қудрат соҳиб шудаанд, балки қудратро барои таъмини пойдории давлатдории миллати худ, шукуфоии Ватани худ ва хушбахтии мардуми худ пазируфтаанд [40, с. 392].

Ҳастии худро ба ин миллат бахшида, ҳастии миллатро наҷот доданд. Маҳз бо ҷуръати ба худи ӯ хос тавонистанд ба кишварҳои бегона, ки касе кафолати амнияташро дода наметавонист, барои гуфтушунид ва даъват ба сулҳу салоҳ сафар намоянд. Ҳамчунин, тавонистанд собит созанд, ки хунро на бо хун, балки бо бахшиш шуста, бо қалбҳои пок аз ҳама гуна хусумату бадбинӣ баҳри ободии ин сарзамини аҷдодӣ сарҷамъона талош намудан мумкин аст.

Татбиқи ин амал дар таҷрибаи сиёсӣ нишон дод, ки пеш аз ҳама барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат, бартараф намудани буҳрони сиёсию ҳуқуқӣ зарур мебошад. Суботи ҳуқуқӣ ҳамчун нишондиҳандаи рушди устувор шинохта шуда, дар асоси он замина барои таҳкими ҳамкории созанда ва пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ фароҳам меояд.

Стратегияи нави роҳбарияти сиёсӣ ба принсипи созиш, гузашт ва таҳаммулпазирӣ асос ёфта, ба муносибатҳои ҳокимиятӣ мазмуну шакли

тоза бахшид. Ин сиёсат бо ҳидояти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқи воқеии фарҳанги сиёсии навро таъмин намуд, ки дар натиҷа низоми идоракунии давлат ба таври сифатан дигар рушд кард.

Сарвари сиёсӣ бо дарки амиқи талаботи воқеии ҷомеа дар ҳамон давраи таърихӣ тавонист механизми муассири татбиқи ин стратегияро фаъол созад. Натиҷаи он таҳкими ҳокимияти давлатӣ, раҳоӣ аз буҳрони сиёсии марговар, болоравии сатҳи эътимоди ҷомеа ба сохтори сиёсӣ, ҳамгироии иҷтимоии шаҳрвандон ва ташаккули низоми нави муносибатҳои сиёсӣ гардид. Тоҷикистон дар натиҷа тавонист мавқеи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мустаҳкам намояд.

Ин раванд собит сохт, ки Сарвари давлат дар стратегияи умумии давлатсозӣ ба принсипҳои эҳтироми арзишҳои умумиинсонӣ, адолати иҷтимоӣ ва волоияти қонун такя менамояд, омилҳое, ки пояи идоракунии самаранок ва устувори давлат мебошанд. Бузургтарин ва бебаҳотарин натиҷаи ин стратегия, ки мо имрӯз эҳсос намуда истодаемваҳдати сартосарӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ дар ҷомеа аст, ки пояҳои истиқлоли давлатро таҳким мебахшанд [40, с. 392].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити вазнини низои байни тоҷикон таҳия ва қабул гардид. Аз ин ҷиҳатвазифаи аввалиндараҷаи он таъмини оштии миллӣ ва сулҳи тоҷикон буд. Бо ин мақсад ҳангоми таҳияи лоиҳаи Конститутсияи ҶТ, пешниҳодоти доираҳои васеи аҳолӣ, намояндагони гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла собиқ мухолифин ба инобат гирифта шуданд. Дар он кулли талаботи ҳуҷҷатҳои сиёсиву ҳуқуқӣ дар бахши ризоияти миллӣ ифодаи худро ёфтанд. Аз ин нуқтаи назар, Конститутсияи ҶТ, дарвоқеъ ҳуҷҷати созиши иҷтимоӣ ва заминаи ҳуқуқии таъмини сулҳи тоҷикон гардид. Чунин таҷрибаи конститутсионии Тоҷикистон ҳоло чун намунаи ҳалли низои дохилӣ эътироф шудааст.

Тавре ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ маъмул аст, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар заминаи таҳаввули ҷомеа ва тағйироти муҳим дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ тадриҷан такмил меёбад. Дар ин раванд, барои танзими муносибатҳои тозапайдоштаи ҷамъиятӣ ба он меъёрҳои нав илова карда мешаванд.

Тағйиру иловаҳои Конститутсия дар таҷрибаи давлатдории ҳамаи кишварҳои ҷаҳони мутамаддин ҷой дорад. Ба замми ҳамаи ин, Конститутсияи ҶТ, «ба мисли конститутсияҳои давлатҳои дигари баъди даврони шуравӣ дар давраи гузариши ҷомеа аз сохти сотсиалистӣ ба давлати ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, иқтисоди бозорӣ ва шаклҳои гуногуни моликият қабул шудааст. Дар ин давра табиист, ки дигаргуниҳои куллии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ сурат мегиранд, муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба миён меоянд, ҳадафҳо ва самтҳои ислоҳоти мухталифи соҳаи судӣ, идоракунии давлатӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо мушаххастар мешаванд» [56, с. 417].

Стратегияи муҳимми дигар ин ташаккули ифтихори миллӣ, тавассути тарғиби андешаи миллӣ, таҳкими ҳамгироии иҷтимоӣ, умумияти ғоявӣ ва шинохти асли хеш маҳсуб меёбад, ки дар ҷодаи таҳкими давлати миллӣ аҳаммияти бағоят саривақтӣ дорад. Маълум аст, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари дар чорроҳаи тамаддунҳо ҷойгирифта аз нигоҳи геополитикӣ ва геостратегӣ осебпазир арзёбӣ гардида, дар ин паҳно бунёд ва таҳкими давлати миллӣ масъалаи басо мураккабу душвор мебошад. Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ мо пайваста эҳсос менамоем, ки кӯшишҳои таҳмили ақидаҳои бузургманишии миллӣ тавассути таҳоҷуми иттилоотию фарҳангӣ мақсаднок ва бошуурона аз ҷониби қувваҳои манфиатдору ғаразҷӯ амалӣ шуда истодаанд. Ин кӯшишҳо инъикоси амиқи худро дар пайдоиши ақида ва рафторҳои хусусияти номувофиқи бо ҷомеа доштаи худ меёбанд.

М.У. Хидирзода чунин қайд намудааст, ки «аз назари аввал чунин менамояд, ки ба даст овардани истиқлолият метавонад умумият ва ҳамгироии миллатро таъмин намояд. Миллатсозӣ ва давлатсозӣ равандҳое мебошанд, ки якдигарро пурра месозанд. Дар баробари ин, метавон миллатро бо тамоми ҳувияташ нигоҳ доштвале дар давлатсозӣ муваффақ нашуд. Аз ин рӯ, детерминизми таърихию сиёсӣ тақозо менамояд, ки ташаккул ва рушди ифтихори миллиро метавон ҳамчун яке аз василаҳои муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ истифода бурд. Аз байн бурдани бегонагӣ ба ҳокимияти сиёсӣ, боло бурдани талошҳои аҳли ҷомеа баҳри саҳмгузорӣ дар рушди кишвар, нишон додани садоқат тавассути амалҳои созанда, дарки муқаддас будани мафҳуми «Ватан», пурзӯр шудани эътимод ба ҳокимияти сиёсӣ, дастгирии доимӣ аз сиёсати давлат, эътирофи он аз ҷониби аксарияти қувваҳои сиёсӣ нишонаҳои муҳимми муваффақ гаштани миллат дар роҳи таҳкими давлатдорист» [61, с. 13].

Бедории андешаи миллӣ дар ҷомеа ба ҳайси омили муҳимми таҳкимбахшандаи фарҳанги ҳуқуқӣ, забон ва арзишҳои таърихӣ шинохта мешавад. Маҳз ҳамин раванд заминаи устувори давлатсозии миллӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ ба шумор меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки давлатдории миллӣ танҳо дар сурате пойдор мемонад, ки пояҳои ҳувияти миллӣ мустаҳкам гарданд.

Тақвияти ҳисси ифтихори миллӣ ва тарғиби арзишҳои давлатдорӣ барои муттаҳид кардани мардум бисёр муҳим аст. Ин кор ба он оварда мерасонад, ки ҳар як шаҳрванд ҳис кунад, ки масъулияти шахсӣ дар назди Ватан дорад ва сарнавишти худро бо сарнавишти давлат вобаста медонад.

Агар рӯҳияи миллӣ ва саводи ҳуқуқии ҷомеа паст шавад, эҳсоси масъулият заиф мегардад ва истиқлолияти кишвар метавонад осеб бинад [40, с. 392].

Ҳадафҳои стратегии имрӯзии давлат, ба монанди истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, беҳтар намудани роҳҳои иртиботӣ ва рушди босуръати саноат нишон медиҳанд, ки Пешвои миллат барои рушди кишвар сиёсати мувофиқ ва ҳамоҳангро дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва фарҳанг истифода мебарад.

Татбиқи ин ҳадафҳо ба таҳкими суботи иҷтимоӣ, болоравии сатҳи зиндагии мардум ва таҳкими истиқлолияти миллӣ мусоидат менамояд.

Раванди конститутсионии давлатсозӣ раванди дурудароз ва пурпечутоб буда, дар ҳар як марҳилаи рушди он метавонанд, мушкилиҳо пайдо шаванд. Маҳз маҳорати идоракунӣ, шуҷоатмандӣ, далерӣ, қотеият дар қабули қарорҳои сиёсӣ ва хиради сиёсию адолати иҷтимоии сарвар имконият медиҳанд, ки ин марҳилаҳо роҳат паси сар карда шаванд. Бале, Пешвои миллат дорои чунин хислатҳост.

Дар шароите ки низоъҳои геополитикӣ ва рақобатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ боиси афзоиши хунрезӣ, ноамнӣ ва фишор ба истиқлолияти давлатҳо гардидаанд, таъмини суботу амнияти миллӣ аз роҳбари дорои ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва масъулияти баланд талаб мекунад. Танҳо шахсияти сиёсии дорои маърифати амиқи идоракунӣ метавонад давлатро аз чунин буҳронҳо гузаронида, амнияти дохилиро ҳифз намояд.

Маҳз ҳамин маҷмуи хислатҳои роҳбарикунанда ба Пешвои миллат имкон додааст, ки дар муҳити пуртазоди ҷаҳонишавӣ роҳи устувор, мӯътадил ва амнро интихоб намуда, идораи давлатро ба таври оқилона ва дурандешона пеш барад.

Чунон чи М.У. Хидирзода иброз медорад, ки «раванди рушди муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки мавқеи кишварҳо вобаста ба рушди иқтисодӣ, ҳарбӣ ва сиёсӣ муайян шуда, ҳар кадом барои ҳифзи манфиатҳои худ дар доираҳои муайяни иқтисодию сиёсӣ ва ҳарбию фарҳангӣ муттаҳид мешаванд. Дар ин раванд масъалагузориҳои сулҳофаронаи Пешвои миллат вобаста ба масъалаҳои глобалии ҷаҳони

имрӯза, аз қабили оби тоза, мубориза бо терроризм ва ҳимоя аз дини мубини ислом ин шахсияти бузурги таърихиро ба чеҳраи шинохтаи сиёсати байналмилалӣ мубаддал гардонидааст. Имрӯз ҷаҳониён дар симои Президенти мамлакат тоҷику Тоҷикистонро мешиносанд. Ӯ муаррифгари воқеии давлат, фарҳангу тамаддуни миллат ва намунаи беҳтарини сиёсатмадорист» [100, с. 46-47].

Роҳбарии Пешвои миллат як мактаби муҳимми давлатдорист, ки ҳар шахси огоҳ ва ватандӯст метавонад аз он сабақ гирад. Арзишҳое мисли таҳаммулпазирӣ, фарҳанги сиёсӣ, инсонгарой ва адолат яке аз асосҳои пойдории ин ниҳод ба ҳисоб меравand. Бо шарофати ҳамин сифатҳо роҳбари давлат эътимоди мардумро ба худ ҷалб кардааст.

Рӯҳияи устувори роҳбари сиёсӣ қодир аст ба кайфияти ҷомеа таъсир расонида, мардумро барои расидан ба ҳадафҳои муҳим муттаҳид созад.

Рӯҳияи лидерӣ ва Пешвои ҳамон рӯҳияест, ки дар мушкилтарин лаҳзаҳо шикаста намешавад, баръакс, метавонад дар умқи ҷомеа боварию эътимодро баҳри пирӯзиҳо ҷой намояд. Ҷомеаи Тоҷикистон ҳанӯз фаромӯш накардааст, ки дар кадом вазъият Президенти мамлакат роҳбарии давлатро ба уҳда гирифт. Ин як вазъияте буд, ки ноумедӣ тамоми ҷомеаро фаро гирифта, мардум фақат барои як рӯз мезистанд, зеро намедонистанд, ки фардо онҳоро чӣ интизор аст. Ҳолате буд, ки падар ба писару писар ба падар боварӣ надошт, зеро хиёнату сиёҳкорӣ сари ҳар як қадам ба миён меомад. Вазъе буд, ки тарси ҷон мардумро сарсону саргардон ба кишварҳои гуногун карда буд. Дар чунин вазъият фақат бо кору пайкори хукуки ва амалӣ, сарсупурдагӣ, азхудгузарӣ, ҷасорат ва далерӣ сарвари сиёсӣ метавонист рӯҳияи ҷомеаро баланд, иродаашро қавӣ ва умедашро ба фардо устувор гардонад. Имрӯз бошад бо гузашти муддати муайян мо бо ифтихор ва эътимоду қаноатмандӣ аз сарварии Президенти кишвар гуфта метавонем, ки ӯ тавонист ва Тоҷикистонро гулгулшукуфон кард.

Ҳамин тариқ, метавон бо боварӣ иброз намуд, ки раванди бунёди давлатдории миллӣ раванди динамикиест, ки дар ҳар як марҳилаи рушди он ба вуҷуд омадани ҳолатҳои низоии ба мавҷудияти он таҳдидкунанда аз эҳтимол дур нест. «Дар чунин ҳолат фақат идоракунии дурусти равандҳо, таъмини тағйирпазирии ҳокимияти сиёсӣ вобаста ба хусусиятҳои ҳар як марҳила ва фаъолияти мақсадноку дурандешонаи ниҳоди сарварӣ метавонад ҳамаи ин равандҳоро ба маҷрои созандагӣ раҳнамоӣ намояд» [40, с. 392].

Давраи 34 соли фаъолияти Пешвои миллат дар шароити соҳибистиқлолӣ ҳамчун марҳилаи ташаккули комили сиёсӣ, таҳкими худогоҳии таърихӣ ва камолоти шахсӣ арзёбӣ мегардад. Ин давра, ки ӯро аз мақоми роҳбари сиёсӣ то сатҳи Пешвои миллат расонд, бо мубориза барои ҳифзи ягонагии давлат, суботи иҷтимоӣ ва нигоҳдории ҳувияти миллӣ дар муҳити пуртазоди равандҳои ҷаҳонишавӣ тавъам буд.

Президенти кишвар дуруст ва нишонрас қайд карданд, ки «воқеан, қисме аз мардуми мо ба сабаби зоҳирпарастии беасос ва дар иҷрои маросимҳо ва маъракаороиҳо пойбанди таассубу ҳурофот будани худ ва ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи дигари олам ба назар намерасад» [19, с. 4].

Мақсаду мароми Роҳбари давлат беҳбудии ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон сари вақт ба дили мардуми камбизоати Тоҷикистон роҳ ёфта, ҳарчи зудтар қабули қарори дахлдорро талаб мекард. Дар баробари он, албатта, гурӯҳҳое буданд, ки ба қадри фаҳмиши худ мухталифии паҳнои санадро дарк нанамуда, муқобилистиро бо одат, анъана ва расму оинҳо амали хуб нашумурданд. Вале онҳо як амали дигарро ёд наоварданд, ки ҳама пешравиҳои назарраси олам аз табдилдиҳии ҳамин унсурҳои муҳимми зиндагӣ сурат гирифтааст. Ҳама гуна инқилобҳои маърифатӣ, фарҳангӣ ва илмӣ натиҷаи ҳамин гуна тағйирдиҳии парадигмаҳои мавҷуда буд. Агар ба таърих назар намоем,

ибтидои инқилобҳои буржуазии Аврупо, пешравии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, тавлиди андешаҳои солими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва адлу инсофи замони муосир баислоҳи маросимҳои маъбади католикӣ ва ҷаҳонбинии динии мардуми Аврупо дар ибтидои замони нав сахт иртибот дорад. Дар он замон мутафаккирони машҳур Марсилий Падуансикии итолиявӣ, Джон Уиклифи англис, Ян Гуси чех, Мартин Лютери олмонӣ, Жана Калвини фаронсавӣ, паҳлӯҳои сахту нангин ва шаклпарастии маросимҳои насрониро зери танқид гирифта, барои озод намудани мардум аз асорати вазнини ҳурофот ва бидъатҳо андешаҳои судманд гуфта, заминаҳои назарии дастовардҳои замони навро тарҳрезӣ намудаанд.

Инқилобу ислоҳоти баъдии соҳибони қудрат ва пешвоёни миллатҳо Кромвел дар Англия, Мейдзи дар Ҷопон, Ф. Рузвелт дар Амрико, Гарибалди дар Италия, Де Гол дар Фаронса, Махатма Ганди дар Ҳиндустон, Петри I дар Россия ҳар яке дар доираи муайян расму оинҳо ва доираи анъаноти миллатҳоро дар доираи манфиати мардум зери таъсири қонуну санадҳои меъёрӣ қарор додаанд [41, с. 487].

Чи тавре ки муҳақиқи соҳаи сиёсӣ А. Сатторзода қайд намудааст, «таҷрибаи бобарори сулҳи тоҷикон ва дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба самар расидани он сабақ медиҳад, ки ин ва ё он низоъ вақте роҳи ҳалли худро меёбад, ки агар омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳам мувофиқ оянд ва дар якҷоягӣ ва ба хотири баровардани як ҳадафи муштарак равона шаванд. Аввал он ки, ин таҷриба дар яке аз кишварҳои минтақа ва ҳамсояи наздик ва сониян, дар шоҳидии худи давлатҳои минтақа, дар пеши чашмонашон ва бо иштироки бевоситаи худи онҳо сурат гирифтааст» [94, с. 10-18].

Таърихшиноси тоҷик Х.Д. Самиев иброз медорад, ки «ҳар гоҳе сухан аз боби замина ва омилҳои сулҳи сарнавиштсоз меравад, андешаҳо гуногун мешаванд ва ҳар касе кушиш мекунад, ки воқеияту ҳақиқатеро

ошкор ё баён намояд. Вале воқеият ин аст, ки президенти кишварамон, Пешвои миллат ва асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошта буд: омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дустнавозии азалии ин мардум вобаста аст. Воқеан ҳам инъиқоди Созишномаи истиқрори сулҳ дар сарзамини тоҷикон муҳимтарин ва муассиртарин омили расидан ба ваҳдати миллӣ буд. Ваҳдате, ки беш аз бист сол ҷомеаи мо марҳала ба марҳала онро тай карда истодааст. Тайи ин чанд сол ҷомеаи мо тавонистааст, ки дастовардҳои хотирмонеро дар роҳи дастёбӣ ба ризоияту ваҳдати миллӣ соҳиб шавад» [92, с. 19-30].

Муҳимтарин сабақҳое, ки аз таҷрибаи сулҳи бобарор ва нодири Тоҷикистон бармеояд ва ба назари мо, барои минтақа ва ҷаҳон аҳаммияти бузург дорад, инҳо мебошанд:

1. Душвортарин масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро метавон аз тариқи муколимаву музокира ва бо роҳи мусолиматомез ҳал кард. Тавре ки маълум аст, низоъи Тоҷикистон низоъи басо мураккаб ва печидаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисод буд ва решаҳояш ба даврони Шуравӣ мерасид, монанди пастии сатҳи зиндагӣ, бекорӣ, шароити номусоиди кор, нобаробарии тараққиёти иқтисодии минтақаҳо, тасаллути мақомоти аввали ҳукумат аз тарафи намояндагони самти шимол, маҳалгароии давлатӣ, сиёсати нодурусти муносибат ба дин ва аҳли дин, таъқибу озори беасоси онҳо ва ғ.;

2. Роҳбарияти феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти муҳтарами он, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон на танҳо сиёсати сулҳу оштии миллиро дар мамлакат пеш гирифтанд ва онро бомуваффақият амалӣ гардониданд, балки ба исбот ҳам расонданд, ки метавонанд бо мухолифони собиқашон

дар шароити «низоми конститутсионии бисёрҳизбӣ ва парламентарӣ» дар асоси таҷзияи ҳокимият ҳамкорӣ намоянд;

3. Ҷалб намудани кишварҳо, халқҳо ва қувваҳои хориҷӣ ба ихтилофоти дохилии ҷомеа қобили қабул нест. Дар низоъҳои дохилӣ набояд аз имконияту захираҳои давлатҳои дигар ба муқобили якдигар истифода бурд, зеро чунин амал муноқишаро шиддат бахшида, арзишҳои истиқлолу суботи миллӣ тахдид мекунад. Сабақ ва чора ин аст, ки бояд ба зӯри бозӯи худ, ақлу хиради худ, имконоти худ такя кард; худкифоя, соҳибихтиёр, мустақилу озод ва сарбаланд бояд буд [94, с. 10-18].

Таҳлили воқеияти иҷтимоию сиёсӣ ва таърихӣ нишон медиҳад, ки масири пешвоӣ ин масири мушкилу пурпечутоб буда, фақат он нафаре ба ин унвони олӣ ва эътимоди мардум ноил мегардад, ки аз сари сидқу вафо хизмати халқи худро мекунаду хешро дар роҳи ҳастии ӯ мебахшад.

### 3.3. Самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мувофиқи таъиноти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти иҷтимоии он

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва демократиро ихтиёр намуд. Арзишҳои асосии ин низом дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ инъикос ёфтаанд. Дар байни онҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун принсипи муайянкунандаи волоияти қонун мавқеи марказӣ дорад [109, с. 26].

Таҳлили сиёсати ҳуқуқии давлат нишон медиҳад, ки самти стратегии он таҳкими асосҳои конститутсионӣ, ташаккули идораи демократии давлатӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар бар мегирад. Давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, дунявӣ ва ягона ҳамчун шакли мукаммали ин сиёсат, барои таъмини қонуният ва адолати иҷтимоӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст ва дар моддаи 6 муқаррар намудааст, ки аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонӣ МО, ҶТ, дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд. Инчунин, дар қ. 2 м. 64 Конститутсияи ҶТ муқаррар мешавад, ки «Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад» [1].

Бояд тазаккур дод, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.1994) сарчашмаи тамоми қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта асоси ҳуқуқии ташкилёбӣ, низоми ҳуқуқии миллиро инъикос менамояд.

Зоир Ҷ.М дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «роҳи демократӣ ва дунявиро пеш гирифтани Тоҷикистон тасодуфӣ нест, зеро ҳодисаҳои нангине, ки дар кишвар солҳои 90-уми асри гузашта ба вуқуъ омада буд, аз он шаҳодат медиҳад, ки дунявӣ будан ба Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун омили ҳимояи соҳибихтиёрии давлат ва таҳкурсии бунёди давлати миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад ва ҳамчунин, тақозои замон ҳам ҳаст. Бояд таъкид намуд, ки бештари мутафаккирон якҷоя бо пешкаши назарияи мустақили хеш, ҳамчунин, афкори пештараи сиёсӣ ва ҳуқуқиро таҳлил намуда, дар хусуси асарҳо, ақидаҳо ва назарияҳои мухталиф иттилоъ медиҳанд. Назарияҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар заминаи назарияҳои пештара, мафкура, ҷаҳонбинӣ ва шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд. Мутафаккирон ба таҳлили таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд» [38, с. 158].

Бо ҳамин мазмун олими ватанӣ А.И. Имомов ибрози ақида менамояд, ки «асосҳои сохтори конститутсионии ҷамъият ва давлат

ҳамчун падидаи ҳуқуқию конститутсионӣ дар қонунгузори Тоҷикистон соли 1994 муқаррар ва танзим ёфтааст. Чанде аз давлатҳои ИДМ низ фасл ва боби аввали Конститутсияи худро асосҳои сохтори конститутсионӣ номиданд. Ҳар як давлат дар асосҳо ва заминаҳои ба худ хос ташкил ва инкишоф меёбад» [33, с. 221].

Ин гуфтаҳо ба он асос мегардад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», қайд менамояд, ки «Мо таҷрибаи ҷаҳонии давлатдорӣ, омилҳои сиёсию иқтисодӣ ва миллию фарҳангии мамлакатро дар марҳилаи гузаштаву имрӯза омӯхта, роҳи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократиро интихоб кардем» [50, с. 368].

Ҳанӯз аз ибтидои давраи роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фаъолияти сиёсӣ бо вазифаи стратегӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва бозсозии ҳувияти таърихию фарҳангии тоҷикон пайваст гардид. Дар маркази ин ҷаҳонбинӣ се мафҳуми калидӣ: худшиносии миллӣватандӯстӣ ва давлатдории миллӣ ҷой доштанд, ки фалсафа ва ҷавҳари назариёти сиёсии Пешвои миллатро дар марҳалаи ташаккули истиқлолияти давлатӣ ташкил медиҳанд. Маҳз тавассути ин дидгоҳ арзишҳо ва манофеи миллӣ дар сатҳи давлатӣ ба таври расмӣ ва густурда ифода ёфтанд [68, с. 662].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти барҷастаи таърихии миллат дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати Сарвари давлат интихоб шуд. Нақши ӯ дар эҳё ва барқарорсозии сохтори конститутсионӣ, таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлатдорӣ ва таъмин намудани сулҳу ваҳдати миллӣ хосса ва таърихист. Баъд аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар соли 1994, ӯ дар асоси интихоботи умумихалқӣ Президенти кишвар интихоб гардид.

Дар натиҷа, дар давраи раҳбарии ӯ пояҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ гузошта шуда, низоми қонунгузории миллӣ рушд ва таҳким ёфт.

Чи тавре ки Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин Владимирович, қайд намудааст, «Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷастаи ҷаҳонӣ буда, дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ мамлакате дида намешавад. Ҳар он чӣ оид ба ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳои мамолики давлатҳои дигар» [89, с. 22].

Ҳамин аст, ки дар таърихи навини халқи тоҷик ба шарофати сиёсати хирадмандонаву сулҳофаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари ташаккулу таҳаввул ёфтани давлатдории миллӣ, эҳёи дубораи арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик, ки яке аз пурарзиштарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб мегардад, дар даврони истиқлолияти кишвар низоми ҳуқуқии миллӣ марҳила ба марҳила дар ҳолати рушд қарор дорад. Дар ин давраҳо чандин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз қабили Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои зерқонуни қабул шудааст, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амнияти давлат ҳифзи арзишҳои миллӣ хизмат менамояд.

Раванди қонуниятҳои инкишофи вазъи сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ дар охири соли 1993 ва аввали солҳои 1994 нишон дод, ки он рӯз ба рӯз рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, зарурияти аз нави сохаи илм дар таҷрибаи давлатдорӣ барқарор намудани ниҳоди конститусионӣ-ҳуқуқии

«Президент»-ро рӯйи кор овард. 20 июли соли 1994 қонуни марбут ба ислоҳоти конститутсионӣ қабул гардид, ки тибқи он таъсиси мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз унсурҳои асосии сохтори давлатдорӣ муқаррар шуд. 21 июли соли 1994 бошад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки он низоми ҳуқуқӣ ва тартиботи ташкилию амалисозии интихоботи президентиро танзим намуд.

Президент баёнгари ягонагии давлат буда, ҷумҳуриро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад. Ҳуқуқи аз номи тамоми халқи Тоҷикистон сухан гуфтан дорад.

Мутобиқи низоми ҳуқуқии мавҷуда, рамзҳои Президент нишондиҳандаи мақоми ҳуқуқии ӯ ҳамчун Сардори давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия мебошанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (28.07.2006, №192) тартиби истифода ва мақоми ин рамзҳоро муайян намудааст. Дар асоси ин қонун, рамзҳои расмии Президент – Парчами Президент ва Нишони Президент ҳамчун атрибутҳои асосии ҳокимияти президентӣ дар ҷумҳурӣ шинохта мешаванд.

Бояд тазакур дод, ки соли 1994 ҳангоми таҳияи матни Конститутсияи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи «давлати дунявӣ» бори дигар дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифта, ҳамчун яке аз муҳимтарин аслҳои давлатдории муосири тоҷикон ба матни Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд. Ин масъала дар банди якуми Конститутсияи Тоҷикистон сабт гашта, дар банди 100 он ҳамчун усули тағйирнопазир эътироф гашт. Ҳамин тавр, дунявӣ будани давлат ҳамчун яке аз усулҳои асосии давлатдории тоҷикон бори дигар аз назари сиёсӣ ва ҳуқуқӣ расмият ва ҳатмият ёфт.

Дар натиҷаи татбиқи модели миллии давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор меъёрҳои асосии низоми демократӣ ба таври устувор

ҷорӣ гардиданд. Ба онҳо, аз ҷумла, пояҳои демократии сохтори давлатдорӣ, моҳияти дунявию иҷтимоии давлат, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, гуногунандешии сиёсӣ, фаъолияти самараноки парлумони касбӣ, таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, таъмини адолати судӣ ва баробарии шаҳрвандон дар назди қонун мансубанд.

«Ҳамзамон, дар зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, давлат дар ташаккули низоми бисёрҳизбӣ, таҳкими гуногунфикрии сиёсӣ, боло бурдани сатҳи ҳуқуқи занон ва таъмини баробарҳуқуқии зану мард дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба натиҷаҳои муҳим расид» [89, с. 22].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», қайд менамояд, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат медиҳад. Ҳуқуқ ба ҳаёт арзиши табиӣ буда, касе ҳақ надорад, ки шахсро аз ин ҳуқуқ маҳрум созад» [51, с. 28].

Дар ҳамин асос чи тавре, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бисёр баромадҳои худ таъкид менамоянд, ки мардуми Тоҷикистон бояд донанд, ки ба ҷуз худи онҳо ҳеҷ кишвари дигар фикри онҳоро нахоҳанд кард ва нисбати ояндаи худ бепарво набошанд [51, с. 28].

Низоми ҳуқуқи кишвар падидаи хеле васеъ буда, ба худ на танҳо қонунҳо ва манбаъҳои ҳуқуқ, балки тамоми равандҳои эҷод, татбиқ ва дарки ҳуқуқро, аз ҷумла сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии ҷомеа низ дарбар мегирад. Ин низом чун сохтори дохилӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, институтҳои ҳуқуқ ва соҳаҳои ҳуқуқӣ иборат аст, ки нақши онҳо дар танзими муносиботи ҷамъиятӣ ниҳоят муҳим мебошад. Дарк кардани

низоми ҳуқуқ бидуни ин унсурҳо ғайриимкон аст. Мафҳуми низоми ҳуқуқ аз низоми ҳуқуқӣ васеътар аст, зеро ба ғайр аз унсурҳои ҳуқуқӣ, ҳам низоми қонунгузорӣ, ҳам фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳам амалияи ҳуқуқӣ ва ҳам фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаву ҳуқуқтатбиққкунанда ба он ворид мешаванд.

Дар бобати ба вуҷуд овардани асосҳои назариявӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод, ки он дар Конститутсияи ҷумҳурӣ инъикоси худро ёфтааст.

Муносибати ҳуқуқӣ ҳамчун шакли махсуси робитаҳои иҷтимоӣ шинохта мешавад, ки танзими он тавассути меъёрҳои ҳуқуқ амалӣ мегардад. Сохтори он аз унсурҳои субъект, объект ва мазмун иборат буда, мазмун аз маҷмуи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои тарафҳо таркиб меёбад. Субъекти муносибати ҳуқуқӣ шахси воқеии дорои салоҳияти ҳуқуқӣ ё шахси ҳуқуқӣ буда, объекти муносибатро арзишҳои моддӣ, маънавӣ ва дигар шаклҳои манфиатҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди низоми ҳуқуқи миллӣ хело барҷаста буда, онро ба панҷ давра ҷудо намудан мумкин аст: 1) Аз давраи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлолияти миллӣ таъйин намудани самти ҷараёни инкишофи ҷомеа дар солҳои баъдӣ ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ барои низоми ҳуқуқии миллӣ ба вуҷуд овард. Дар вазъияти шикасти низоми идоракунии давлатӣ ва таҳдиди оғози ҷудошавии кишвар, Иҷлосияи XVI ҳамчун ниҳоди қонунгузор бо қабули «Изҳорот»-и 26 ноябри соли 1992 самти асосии сиёсати ҳуқуқиро муайян кард. Изҳорот принсипи волоияти қонун ва зарурати барқарорсозии тартиботи

конститутсиониро ҳамчун ҳалқаи калидии баромадан аз бухрон нишон дод.

Бо мақсади таҳкими заминаҳои ҳуқуқии давлатдорӣ, иҷлосия як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд, ки аз ҷумла тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, Қонуни «Дар бораи гурезагон», қонуни Рӯзи сулҳ ва ризояти миллӣ, қонунҳои Парчам ва Нишони давлатӣ, қонуни сохтори Шурои Вазирон ва санад оид ба таъсиси вилояти Хатлонро дар бар мегирифтанд.

2) Аз қабули Конситутсия 6 ноябри соли 1994, ки дар ҳаёти халқи Тоҷикистон рӯйдоди муҳимми сиёсӣ гардид. Баъд аз ин Тоҷикистон дар ҳақиқат ҳам давлати соҳибистиқлол дар ҳудуди худ ва узви оилаи ягонаи башар дар микёси ҷаҳон гашт. Конститутсияи ҳар давлат ҳамчун оини асосии зиндагии шаҳрвандон хизмат мекунад ва барои ҷаҳониён шиносномаи сиёсиву ҳуқуқии он кишвар ба ҳисоб меравад. Дар он мақсадҳои ҷомеа, принсипҳои давлатдорӣ ва роҳи сиёсии интихобшуда сабт ва танзим мегарданд. Аз мухтавои ин ҳуҷҷат шуури иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳолати маънавии мардуми мамлакат, тафаккури миллӣ, расму ойин ва арзишҳои ахлоқиву равонии он падидор мегардад.

«Конститутсияи нав фақат ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ нест, балки вай корномаи ҷонбозиҳо ва фидокориҳои мардуми Тоҷикистон низ аст, ки таҳти роҳбарии нерӯҳои ватанпарвар бар зидди ҷанги бемаънии бародаркушӣ, ҷудоиандозӣ ва маҳалгароиву миллатгароӣ мубориза кардааст.

Ин ҳуҷҷат шаҳодатномаи адолатхоҳӣ, бунёдкорӣ, сулҳҷӯиву ваҳдатталабии мардуми Тоҷикистон аст. Албатта, Конститутсия, ки бо раъйи мардуми Тоҷикистон қабул шуд, баёнгари ризояти афроди кишвар аз сиёсати давлати Тоҷикистон ва роҳбари он Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ва бо далели ин ризоят, ҳамзамон, бо қабули Конститутсия мардуми Тоҷикистон ӯро ба ҳайси Президенти худ пазируфт» [67, с. 242].

3) Тағйиру иловаҳое, ки 26 сентябри соли 1999 ба конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд, барои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ дастоварди калоне ҳисоб мешавадва нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия, қабул ва тағйиру иловаҳо ба Конститусия хело назарас башумор меравад. Ин марҳила яке аз даврахои мухими такдирсози кишвар ба шумор меравад. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ яке аз созишҳои аввалини Комиссияи оштии миллӣ ин тағирот ба Конститутсия оиди таъсис додани Парлумони касбӣ буд;

4) Тағйиру иловаҳое, ки 22 июни соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд, ин барои рушди демократикунонии ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, мукамалнамоии қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқии миллӣ пояи устувор гузошт.

5) Тағиру иловаҳое, ки 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ варид карда шуд. Падидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсия чо карда шуд .

Мутобиқи Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Пас нақши дигаре, ки Президенти кишвар дар таъмини ин арзишҳо мебозад, ин на танҳо нозири воло будан баҳри иҷрои талаботи меъёрҳои конститутсионӣ, балки ба сифати таъминкунандаи ҳуқуқ, озодӣвазифаҳои инсон ва шаҳрванд, ки Конститутсия ва дигар қонунҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маъмурию сиёсӣ муқаррар кардаанд, фаъолият намудани Президент мебошад.

Мақоми Президент, ки ҳифзи Конститутсия, риояи қонунҳо ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсонро таъмин менамояд, ҳамчун унсури маркази механизми идоракунии давлатӣ баромад мекунад. Маҳз тавассути ин мақом Президент дар таъмини қонунияти конститутсионӣ,

ҳифзи истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзии давлат, инчунин, пойдорӣ ва бардавомии низоми давлатдорӣ саҳми муҳим мегузорад. Президент ҳамчунин фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамоҳангии онҳоро дар ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоиву шаҳрвандӣ таъмин намуда, барои амнияти миллӣ, сулҳу субот ва мураттабии ҷомеа нақши сарнавиштсоз мебозад [56, с. 417].

Бояд қайд намуд, ки самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат дар моддаи 6 Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» чунин оварда шудааст:

1. Барои таъмини фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат баъди қатъ гаштани ваколати президентиаш бинои хизматӣ ҷудо карда шуда, Дафтардории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат таъсис дода мешавад.

2. Сохтор ва басти вазифавии Дафтардории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муқаррар карда мешаванд. Кормандони Дафтардорӣ мақоми хизматчии давлатиро доранд.

3. Барои Дафтардории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар қисмати маркназии пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе ва дар зодгоҳаш биноҳои алоҳидаи корӣ ҷудо карда мешаванд, ки онҳо бо таҷҳизоти зарурӣ, воситаҳои техникию коммуникатсионӣ, алоқа ва нақлиёт таъмин мегарданд.

4. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат барои мулоқотҳои расмии худ ҳуқуқ дорад аз толорҳо ва қароргоҳҳои ҳукуматӣ истифода намояд.

5. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат бо шиносномаи дипломатӣ ройгон таъмин карда мешавад.

6. Ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар фурӯдгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон толорҳои ҳайатҳои расмӣ ройгон хизмат мерасонанд.

7. Бо дархости Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар радио ва телевизиони давлатӣ дар вақти ба ӯ мувофиқ вақти эфирии ройгон ҷудо карда мешавад» [4].

Бо итминони пурра метавон гуфт, ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби тамоми сокинони кишвар, новобаста аз дидгоҳҳои сиёсӣ, эътиқод ва андеша ҳамчун санади муҳим ва тақдирсози миллат пазируфта шуд. Ин рӯйдод барои мардуми Тоҷикистон оғози давраи нави сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ гардид.

Халқи тоҷик таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин марҳалаи душворро бо сабру устуворӣ паси сар кард ва бо сарбаландӣ аз имтиҳони садоқат ба Ватан, сулҳ ва оромӣ гузашт. Ин дастоварди бузург имрӯз ба рамзи ваҳдат, субот ва пешрафти давлат табдил ёфтааст.

Муқовиммати сиёсиро бо ризояту таҳаммул ба анҷом расонида, мисоли камназири ҳалли мусолиҳатомези ҷанги шаҳрвандиро ба ҷаҳониён нишон дод. Метавон гуфт, ки он солҳо Ҳукумату халқи Тоҷикистон дар кӯраи таърих обутоб ёфтанд, қадам ба қадам сӯйи бунёди ҷомеаи босаодат талош варзиданд. Ислоҳоти бунёдии иқтисодиёт, таҳаввулоти сиёсӣ, дигаргуниҳои маънавию фарҳангӣ боварию эътимоди мардумро ба фардои созанда қавитар гардонд.

Дар раванди истиқори сулҳ дар Тоҷикистон фарҳанги нави сулҳ ва таҳаммулпазирӣ тавлид ёфт. Касе наметавонад инкор кунад, ки сулҳу ваҳдат зодаи афкори башардӯстона ва тинати мунаввари халқи тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон аст. Меваи ширини ваҳдат омили созандаи халқ аст. Дар кӯтоҳтарин муддат Тоҷикистон дар ин ҷода ҷаҳиши бузурге ба амал овард. Пайкори созандагӣ бунёди иншоотҳои гидроэлектрикӣ,

шоҳроҳу нақбҳои азим, муассисаҳои иҷтимоию фарҳангиро дарбар гирифт. Сулҳ ба кишвари мо имкон дод, ки дар арсаи ҷаҳонӣ эътибору нуфузи бештар пайдо намояд, ҳамчун давлати сулҳхоҳу ваҳдатофарин эътироф гардад. Саҳми Тоҷикистон дар ҳаллу баррасии муаммоҳои глобалии ҷаҳонӣ, густариши равобиту дӯстии халқҳо ба маротиб афзуд.

Хулоса, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти таърихии сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Сарвари давлат интихоб гардид. Дар давраи роҳбарии ӯ заминаҳои асосии низоми ҳуқуқи миллӣ, барқарорсозии сохтори конститутсионӣ ва таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ гузошта шуданд. Соли 1994 тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Дар натиҷа, дар фаъолияти сиёсию ҳуқуқии ӯ марҳалаи нави давлатсозӣ оғоз ёфт, ки бо ташаккули давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ тавъам мебошад. Нақши Пешвои миллат дар таҳкими қонунгузории миллӣ ва рушди низоми ҳуқуқии кишвар беназир арзёбӣ мешавад.

Таъминоти иҷтимоии фаъолияти Пешвои миллат. Дар ташаккули ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии халқу миллатҳо шахсиятҳои таърихие ҳастанд, ки ном, фаъолият ва зиндагиномаи онҳо бо таърих ва сарнавишти давлатдории он халқу миллатҳо пайванди ногусастанӣ дорад. Дар таърихи давлатдории муосири тоҷикон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти таърихӣ ҷойгоҳи вижа дорад. Ӯ дар ташаккул ва таҳкими низоми давлатдории миллӣ, такомули ҳуқуқи миллӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳангии ниёгон саҳми назаррас гузоштааст [39, с. 11-44].

Дар давраи истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати иҷтимоии худро ба ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди инсон нигарондааст. Ҳар сол қисми

асосии буҷети давлатӣ, яъне беш аз нисф, ба соҳаи иҷтимоӣ равона мегардад. «Ин иқдом нишон медиҳад, ки ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоии давлат – ташаккули давлати иҷтимоӣ, таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандон ва рушди озоди инсон мебошад» [77, с. 25-28].

Доир ба корнамоӣ ва матонату қаҳрамонии ин фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, бо забонҳои гуногун асарҳои алоҳидаи илмиву оммавӣ ва ёддоштиву адабӣ, инчунин, мақолоти зиёд дар васоити ахбори умуми ватанию хориҷӣ чоп шудаанд [25, с. 352; 65, с. 320; 64, с. 372; 24, с. 276], ки аксари онҳо фаъолияти серпаҳлӯ ва ҷанбаҳои алоҳидаи корномаи ин абармарди халқро бо дидгоҳи нав дар бар гирифтаанд. Вале нафаре, ки сарнавишти самандарқисмати миллати тоҷикро медонад, дар паҳлӯи ин шахсияти худодод фаъолият мекунад, заҳмати шабонарӯзӣ ва созандаи ӯро мебинад, хуб эҳсос менамояд, ки нависандагони осори зикршуда, бидуни муболиға, ҳанӯз на ҳамаи воқеият ва дурнамои амалҳои ин симои таърихиро ба қалам додаву инъикос карда тавонистаанд.

Арзёбии саҳми шахсияте, ки миллати тоҷикро пас аз асрҳои тӯлонӣ дубора ба майдони давлатдории мустақил ворид кард, аз нигоҳи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ аҳаммияти таърихӣ дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи буҳрони ҷанги шаҳрвандӣ тавонист бо иродаи қавӣ ва сиёсати созанда кишварро аз вартаи нестшавӣ наҷот диҳад. Ӯ, ҳамчун Сарвари давлат, дар кӯтоҳтарин муддат асосҳои сулҳу ризоиятро гузошта, заминаи барқарорсозии сохтори давлатӣ, низоми ҳуқуқӣ, молиявӣ ва мудофиавиро аз сифр бунёд намуд. Бо талошҳои ӯ гурезагон ба Ватан баргардонида шуданд, сиёсати авф ва ҳамдигарбахшӣ татбиқ гардид ва сулҳу субот дар ҷомеа пойдор шуд. Бо ин роҳ, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта гардид, ки ин дастоварди таърихӣ ва сиёсӣ ба номи Пешвои миллат вобаста аст.

Зеро инъикоси симо ва корномаи шахсе, ки халқи бедавлатро соҳиби давлат карда, ба халқи ноумед умед оварда, ба ҷойи кинаву адоват ваҳдату дӯстиро ҳокими сарзамин намудааст, аз ҳар шахси эҷодкор дидгоҳи васеи назариявию амалиро тақозо дорад.

Дар Моддаи 14  Қонуни ҶТ Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз соли 2016 оварда шудааст, ки «таъминоти иҷтимоии Пешвои миллат, аз таъмини хизматрасонии тиббӣ ва табобатию истироҳатии якумра хизматрасонии ройгони тиббӣ ва табобатию истироҳатӣ, ки дар давраи иҷрои ваколати президентиаш таъмин карда мешуд, нигоҳ дошта мешавад» [4].

«Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, ки ваколати президентиаш қатъ гардидааст, бо нафақаи ҳармоҳа ба андозаи 80 фоизи музди меҳнати моҳонаи Президенти амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад. Ҳаёт ва саломатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба андозаи музди меҳнати солонаи Президенти амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи ҳатмии давлатӣ карда мешаванд» [4] (м.15).

Аз ин рӯ, мо низ мисли дигар нависандагон инъикоси комили ин симоро ба дӯш нахоҳем гирифт, зеро тасвири ҳамаҷонибаи корнамоиҳои шахсиятҳои таърихӣ кори як қалам, як шахс ва ҳатто як даврони таърихӣ нест. Бузургон дуруст гуфтаанд, ки нобиғаҳо дар як замон зиндагӣ мекунанд, вале рӯҳ ва ғояҳояшон таърихи ояндаро комил месозанд.

Дар доираи тадқиқоти илмии диссертатсиони дар доираи хусусиятҳои конститутсионии қонуният аз фаъолияти сулҳофарона ва созандаи Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмонро, ки воқеан бунёдгузори давлати муосири тоҷикон мебошад, тахлил намоям. Махсусан ба ҳадафҳои асосии маърифати ҳуқуқии асосгузори давлати миллӣ: нахуст, расидан ба қадри давлатдории навин, дувум арҷ гузоштан ба арзишҳои волои фарҳангӣ, аз ҷумла баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа

ва ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ниҳоят, тақдири шоиста аз осори мондагори фарзандони фарзонаи миллат мебошад. Маҳз ҳамин сифатҳо имрӯз нишонаҳои муҳимми давлатдории абарқудратҳои ҷаҳонӣ, рамзи кишвардории халқҳои мутамаддин аст, ки бо фарҳанги идорӣ, низоми ҳуқуқӣ ва андешаҳои созанда дар сафи пеши тамаддуни муосир қарор гирифтаанд [39, с. 11-44].

Ба андешаи мо, таъминоти иҷтимоӣ Пешвои миллат дорои дигар функсияи муҳим – функсияи ҳифозотӣ низ мебошад. Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъминоти иҷтимоии Пешвои миллат, тамоми намуди нафақаҳо, кӯмакпулиҳо, ҷубронпулҳо, хизматрасонии иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муолиҷаи тиббӣ, инчунин, имтиёзҳои гуногун дохил мегарданд.

Иҷлосияи сарнавиштсози XVI Шурои Олӣ на дар маркази кишвар, балки дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид. Дар он давраи ҳассоси таърихӣ, дар назди вакилони мардумӣ масъалаи муҳимтарин интихоби роҳи дуруст барои наҷоти давлатдорию давлатдорӣ қарор дошт. Суоли асосӣ ин буд, ки масъулияти роҳбарикунӣ ба кадоме аз шахсиятҳои сазовори давр вогузор карда шавад.

Интихоби Эмомалӣ Раҳмон (Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович) ба ҳайси Сарвари давлат дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як тасмими дуруст ва саривақтӣ буд. Вақт, бо гузашти рӯйдодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ин ҳақиқатро пурра собит намуд, зеро роҳбари тозаинтихоб тавонист суботу оромӣ ва сулҳи деринтизори миллӣ барқарор созад [39, с. 11-44].

Имрӯз Тоҷикистон, ки 34 соли истиқлолияти давлатиро пушти сар мекунад, дар соҳаҳои гуногун ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Аммо баррасии таҷрибаҳои гузашта нишон медиҳад, ки барои рушду таҳкими давлатдорӣ на танҳо ислоҳи камбудиҳо, балки қадршиносӣ аз арзишҳо, рамзҳои давлатӣ ва шахсиятҳои таърихӣ аҳаммияти калон

дорад. Ин омилҳо дар ҳар давру замон василаи таҳкими ҳувияти миллӣ ва пойдории давлат мебошанд. Таърихи давлатҳои миллӣ, ки давраи соҳибдавлатии онҳо аз 100 то 200 солро дар бар мегирад, нишон медиҳад, ки рушди устувори онҳо ба шинохтани поягузорони давлат, ба расмият даровардани мақоми онҳо ва муттаҳид сохтани ҷомеа дар атрофи арзишҳои сохтаашон вобаста будааст. Тоҷикистони соҳибистиқлол, гарчанде баъдтар ба ин марҳила расид, имкони истифодаи таҷрибаи кишварҳои мутараққиро дорост.

Дар аксари кишварҳо марҳилаи аввали давлатсозӣ ва рушди минбаъда ба эътирофи шахсиятҳои таъсисдиҳандаи давлат ва муттаҳидсозии ҷомеа дар атрофи роҳу усулҳои онҳо такя мекунад.

Дар робита ба нақши Эмомалӣ Раҳмон, маводи воқеӣ гувоҳӣ медиҳад, ки «фаъолияти ӯ дар самтҳои давлатсозӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, иқтисод, адолати иҷтимоӣ ва фарҳанг ба ҳайси амали шахси бунёдгузор арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, ба баъзе масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва конститутсионии фаъолияти ӯ, ки пояҳои давлатдории муосири тоҷиконро мустаҳкам намуданд, таваҷҷуҳ кардан зарур аст» [39, с. 11-44].

Баъдан, ислоҳоти низоми идора се давраи мукаммалро паси сар намуда, дар кишвар институти президентии комилан халқӣ, парлумони касбӣ, Ҳукумати ҷавобгӯйи талаботи байналмилалӣ, ҳокимияти судии мустақил, тақсими ҳокимияти давлатӣ, интихоботи шаффофи Президент, парлумон ва маҷлиси вакилони маҳаллӣ, институти ҳуқуқи инсон – ваколатдор давра ба давра заминаҳои ҳуқуқии худро пайдо карда, Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунёвӣ ба сафи давлатҳои миллии муосир ҳамроҳ намуд.

Ҳанӯз 31 декабри соли 1992 баъд аз ҳамагӣ якуним моҳи роҳбарӣ Раиси Шурои Олӣ халқи Тоҷикистонро огоҳ ва ором мекунад, ки «Роҳбарияти ҳозираи ҷумҳурӣ барои таҳкими ташкилотҳои ҳозираи ҷумҳурӣ, созмонҳои ҳаётан муҳим ҷидду ҷаҳди зиёд карда истодааст. Ҳоло

дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо коркунони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва милиса аз нав созмон меёбанд ва онҳо бо аслиҳа ва муҳимоти ҳарбӣ таъмин мегарданд. Садҳо ҷавонони ватандӯст ба кори ин мақомот сафарбар шуданд» (Табрики солинавӣ 31 декабри соли 1992). Яъне ҳамин гуфтаҳо барои онҳое, ки он солҳоро надидаанд, гувоҳ аст, ки дар он рӯзҳое, ки ӯ ба сари қудрат омад, ягон мақоми марказӣ дар маҳалҳо фаъолият намекард, бенизомӣ, бетартибӣ ва ғоратгарӣ ҳукмфармо буд. Имрӯз дар Тоҷикистон вазорати мудофиа, қӯшунҳои сарҳадӣ, армияи чандҳазонафараи милитсия ва дигар мақомоти низомӣ фаъолият менамояндвале аз ин ҳама ному нишоне он замон набуд.

Муҳимтарин далелҳои бунёди низоми идора ва ҳокимияти давлатӣ, ки бо номи асосгузори давлати тоҷикон вобастагӣ дорад, дар чунин нуктаҳо нуҳуфтаанд:

- Конститутсияи навини Точикистон, ки уро «Бахтномаи миллат», меноманд, бо ташаббус ва рохбарии бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон коркард ва кабул карда шуд.

- дар шароити фалаҷи идоракунии давлатӣ, ӯ мақомоти нави давлатӣ таъсис дода, низоми идоракунии кишварро роҳандозӣ намуд;

- низоми идоракунӣ таҳти роҳбарии ӯ ислоҳоти сохториро аз сар гузаронд ва комилан симои нав гирифт;

- ҳолати кунунии идоракунӣ, ки аз давраи шуравӣ ва солҳои аввали истиқлол фарқ дорад, далели он аст, ки Пешвои миллат на танҳо пояи давлатро гузошт, балки онро то сатҳи давлати муосири ҷаҳонӣ рушд дод;

- ӯ, инчунин, низоми қӯшун, сарҳад ва амният, инчунин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро таъсис дода, ҳуқуқи инсон ва шаклҳои гуногуни моликиятро кафолат бахшид;

- бо ташаккули заминаи ҳуқуқии таҷзияи ҳокимият ва низоми мувозинаи давлатдорӣ, ӯ барои таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини манфиати инсон саҳми назаррас гузошт [39, с. 11-44].

Дар моддаи 2 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат аз 14.11.2016 №1356.» чунин омадааст: «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқи аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат рамзи пойдориву бардавомии давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардааст, эътироф карда мешавад.

Нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат маҳдудияти бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шудан ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегардад» [4].

Дар ҷаҳони имрӯза институти Пешвои миллат зина ба зина рушд карда истодааст.

Инчунин, ин институт дар Ҷумҳурии Туркманистон Қонуни конститутсионии Туркманистон дар бораи Пешвои миллии халқӣ Туркманистон қабул карда шудааст.

Қонуни конститутсионии мазкур ба нақши шахсиятҳои барҷаста дар ҷомеа аҳаммияти хоса дорад, ки дар пешрафти босуръати Туркманистони соҳибистиқлолу доимии бетараф ҳамчун давлати муосир ва тавоно дар ҷаҳон ва бунёди модели миллии давлатдорӣ хизмати беандоза доранд, ки дар байни мардум бо ростгӯй, инсоф, бофаҳмӣ, хирадмандӣ, инсондӯстӣ эҳтироми зиёд доранд ва дидгоҳҳои дорои иззату эҳтироми бепоёни мардум ҳастанд, такя ба анъанаҳои беназири мардуми туркман, ки дар тӯли асрҳо ба ин сӯ, таҷрибаи ғании аҷдодони мо дар идораи давлатдорӣ ҷамъ овардаанд, ба воқеияти ҳаёти ҷомеаи муосир ва иродаи халқи мо мувофиқанд, Пешвои миллии халки туркманро эътироф мекунад, макоми сиёсию хукукии уро муайян мекунад [2].

Инчунин, барои хизматҳои махсус дар рушди ҳамаҷонибаи Туркманистони соҳибистиқлоли доимии бетараф, баланд бардоштани нуфузи байналмилалии он, татбиқи бомуваффақияти сиёсати инсондӯстонаи «Давлат барои халқ аст», таҳкими якпорчагии ҷомеаваҳдату ягонагии халк, ки солхои зиёд дар фаъолияти давлатӣ ва чамъиятӣ кор карда, дар вазифаи Президенти Туркманистон ҳамчун ифодаи шаъну шарафи беандоза, шарафи баланд, эҳтироми бузург ва муҳаббати мардум дар асоси қонун шахсияти бузурги замони моро, ки дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф шудааст ходими намоёни давлатӣ ва бонуфузи сиёсӣ ва чамъиятӣ, Кахрамони Туркманистон, Пири фахрии халки Туркманистон, Раиси Маслахати халкии Туркманистон, Пешвои Миллии халки Туркманистон мухтарам Гурбонгули Бердимухамедов эърироф карда шавад.

Қонунҳои Ҷумҳурии Туркманистон барои Пешвои миллии халқи туркман як қатор ҳуқуқҳои доимӣ пешбинӣ кардаанд:

1) Ӯ метавонад ба мардуми Туркманистон дар бораи масъалаҳои муҳимми сиёсати дохилӣ, хориҷӣ, амният ва рушди иҷтимоиву иқтисодии

кишвар муроҷиат кунад. Ҳар як пешниҳоди ӯ бояд аз тарафи мақомоти давлатӣ баррасӣ шавад;

2) Пешвои миллӣ метавонад дар ҷаласаҳои Маҷлиси Туркманистон иштирок намуда, ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои муҳимми давлатӣ ё лоиҳаҳои қонунгузорӣ баромад намояд;

3) Ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои Девони Вазирони Туркманистон, ки ба самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ марбутанд, Пешвои миллӣ ҳақ дорад ширкат варзида, пешниҳодҳо намояд ва мавқеи худро иброз кунад;

4) дар маҷлисҳо ва анҷуманҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо дастурҳои ибратбахш, инчунин, бо даъватҳои сиёсию оммавӣ, ки таъмини ҳокимияти давлатии Туркманистон, ҳарчи бештар мустаҳкам намудани ҳокимияти одилона, хирадмандона, дурандешона ва инсондустии ватаниро пешбинӣ мекунанд ва сиёсати хориҷии Президенти Туркманистонваҳдат, иттиҳоди халқи мо, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арҷ гузоштани ҷавонон ба ваҳдати оилавӣ, анъанаҳои миллӣ, сиёсати мустақилу бетарафии кишвар, принсипҳои неки ҳамсоягӣ, ҳамбастагӣ, инсондӯстӣ, адолат ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум шаъну шарафи инсон баромад кунад [2].

Пешвои миллии халқи Туркманистон ва аъзои оилаи ӯ ҳуқуқи дахлнопазирӣ доранд. Ҳуқуқи дахлнопазирӣ ба моликияти ӯ ва моликияти аъзои оила низ дахл дорад.

Таъмини фаъолияти Пешвои миллии халқи туркман тавассути мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад. Таъмини хизматрасониҳои расмӣ, манзилӣ, иҷтимоӣ, нақлиётӣ, алоқа, тиббӣ, санаторӣ ва дигар хизматрасониҳо ба Пешвои миллати Туркманистон, инчунин, таъминоти моддӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад. Пешвои миллии халқи Туркманистон узви доимии Маслаҳати халқии Туркманистон мебошад.

Пешвои миллии халқи Туркманистон дар ҷойҳои истиқомати доимӣ ё муваққатии ӯ, инчунин, аъзоёни оилааш бо ҳимояи давлат таъмин карда мешаванд. Ҳимояи давлатии Пешвои миллии халқи Туркманистон ва аъзои оилаи ӯро мақомоти амнияти давлатӣ амалӣ мекунанд [2].

Ақидаи давлати иҷтимоӣ дар асри 19 пешбарӣ шудааст. Олими Олмон Лоренс фон Штейн (1815-1890) яке аз поягузорони ин ақида маҳсуб мешавад. Пешбарӣ ва паҳн шудани ин ақида омилҳои зерин дорад:

– нобаробарии иҷтимоии аҳолӣ, афзоиши тафовути байни сарватмандон ва аҳолии камбизоатвазнин гаштани шароити зиндагии бенавоён дар натиҷаи амалӣ гаштани назарияи классикии либералӣ зимни ақидаҳои озодии беинтиҳои фардӣ, манъи дахолати давлат ба ҳаёти иқтисодӣ, нуфузи озодии фардӣ дар таносуб бо баробарӣ;

– афзоиши низои иҷтимоӣ дар ҷомеа, норозигии коргарон ва гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ, муборизаи синфи байни сарватмандон ва коргарон, инқилобҳои сотсиалистӣ;

– буҳрони назарияи классикии либералӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, амалӣ гаштани назарияҳои давлати хайри умум, афзоиши фаъолияти иқтисодии давлатҳои Ғарб бо мақсади паст намудани сатҳи нобаробарии иҷтимоии аҳолӣ, низои иҷтимоӣ, таъмини ҳамбастагии иҷтимоӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеа, роҳандозии модели фаъолияти иҷтимоӣ дар давлати хайри умум;

– буҳрони иқтисодии солҳои 1930, ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ, харобиҳои ҷангӣвазнин шудани шароити зиндагии одамон;

– паҳн шудани назарияи адолатпешагии Ҷ.Роулс, аз ҷумла ақидаҳои «давлати некхоҳ», хизмати иҷтимоии давлат, аз нав тақсим намудани даромадҳои аҳолӣ, инчунин, назарияи ҳамбастагии иҷтимоии Леон Дюги бо мақсади таъмини созиши иҷтимоии ҷомеа;

– эълон шудани ҳуқуқҳои насли дуюм, яъне иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (Эъломияи ҳуқуқи башар,

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ), таъмини ин ҳуқуқҳо чун вазифаи давлатҳо, бо ҳам пайвастани ғояҳои давлати иҷтимоӣ ва давлати ҳуқуқбунёд;

– вусъати фаъолияти иқтисодии давлатҳо пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои насли дуюм;

– роҳандозии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дар давлати шуравӣ ва дигар сибиқ давлатҳои сотсиалистӣ, афзоиши аҳаммияти таҷрибаи сотсиалистӣ дар мисоли аз байн бурдани бекорӣ, беҳтар гаштани шароити зиндагии аҳолӣ, таъмини баробарии иҷтимоӣ, ҳадди ақали баробарии иҷтисодӣ, аз байн бурдани сарватмандӣ ва бенавоӣ, муваффақиятҳои назаррас дар соҳаи илм, маориф, тандурустӣ ва ғайраҳо, паҳн шудани таҷрибаи сотсиалистӣ дар Амрикои Лотинӣ (Куба, Венесуала ва ғайра), Африка, Осиё, аз он ҷумла дар як қатор давлатҳо араб (Миср, Алҷазоир ва диг.), истифодаи унсурҳои ҷудогонаи модели сотсиалистӣ дар кишварҳои Ғарб;

– эътирофи конститутсионии давлати иҷтимоӣ, афзоиши нуфузи сиёсати иҷтимоии давлатҳои муосир баҳри таъмини шароити зиндагии арзанда, амалӣ агштани модели омехтаи давлати иҷтимоӣ ва давлати ҳуқуқбунёд зимни ғояи давлати иҷтимоии ҳуқуқбунёд;

– афзоиши талаботи моддӣ ва маънавии одамон дар асрҳои 20 ва 21 дар натиҷаи афзоиши шумораи аҳолии сайёра, пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулот, хосилнокии меҳнат, рушди илмӣ, техникӣ, технологии иттилоотӣ;

– вусъати фаъолияти қувваҳои ҷонибдорӣислоҳоти иҷтимоӣ, фаъолияти сиёсии ҳизбҳои сиёсӣ, сотсиал-демократӣ, коммунистӣ ва ғайра;

– амалияи давлатдории иҷтимоӣ дар ИМА, Канада, Британияи Кабир, Олмон, Шветсия, Норвегия ва дигар давлатҳои Ғарб дар соҳаи ислоҳоти нафақа, суғурта, маориф, тандурустӣ, кӯмаки иҷтимоӣ ва ғайра;

